# АХБОРОТ

оид ба ҳолати иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (солҳои 2021- 2025) бо ҷамъбасти соли 2024

Коррупсия - яке аз падидаҳои манфии ҷаҳони муосир аз замонҳои қадим вуҷуд дошта, дар тамоми марҳилаҳои таърихии ташаккули ҷомеаи башарӣ ба мушкилоти гуногунҷанба мубаддал гардидааст, ки ба осонӣ наметавон ҳамаи паҳлуҳои онро муайян кард. Чунки шаклҳои гуногуни коррупсия аз сарчашмаҳои мухталиф маншаъ гирифта, зуҳури он дар ҳама маврид ба идоракунии давлат ва ниҳодҳои он, инчунин тамоми ҷомеа тариқи ниҳонӣ ва ошкоро таъсири манфӣ мерасонад.

Ин зуҳуроти номатлуб ба фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ва самаранокии идоракунии давлат таъсири манфӣ расонида, рушди босуботи иқтисодию сиёсии кишварҳоро халалдор менамояд ва дастрасии аҳолиро ба таълим, тарбия ва дигар хизматрасониҳои давлатӣ аз байн бурда, нобаробарии иҷтимоиро ба вуҷуд меорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки воситаи асосии муқовимат ба коррупсия на иҷрои амалҳои расмӣ, балки татбиқи воқеии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамзамон намунаи ибрати шахсӣ дар риояи қонунгузории зиддикоррупсионӣ мебошад.

Аз ин рӯ, бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвари мо як қатор ислоҳоти ҳуқуқӣ дар самти танзими сохтори қонунҳо мутобиқи меъёрҳои байналмиллалӣ рӯи кор омада, барои мубориза бо ин падидаи номатлуб чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Мусаллам аст, ки коррупсия оқибатҳои вазнину нангинро ба бор оварда, бо расонидани таъсири манфӣ ба иқтисодиёти мамлакат низоми молиявӣ ва рукнҳои давлатдориро заиф мегардонад, ки дар натиҷа боварии мардум аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат аз байн меравад.

Бо назардошти оқибатҳои манфии коррупсия дар устуворӣ ва идоракунии давлат, поймолкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, инчунин рушди иқтисодиёти кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мубориза бо ин падидаи хатарнок ва таҳдидкунанда ба амнияти миллиро пурзӯр карда истодаанд.

Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бар меояд, ки танҳо як мақомоти идоракунӣ қудрати аз байн бурдани зуҳуроти коррупсияро надошта, бо мақсади ба роҳ мондани муқовимати дастаҷамъона ба он барномаву консепсияҳо ва стратегияҳои милии мубориза бо коррупсия ба тасвиб расонида шудаанд. Баъзе кишварҳо барои тақвият бахшидани мубориза ба ин падидаи манфур бо қабули барномаҳои давлатӣ сиёсати зиддикоррупсионии худро низомнок амалӣ намуда, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар заминаи риояи меъёрҳои он ба роҳ мондаанд.

Аз ин лиҳоз, бо талошҳои пайвастагии Пешвои муаззами миллат, субъектони ба коррупсия бевосита муқовиматбаранда, алалхусус Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаи қотеонаро бар зидди коррупсия ба роҳ монда, ба ин

васила фазои мусоиди соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар кишвар фароҳам оварда истодаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия дар сатҳи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ иқдомоти зиёдеро амалӣ намуда истодааст. Аз ҷумла, дар сатҳи байналмилалӣ кишвари мо 25 сентябри соли 2006 ба «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» имзо гузоштааст, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар 16 апрели соли 2008 тасдиқ гардидааст. Дар баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон узви шабакаи зиддикоррупсионии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд буда, пайваста ҳисоботҳои даврӣ ва фосилавии худро унвонии ин Созмон пешниҳод менамояд. Дар сатҳи доихилдавлатӣ бошад дар баробари ташаккули заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таъсиси мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия баҳри пешгирӣ ва муборизаи беамон бо ин падидаи хатарзою фалаҷкунандаи давлату ҷомеа чандин барномаву стратегияҳо, аз ҷумла «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34, «Стратегияи муковимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 ва «Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (2021-2025) бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 қабул ва тасдиқ гардиданд.

Дар се маврид таҳия ва амалӣ намудани стратегияҳои муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки айни замон низ татбиқи он ҷараён дорад, шаҳодати ташаккули сиёсати ҳамоҳангшудаи зиддикоррупсионӣ бо ҷалби ҳамаи қишрҳои ҷомеа ва сохтору мақомоти давлатӣ дар пешгирӣ ва муборизаи дастаҷамъона бо ин падидаи манфӣ маҳсуб ёфта, амалисозии чунин чорабиниҳо дар самти муқовимат ба коррупсия, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун кафолати ноил гардидан ба дастовардҳо шинохта шудааст.

Самтҳои асосии Стратегия асосан ба мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таҳлили мунтазами вазъи содиршавии ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд, тақвият бахшидани пешгирии коррупсия дар соҳаҳои хизмати давлатӣ, маорифу тандурустӣ, андозу гумрук, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳое, ки фаъолияташон аз нигоҳи коррупсия осебпазир маҳсуб меёбанд, иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма дар раванди муқовимат ба коррупсия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ, мукаммалгардонӣ ва ислоҳоти низоми идоракунии назорати давлатии молиявӣ, ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ҷиҳати бартараф намудани омилҳои инсонӣ, муқовимат ба коррупсия тавассути татбиқи чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ, экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо, тақвият бахшидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар раванди пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, ки ҷиҳати коҳиш ва бартараф намудани коррупсия нақши калидӣ доранд, равона гардидаанд.

Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ аҳамияти умумиҳатмӣ дошта, барои иҷро ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳои давлатӣ дастрас карда шудааст.

Дар як вақт матни Стратегия дар сомонаи расмии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон anticorruption.tj барои дастрасии омма интишор гардида, дар доираи нақшаи баргузории чорабиниҳои таблиғотию ташвиқотӣ, инчунин бо натиҷаи санҷишу таҳлилҳои гузаронидашуда оид ба иҷрои он масъулини Агентӣ мунтазам муқаррароти ин барномаи давлатии зиддикоррупсиониро миёни хизматчиёни давлатӣ ва кормандони дигар мақомоти давлатии шарҳу тавзеҳ доданд.

Аз ҷумла, баҳри огоҳсозӣ, пешгирӣ, таълиму тарбия ва баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ дар вазорату кумитаҳо ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ кормандони Агентӣ дар соли 2024 дар маҷмӯъ 1053 сӯҳбату вохӯриҳо, аз ҷумла 232 маротиба дар вазорату кумитаҳо ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, 140 маротиба дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, 272 маротиба дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва 409 маротиба дар дигар корхонаву ташкилотҳо анҷом додаанд.

Илова бар ин, бо ташаббуси Агентӣ 50 мизи мудаввар, 70 семинар ва 20 конфронс баргузор гардида, кормандони мақомот дар 216 чорабиниҳои доирнамудаи дигар ниҳодҳои давлатӣ ва созмону ташкилотҳои байналмилалӣ иштирок ва бо маърӯзаҳо вобаста ба мавзӯҳои зиддикоррупсионӣ аз ҷумла, доир ба Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он баромад намуданд.

Боиси қайд аст, ки мухлати амалӣ намудани Стратегия барои давраи то соли 2030 пешбинӣ карда шуда, нақшаи чорабиниҳои татбиқи он ба ду марҳилаи панҷсола, яъне марҳилаи якум барои солҳои 2021-2025 ва марҳилаи дуюм, ки он дар панҷсолаи дуюм бояд тасдиқ гардад, чудо карда шудааст.

Барномаи Стратегия аз 5 боб ва 195 банд иборат буда, боби сеюми он, ки ба самтҳои асосии Стратегия бахшида шудааст, 10 параграф дорад. Дар Стратегияи мазкур мақсад, вазифа ва принсипҳои амалигардонии Стратегия, самтҳои асосӣ, механизми амалигардонӣ, мониторинг ва баҳодиҳии Стратегия оварда шудаанд.

Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия бошад аз 70 банд иборат буда, дар он тибқи механизми амалигардонии Стратегия номгӯи чорабиниҳо, мақсад (натиҷаҳои маъмулӣ)-и дарназардошташуда, мухлати иҷро, иҷрокунандагон ва маблағгузории он нишон дода шудааст. Чорабиниҳои пешбинишуда тибқи самтҳои асосии Стратегия гурӯҳбандӣ карда шуда, мақсад ва натиҷаҳои чашмдошти дар барнома пешбинишударо пурра дарбар мегиранд.

Дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот назорати мунтазам ва давра ба давраи рафти таъмини иҷрои барномаи идоравии (соҳавии)

зиддикоррупсионӣ ва нақшаи дохилиидоравӣ аз ҷониби шахсони мутасаддие, ки аз ҳисоби роҳбарони аввал бояд бошанд, пеш бурда мешавад. Бинобар ин ҷиҳати таъмини иҷрои самаранок ва саривақтии чорабиниҳои дар барнома ва нақшаи татбиқи Стратегия пешбинишуда зарур аст, ки фаъолияти субъектони иҷро бояд мунтазам ва давра ба давра таҳти назорат қарор дода шавад.

Дар банди 5 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 3 августи соли 2021, №222 вобаста ба назорати давра ба давраи иҷрои Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он қайд гардидааст, ки Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати иҷрои Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии онро таъмин намоянд.

Воқеан ба ҳайси мақоми умумиллии машваратӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷалби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамзамон ҷиҳати амалигардонии чораҳои назоратӣ оид ба таъмини иҷрои ҳолати Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он нақши Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон калон аст. Назорати иҷрои Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он аз ҷониби Шӯрои мазкур бо роҳи баргузор намудани ҷаласаҳои Шӯро, таҳия ва тасдиқи нақшаҳои корӣ, ҷамъоварии маълумотҳои зарурӣ дар ин самт ва ғайра амалӣ мегардад.

Мониторинги Стратегия ин маҷмӯи чораҳои назоратӣ, санҷишӣ, таҳлилӣ, маълумотӣ ва арзёбии тадбирҳо бо мақсади амалисозии шаффофи Стратегия ва нақшаи чорабиниҳои он вобаста ба вазъияти воқеӣ, инчунин пешравиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии ҷомеа ва давлатро дарбар мегирад.

Натиҷаҳои мониторинг бо ҷамъбасти сол тибқи тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010, №968 тасдиқ шудааст, дар ҷаласаҳои Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Тибқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлтӣ давра ба давра амалисозии муқаррароти Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба воситаи Нақшаи чорабиниҳо, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, таъмин мегардад.

Пешбурди назорат ҷиҳати муайян намудани ҳолати иҷрои Стратегия аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи мунтазам дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳамасола гузаронидани санҷишу таҳлилҳо роҳандозӣ карда шуда, аз натиҷаи арзёбӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол мегардад.

Барои арзёбии самараноки амалисозии Стратегия ба мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки ваколатдори амаликунандаи мониторинг маҳсуб меёбад, ваколатҳои кофии ҳаллу фасл намудани масоили иҷро нагаштан ё пурра иҷро нашудани Стратегия таъмин карда шудааст. Зеро амалишавии дилхоҳ дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳақиқат ба ҳамин барномаи зиддикоррупсионӣ вобастагӣ дорад.

Мутобиқи сархати дуюми банди 3 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 3 августи соли 2021, №222 вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадор карда шудаанд, ки оид ба иҷрои Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он ҳамасола ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол намоянд.

Мониторинг ва арзёбии амалишавии Стратегия ба дараҷаи таъмини иҷрои талаботи бандҳои Нақшаи чорабиниҳои татбиқи барнома вобастагӣ дошта, дар ҷараёни он ба самаранокии фаъолияти иштирокчиён дар амалигардонии тадбирҳои банақшагирифташуда, натиҷаҳои бадастомада ва дараҷаи ноилшавӣ ба нишондиҳандаҳои пешбинишудаи мақсаднок баҳогузорӣ мегардад.

Тазаккур бояд дод, ки дар боби 4-уми Стратегияи мазкур вобаста ба механизми амалигардонии он шарҳи умумӣ дода шудааст. Воқеан Стратегия тавассути фаъолияти якҷояи мақомоту муассисаҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ бо дастгирии шарикони иҷтимоӣ дар ҳамоҳангсозӣ бо Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар амал татбиқ намудани сиёсати зиддикоррупсионии давлат танҳо аз фаъолияти мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия ё дигар субъектони бевосита ба коррупсия муқовиматбаранда вобастагӣ надошта, дарбаргирандаи фаъолияти тамоми дастгоҳи давлатӣ, мақоми қонунгузор, иҷроия ва судӣ, воситаҳои ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

Мутаассифона, натиҷаи таҳлил нишон дод, ки ниҳодҳои дахлдори кишвар иҷрои бандҳои дахлдори барномаи давлатии зиддикоррупсиониро сарфи назар карда, бо бэътиноию бетарафии худ барои натиҷагирии манфӣ ва паст гардидани мавқеи кишвар дар радабандиҳои байналмилалӣ мусоидат намудаанд.

Тамоми тадбирҳои дар Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия пешбинишуда бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои пешгузошта, аз қабили баланд бардоштани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ, пешгирӣ намудани коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ, баланд бардоштани руҳияи хизматчиёни ҷавони давлатӣ, пешгирии коррупсия дар соҳаҳои андоз, гумрук, замин ва ғайра, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ ва соддагардонии барасмиятдарории амалиётҳо, баррасии холисонаи арзу муроҷиатҳо аз ҷониби ниҳоди мустақил, рушди рақобат миёни таҳвилгарон ва баланд гардидани самаранокии харидҳои давлатӣ, пешгирии коррупсия ҳангоми баррасии

парвандаҳо дар судҳо, таъмини шаффофият дар фаъолияти судҳо, бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти андоз ва андозсупорандагон, ҷалби бештари шаҳрвандон ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, пешгирӣ намудани ҳодисаҳои қочоқ, пешгирии коррупсия дар зинаҳои поёнии маъмурӣ ва аз байн бурдани бархӯрди манфиатҳо ҳангоми татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ ва даҳҳо дигар натиҷаҳои мусбӣ равона карда шудаанд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои дар Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи мазкур барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) пешбинишуда, тамоми вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилоту муассисаҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолияти самаранок анҷом диҳанд.

Тартиби (механизми) амалисозии Стратегия, тақвиятбахшии муқовимат ба коррупсия дар соҳаҳои хизмати давлатӣ, маорифу тандурустӣ, андозу гумрук, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва соҳаҳои дигаре, ки фаъолияташон аз нигоҳи коррупсия осебпазир маҳсуб меёбанд, иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори омма дар раванди муқовимат ба коррупсия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ, мукаммалгардонӣ ва ислоҳоти низоми идоракунии назорати давлатии молиявӣ, муқовимат ба коррупсия тавассути татбиқи чораҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ, экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тақвият бахшидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ, мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар раванди пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, мониторинг ва баҳодиҳии Стратегия чорабиниҳое мебошанд, ки онҳо ҷиҳати таъмини иҷро ба зиммаи соҳаҳои ҷудогона дар алоҳидагӣ вогузор карда шудаанд.

Аз рӯи моҳияти Барнома ва Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия субъектҳои татбиқкунандаи он мазмунан ба се гурӯҳ, яъне иҷрокунанда (иҷрокунандагони якум), ҳамиҷрокунанда ва субъектҳое, ки дар таъмини иҷрои бандҳои хусусияти умумидошта мувazzаф ҳастанд, ҷудо карда шудаанд.

Мутобиқи сархати дуюми банди 3 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 3 августи соли 2021, №222 вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадор карда шудаанд, ки оид ба иҷрои Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он ҳамасола ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол намоянд.

Дар маълумотнома вобаста ба таъмини иҷрои бандҳои вобастаи соҳа ва дар маҷмӯъ оид ба сатҳи иҷрои Барнома дар соли таҳлилӣ нишондиҳандаҳо бояд пурра ва дақиқ нишон дода шаванд. Агар иҷрои талаботи чорабиниҳои дар ягон банд пешбинишуда дар муҳлати

муқарраршуда таъмин нашуда бошад, пас ҳатман сабабҳои он дар маълумотнома нишон дода шуда, минбаъд тибқи талаботи банди 185 барномаи Стратегия ичрои онҳо бояд аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои дигар дар нақшаи соли оянда пешбинӣ карда шаванд.



**Ҳамчунин, дар Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия 6 банди умумӣ пешбинӣ гардидааст, ки муқаррароти он ба ҳамаи иҷрокунандагон мансубият дорад**

**Таҳия ва тасдиқи барномаи дохилидоравии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи чорабиниҳои он барои ҳар сол**

**1**

**2**

**Муайян намудани шахси мутасаддӣ аз ҳисоби роҳбарони аввали вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият**

Андешидани чораҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ва дар ин замина таъмини шаффофият дар раванди иҷрои

**52**

**БАНДҲОИ УМУМӢ**

**6**

**Вусъат додани раванди бо манзили истиқоматӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин намудани хизматчиёни давлатӣ, ҷудо намудани қарзҳои бефоиз ва дарозмуддат барои сохтмони манзили истиқоматӣ. Бо ин мақсад таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳо**

**49**

**23**

**Бо тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия рушди муназзами сомонаҳои расмӣ ва интишори маълумот оид ба пешгирии коррупсия**

**Амалӣ намудани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи иттилоотӣ баҳри кам намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматчиёни давлатӣ, инчунин муайян намудани рақами телефони боварии доимоамалкунанда ва фаъол нигоҳ доштани онҳо**

## Муҳлати иҷрои бандҳои Стратегия ба таври зайл пешбинӣ гардидааст:

СОЛИ 2021
БАНДҲОИ **1, 2**
(2 БАНД)

СОЛИ 2022
БАНДҲОИ
**11, 26, 34, 36, 50, 61, 62**
(7 БАНД)

СОЛИ 2023
БАНДҲОИ
**16,19,20,24,32,33, 42,44,45,46,60**
(11 БАНД)

СОЛИ 2024
БАНДҲОИ
**7, 21**
(2 БАНД)

СОЛИ 2025
БАНДҲОИ
**8,9,12,13,14,17,23, 25,27,35,51,56,58, 59,63,67,68,69,70**
(19 БАНД)

МУНТАЗАМ
БАНДҲОИ
**3,4,5,6,10,15,18,22,28, 29,30,31,37,38,39,40,41, 43,47,48,49,52,53,54,55, 57,64,66**
(29 БАНД)

Дар банди 4 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» оварда мешавад, ки Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола мониторинги маҷмӯии ҷараёни иҷрои Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии онро гузаронида, аз натиҷааш ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Албатта, мониторинг ва арзёбии амалишавии Стратегия ба дараҷаи таъмини иҷрои талаботи бандҳои Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Барнома вобастагӣ дошта, дар ҷараёни он ба самаранокии фаъолияти иштирокчиён дар амалигардонии тадбирҳои банақшагирифташуда, натиҷаҳои бадастомада ва дараҷаи ноилшавӣ ба нишондиҳандаҳои пешбинишудаи мақсаднок баҳогузорӣ мегардад.

Мониторинги маҷмӯии натиҷаи иҷрои Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он дар соли 2024 дар асоси санҷишу таҳлилҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар гузаронида шуда, дар натиҷа муайян гардид, ки ҷараёни иҷрои ин Барномаи давлатӣ дар ҳолати зерин қарор дорад.

Аз ҷумла, фасли 1-уми Нақша, ки «Чорабиниҳои умумӣ оид ба амалисозии Стратегия»-ро пешбинӣ менамояд, аз 3 банд иборат буда, талаботи бандҳои 1 ва 2-и он (муҳлати иҷрои бандҳои мазкур соли 2021) ҳамаи иҷрокунандагони барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ, яъне вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигарро новобаста аз шакли ташкилию

ҳуқуқиашон мувазззаф гардонидааст, ки бо мақсади таъмини иҷрои пурра ва воқеъбинонаи Стратегия ва ба низом даровардани рафти таъмини иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он тамоми чораҳои судмандро амалӣ намоянд.

Зимнан, мониторинг ва баҳодиҳӣ, инчунин санҷишҳои гузаронидашуда собит намуд, ки дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо барномаҳои дохилидоравии зиддикоррупсионӣ ба тасвиб расида, ҳамасола нақшаи чорабиниҳои он тасдиқ карда шуда, фаъолияти минбаъда дар самти амалигардонии Стратегия тибқи чорабиниҳои банақшагирифташуда роҳандозӣ карда мешаванд. Вале боиси қайд аст, ки на дар ҳама ҳолат нақшаҳои батасвибрасонидаи ин ниҳодҳо аз муқаррароти Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия сарчашма гирифтаанд ва маҳз ҳамин инҳироф сабаб гардидааст, ки иҷрои талаботи баъзе бандҳои Нақшаи амалигардонии Стратегияи мазкур таъмин нагардад.

Бояд тазаккур дод, ки санаи 24 феврали соли 2017 ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мувофиқан таҳти рақамҳои №1382 ва №1386 тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, иҷро накардани чорабиниҳои барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи татбиқи онҳо ҳамчун ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба коррупсия алоқаманд эътироф карда шуд. Моддаи 663[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷро накардани чорабиниҳои барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи татбиқи онҳо ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ кардааст.

Соли сипаришуда аз ҷониби мақомоти Агентӣ дар вазорату идораҳо, муассисаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ 127 санҷишу таҳлилҳо гузаронида шуда, барои иҷро накардани чорабиниҳои барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ 354 нафар масъулини вазорату идораҳои мавриди санҷиш қарор гирифта мутобиқи моддаи 663[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд.

Дар воқеъ, дар доираи барномаҳои зиддикоррупсионӣ амалӣ намудани чорабиниҳо, дар самти муқовимат ба коррупсия, гувоҳи ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва кафолати ноил гардидан ба дастовардҳо дар ин ҷода шинохта шуда, бо мақсади таъмини иҷрои талаботи банди 4 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» Агентӣ мониторинги маҷмӯии ҷараёни иҷрои Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии онро ҳамасола баргузор менамояд.

Таҳлилҳои солҳои қаблӣ собит намудааст, ки сабаби дигари ноиҷро ё қисман иҷрогардида баҳогузорӣ намудани чорабиниҳои Нақшаи Стратегия аз он бармеояд, ки дар аксар мавридҳо масъулини вазорату идораҳои дахлдор маълумоти зарурироо сари вақт манзур накарда, дар баъзе мавридҳо умуман аз пешниҳоди он худдорӣ менамуданд. Дар баробари ин маълумоти пешниҳоднамудаи вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ носаҳеҳ, мухтасар ва қолабӣ буда, тамоми бандҳои дахлдори Нақшаро фарогир нестанд ва онҳо мухтасар ё нопурра таҳия гардидаанд. Боиси нигаронист, ки ин раванд то ҳол идома дорад, вале зарур

аст, ки шахсони муттасадии ниҳодҳои давлатӣ бояд бо масъулияти баланди касбӣ ва ҷиддияти том маълумотномаи рафти иҷрои ин барномаи давлатиро таҳия намоянд.

Тавре дар боло ишора рафт, аз рӯи моҳияти Барнома ва Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия субъектҳои татбиқкунандаи он мазмунан ба се гурӯҳ ҷудо карда шудаанд, яъне иҷрокунанда (иҷрокунандагони якум), ҳамиҷрокунанда ва субъектҳое, ки дар таъмини иҷрои бандҳои хусусияти умумидошта вазифадор маҳсуб дониста шудаанд.

Мутаассифона аз таҳлилҳо бармеояд, ки муқаррароте, ки дар эзоҳи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) дар хусуси он, ки маълумотнома аз ҷониби иҷрокунандаи якум вобаста ба таъмини иҷрои Стратегия бояд дар асоси иттилооти пешниҳоднамудаи ҳамиҷрокунандагон таҳия карда шуда, ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардад, риоя карда нашудааст.

Зимни таҳлили маълумотҳои пешниҳодгардида муайян карда шуд, ки вазъи таҳияи маълумотномаҳо вобаста ба иҷрои бандҳои дахлдори Нақша дар ниҳодҳои давлатӣ то ҳол нигаронкунанда буда, маълумотҳои пешниҳодшуда хилофи ҳамдигар ва натиҷаи ниҳоии онҳо номуайян мебошад, ки ин ҳолат ҷиҳати таҳияи маълумотномаи ҷамъбастӣ ва баҳодиҳии ҷараёни амалисозии Стратегия мушкилоти зиёдеро эҷод намуд.

Дар асоси таҳлил ва мониторинг муайян карда шуд, ки сабабҳои асосии иҷро нагардидан ё қисман иҷро гардидани баъзе бандҳои барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ, аз бемасъулиятии шахсони муттасадӣ дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ба таври дахлдор воқиф набудан аз талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти муқовимат ба коррупсия, хусусан талаботи бандҳои Нақшаи болозикр ба ҳисоб меравад.

Инчунин, назорати нокифоя ва ба таври зарурӣ роҳандозӣ накардани татбиқи воқеии талаботи ин барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ, наандешидани чораҳои назорати давлатии молиявӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ ва дигар омилҳо барои дар сатҳи дахлдор таъмин нагардидани муқаррароти он мусоидат намудаанд.

Талаботи бандҳои 7, 11, 16, 21, 26, 42, 60, 61 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия, ки иҷрокунандагони асосии онҳо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, энергетика ва захираҳои об ва дигар соҳаҳое, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд, инчунин Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мeёбанд, бинобар дар баррасӣ қарор доштани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии таҳиянамуда, мавқуф гузошта шудани такмили қонунгузорӣ дар баъзе самтҳо, ҳамчунин бинобар дарёфт нагардидани манбаи маблағгузорӣ дар муҳлати муқарраршуда таъмин карда нашудаанд.

Илова бар ин, дар Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия муҳлати иҷрои 16 банд солҳои 2021-2025 (8, 9, 12, 13, 14, 17, 23, 25, 27, 35, 58, 59, 67, 68, 69, 70) ва 3 банд (51, 56, 63) то соли 2025 пешбинӣ гардидааст.




Аз рӯи нишондиҳандаҳои омории ҷиноятҳои аз ҷониби Агентӣ бақайдгирифта бармеояд, ки дар 4-соли охир вазъи содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии ба коррупсия алоқаманд дар баъзе вазорату идораҳо сол то сол рӯ ба афзоиш дорад, аз ҷумла:

| Номгӯйи вазорату идораҳо | ҲАМАГӢ ҷиноят | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|
| Дар мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ | **1035** | **273** | **283** | **222** | 257 |
| Вазорати адлия | **51** | **8** | **14** | **18** | **11** |
| Вазорати корҳои дохилӣ | **250** | **65** | **61** | **50** | **74** |
| Вазорати мудофиа | **260** | **27** | **23** | **39** | **171** |
| Вазорати кишоварзӣ | **106** | **10** | **8** | **29** | **59** |
| Вазорати маориф ва илм | **732** | **137** | **245** | **178** | **172** |
| Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | **875** | **87** | **142** | **147** | **123** |
| Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ | **131** | **29** | **49** | **33** | **20** |
| Вазорати молия | **39** | **1** | **15** | **16** | **7** |
| Вазорати нақлиёт | **62** | **21** | **37** | **2** | **2** |
| Вазорати корҳои хориҷӣ | **1** | **1** | **0** | **0** | **0** |
| Вазорати рушди иқтисод ва савдо | **1** | **0** | **0** | **1** | **0** |
| Вазорати саноат ва технологияи нав | **18** | **4** | **11** | **2** | **1** |
| Вазорати фарҳанг | **43** | **24** | **3** | **5** | **11** |
| Вазорати энергетика ва захираҳои об | **8** | **1** | **1** | **3** | **3** |
| Кумитаи давлатии амнияти миллӣ | **26** | **2** | **4** | **0** | **20** |
| Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ | **532** | **135** | **134** | **169** | **94** |
| Кумитаи давлати сармоягузори ва идораи амволи давлатӣ | **9** | **1** | **3** | **1** | **4** |
| Кумитаи андоз | **60** | **9** | **11** | **32** | **8** |
| Кумитаи меъморӣ ва сохтумон | **32** | **4** | **4** | **6** | **18** |
| Кумитаи телевизион ва радио | **-** | **0** | **0** | **0** | **0** |
| Кумитаи ҳифзи муҳити зист | **34** | **13** | **3** | **14** | **4** |
| Кумитаи ҳолатҳои фавкулода ва мудофиаи граждани | **2** | **0** | **0** | **2** | **0** |
| Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш | **18** | **0** | **10** | **7** | **11** |
| Кумитаи рушди сайёҳӣ | **-** | **0** | **0** | **0** | **0** |
| Кумитаи бехатарии озуқаворӣ | **12** | **3** | **4** | **1** | **4** |
| АНДМ ва МК ҶТ | **6** | **0** | **0** | **1** | **5** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| АНМН назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | **4** | **0** | **4** | **0** | **0** |
| Агентии стандартизасия метрология сертификасия ва нозироти савдо | **13** | **10** | **0** | **3** | **0** |
| Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | **1** | **0** | **0** | **0** | **1** |
| Хадамоти гумрук | **21** | **5** | **3** | **4** | **9** |
| Хадамоти иҷро | **31** | **7** | **8** | **11** | **5** |
| Ҳокимияти судӣ | **61** | **22** | **5** | **6** | **28** |
| Мақомоти Прокуратура | **4** | **2** | **0** | **2** | **0** |
| Бонкҳо | **382** | **115** | **89** | **113** | **65** |
| Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи тоҷик» | **314** | **88** | **67** | **38** | **121** |
| Гвардияи миллӣ | **9** | **2** | **1** | **4** | **2** |
| Дигар идораву корхонаҳои давлатӣ | **506** | **123** | **145** | **111** | **127** |
| Субъектҳои хоҷагидории ғайридавлатӣ (ҶДММ, ҶСК, ҶСП, КИ, КООП, Х/Д) | **1496** | **262** | **309** | **340** | **585** |
| Соҳибкорони инфиродӣ ва шаҳрвандон | **949** | **265** | **167** | **216** | **301** |
| **ҲАМАГӢ** | **7457** | **1 756** | **1 863** | **1 826** | **2012** |

Чи тавре, ки таҳлилҳо собит месозанд, на дар ҳама ниҳодҳои давлатӣ фаъолият дар самти муқовимат ба коррупсия дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда шудааст, ки ин ҳолат ташвишовар арзёбӣ гардида, роҳбарияти ин мақомоти давлатиро зарур аст, ки баҳри пешгирии содиршавии амалҳои коррупсионӣ дар сохтори худ чораҳои саривақтӣ андешанд.

Боиси тазаккур аст, ки дар амал татбиқ намудани сиёсати зиддикоррупсионии давлат танҳо аз фаъолияти мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия ё дигар субъектони бевосита ба коррупсия муқовиматбаранда вобастагӣ надошта, дарбаргирандаи фаъолияти тамоми дастгоҳи давлатӣ, мақоми қонунгузор, иҷроия ва судӣ, воситаҳои ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

Мутаассифона натиҷаи таҳлилҳо нишон доданд, ки ниҳодҳои дахлдори кишвар иҷрои бандҳои дахлдори барномаи давлатии зиддикоррупсиониро сарфи назар карда, бо бэътиноию бетарафии худ барои натиҷагирии манфӣ ва паст гардидани мавқеи кишвар дар радабандиҳои байналмилалӣ мусоидат намудаанд.

Тамоми тадбирҳои дар Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия пешбинишуда бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои пешгузошта, аз қабили баланд бардоштани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ, пешгирӣ намудани коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ, баланд бардоштани руҳияи хизматчиёни ҷавони давлатӣ, пешгирии коррупсия дар соҳаҳои андоз, гумрук, замин ва ғайра, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ ва соддагардонии барасмиятдарории амалиётҳо, баррасии холисонаи арзу муроҷиатҳо аз ҷониби ниҳоди мустақил, рушди рақобат миёни таҳвилгарон ва баланд гардидани самаранокии харидҳои давлатӣ, пешгирии коррупсия ҳангоми баррасии парвандаҳо дар судҳо, таъмини шаффофият дар фаъолияти судҳо, бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти андоз ва андозсупорандагон, ҷалби бештари шаҳрвандон ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, пешгирӣ намудани ҳодисаҳои қочоқ, пешгирии коррупсия дар зинаҳои поёнии маъмурӣ ва аз байн бурдани бархӯрди манфиатҳо ҳангоми татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ ва даҳҳо дигар натиҷаҳои мусбӣ равона карда шудаанд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои дар Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи мазкур барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) пешбинишуда, тамоми вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилоту муассисаҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолияти самаранок анҷом диҳанд.

## ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ИҶРОИ НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯИ ДАВЛАТИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030 БАРОИ МАРҲИЛАИ ЯКУМ (СОЛҲОИ 2021- 2025) БО ҶАМЪБАСТИ СОЛИ 2024

Тавре дар фавқ зикр гардид, фасли 1-уми Нақша, ки «Чорабиниҳои умумӣ оид ба амалисозии Стратегия»-ро пешбинӣ менамояд, аз 3 банд иборат буда, талаботи бандҳои 1 ва 2-и он ҳамаи иҷрокунандагони барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ, яъне вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигарро, новобаста аз шакли мликият муваззаф гардонидааст, ки бо мақсади таъмини иҷрои пурра ва воқеъбинонаи Стратегия ва ба низом даровардани рафти таъмини иҷрои он тамоми чораҳои судмандро амалӣ намоянд.

Зимнан, дар доираи банди 3-и Нақша (муҳлати иҷрои ин банд мунтазам пешбинӣ карда шудааст) бошад, назоратбарии давра ба давраи рафти таъмини иҷрои Стратегия бо роҳи гузаронидани санҷишу таҳлил ҷиҳати муайян намудани ҳолати иҷрои он ва дар ин асос пешниҳод намудани маълумоти солона ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки ин раванд бояд аз ҷониби Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати

давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад.

Мониторинг ва баҳодиҳӣ, инчунин санҷишҳои гузаронидашуда собит намуд, ки новобаста аз муайян гаштани шахси мутасаддӣ аз ҳисоби роҳбарони аввали (дар аксарияти ниҳодҳо яке аз муовинони роҳбари мақомот ҳамчун шахси мутасаддӣ оид ба иҷрои Стратегия муайян шудааст) мақомоти давлатӣ то ҳол рафти таъмини иҷрои Стратегия дуруст ба низом даровarда нашуда, масъулини иҷро бо ҷамъбасти сол ҳангоми таҳия ва пешниҳоди маълумот оид ба корҳои анҷомдода дар ин самт унвонии Агентӣ бе таҳлилҳои амиқ ва рӯякӣ иттилооти хаттиро манзур менамоянд. Алалхусус, дар маълумотҳои ирсолгардида дар хусуси санаи ба тасвиб расидани нақшаи дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ, аз чанд банд иборат будан, кадом чорабиниҳоро дар бар гирифтан ва ба кадом бандҳои нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия мансубият доштани он ишора карда намешавад.

Ғайр аз ин, ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ дар бандҳои нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравӣ берун аз талаботи Стратегия фаъолияти рӯзмарраи ниҳоди худро пешбинӣ менамоянд.

Ё ин ки, дар маълумотнома ибораҳои хусусияти умумидоштаро, ки ба иҷрои талаботи банди Нақшаи Стратегия дахлият надорад, истифода намуда, қайд менамоянд, ки: - «Вобаста ба иҷрои Стратегия мақомоти марбута чораҳои дахлдорро роҳандозӣ намуда истодааст». Ҳамзамон, бархе аз иҷрокунандагон дар иттилооти худ дарҷ намудаанд, ки: - «Дар давраи ҳисоботӣ якчанд чорабиниҳои омӯзиширо бо иштироки кормандони Агентӣ доир карданд ва фаъолият дар самти амалигардонии Стратегия идома дорад».

Тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия дар соҳаҳои хизмати давлатӣ, маорифу тандурустӣ, андозу гумрук, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва соҳаҳои дигаре, ки фаъолияташон аз нигоҳи коррупсия осебпазир маҳсуб меёбанд, дар фасли 2 Нақшаи мазкур пешбинӣ гардида, фарогири бандҳои 4 - 46 мебошад.

Аз ҷулма, бо дар назар доштани вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва имкониятҳои буҷетӣ идома додани ислоҳоти музди меҳнат дар низоми хизмати давлатӣ аз талаботи банди 4 Нақша (муҳлати иҷро мунтазам) бармеояд, ки ҳадафи он баланд бардоштани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ буда, дар таъмини иҷрои ин чорабинӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иҷрокунандаи асосӣ, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳайси ҳамиҷрокунанда ба ҳисоб мераванд.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлолият маблағгузории мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ сол аз сол афзоиш ёфта, оид ба музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ чандин ислоҳот гузаронида шуда, музди меҳнати онҳо батадриҷ, давра ба давра ба маротиб зиёд гардида истодааст.

Соли 2011 дар марҳилаи нави ислоҳоти системаи музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ дар иртибот ба гузариш ба Ҷадвали ягонаи тарифӣ музди меҳнати то давраи ислоҳоти соли 2005 амалкунанда ба ҳисоби миёна

16 маротиба ҳамзамон, пас аз ҷорӣ гардидани Ҷадвали ягонаи тарифӣ пардохти музди меҳнати хизматчиёни маъмурии хизмати давлатӣ то инҷониб мутобиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2013, №1493, аз 6 июни соли 2016, №697, аз 14 августи соли 2018, №1084, аз 4 августи соли 2020, №1580, аз 13 январи соли 2022, №312, аз 6 феврали соли 2023, №526 ва аз 9 январи соли 2024, №671 маоши заминавии онҳо ба маротиб зиёд гардидааст.

Аз маълумотномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки бо мақсади иҷрои фармонҳои дар боло зикршуда аз 1 июли соли 2022 андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, 1-4 хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба андозаи 745 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои 5-7 хизмати давлатии мақомоти зикргардида ба андозаи 830 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, №671 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» ва ҷиҳати иҷрои он қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2024, №5 «Дар бораи тадбирҳои амалисозии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2022, №312» аз 1 июли соли 2024 андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ 1120 сомонӣ, категорияҳои якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба андозаи 1045 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида ба андозаи 1160 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳамчунин дар моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» кафолатҳо барои хизматчии давлатӣ пешбинӣ гардидааст. Тибқи зербанди дуюми банди 1 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба хизматчии давлатӣ мукофотпулӣ, кумакпулӣ, иловапулӣ, ҷубронпулӣ ва изофапулӣ пешбинӣ карда шудааст.

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки бо вуҷуди зиёдшавии музди меҳнат зарур аст, ки барои ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ, ҳавасмандкунӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо ва таъмини иҷтимоии оилаҳои хизматчиёни давлатӣ пардохти иловапулӣ ва ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ дар қонунгузорӣ барқарор ва пешбинӣ карда шавад.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2023, №526 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» музди меҳнат, нафақа ва стипендия зиёд гардидааст.

Аз маълумотномаи пешниҳоднамудаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки маоши заминавии хизматчиёни давлатии Вазорат мутобиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2013, №1493, аз 6 июни соли 2016, №697, аз 14 августи соли 2018, №1084, аз 4 августи соли 2020, №1580 ба андозаи 65 фоиз зиёд карда шудааст.

Ҷиҳати иҷрои фармони болозикр фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2024, №35 ба тавсиб расида, он барои таъмини иҷроиш ба ҳамаи муассисаҳои зерсохтори Вазорат ирсол карда шудааст.

Тибқи иттилои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи имкониятҳои молиявӣ ба хизматчиёни давлатӣ ва кормандони техникии дастгоҳи марказии вазорат аз ҳисоби суратҳисоби махсуси вазорат кӯмакпулӣ ба маблағи 35210,0 сомонӣ, инчунин дар давраи рӯзҳои навбатдорӣ, изофакорӣ, рӯзҳои истироҳат ва ид тибқи талаботи моддаи 88 ва 154 -и Кодекси меҳнат маблағи соатҳои навбатдорӣ дукарата пардохта шудаанд. Тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, №55 ба 14 - нафар хизматчии давлатӣ барои васеъ шудани доираи хизматрасонӣ ё иҷрои ӯҳдадориҳои корманди муваққатан ба кор ҳозирнабуда, аз ҳисоби воҳидҳои кории холӣ ба андозаи 15 фоиз ва 30 фоиз иловапулӣ пардохта шудааст.

Таҳлили банди мазкур нишон дод, ки ниҳодҳои давлатӣ фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мувофиқан аз 13 январи соли 2022, №312, аз 6 феврали соли 2023, №526 ва аз 9 январи соли 2024, №671 дар амал татбиқ карда, бо ин талаботи банди 4 Нақшаи барномаи давлатии зиддикоррупсиониро иҷро намуда истодаанд.

Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия, ҷойивазкунии (ротатсия) хизматчиёни давлатӣ ҳамчун чораҳои муассири зиддикоррупсионӣ дар банди 5 Нақша (мӯҳлати иҷро солҳои 2021-2025) пешбинӣ гардидааст, мақсади асосии он пешгирии коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ маҳсуб меёбад.

Тибқи иттилои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар иҷрокунандагон дар давраи соли 2024 дар ин самт корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст.

Аз ҷумла, дар ин давра барои ишғоли 11115 (соли 2023-8376) мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон гардида, барои ишғоли 4737 (соли 2023-3847) мансаби холӣ бо иштироки 6383 (соли 2023-4919) нафар, аз он зан 1560 (соли 2023-1210) нафар довталаб озмун гузаронида шуда, 4173 (соли 2023-3211) нафар, аз он зан 1155 (соли 2023-872) нафар довталаб барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тавсия дода шуданд. Ба 6378 (соли 2023-4529) мансаби дигар (қариб 57 фоизи мансабҳои ба озмун пешниҳодшуда) ҳуҷҷат супорида нашудааст. Муайян гардид, ки барои ишғоли як мансаб 0,6% бо назардошти мансабҳои дар онҳо ҳуҷҷат пешниҳод карда нашудааст, довталаб рост меояд.

Аз 4173 нафари ба мансабҳо таъингардида 2789 (соли 2023-2083) нафар ё 66,8 фоизи онҳоро ҷавонони то 35 - сола ташкил медиҳанд.

Довталабони бори аввал ба хизмати давлатӣ таъиншуда, ки нисбати онҳо талаботи банди 37 Низомномаи мазкур 3 холӣ иловагӣ пешбинӣ карда шудааст, 759 (соли 2023-578) нафарро ташкил медиҳад, ки аз он занон 484 нафар ва ҷавонони хизмати ҳарбиро адонамуда 275 нафар мебошанд.

Дар гузаронидани озмунҳо ҳоло ҳам баъзе вазорату идораҳо ба камбудиҳо роҳ дода мешавнд, ки бартараф намудани онҳо боиси фаъолияти самараноки онҳо дар самти интихоб, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо мегардад.

Аз ҷумла рафти баргузорӣ ва сифати баргузории озмунҳо дар вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илм, мудофиа, энергетика ва захираҳои об, кишоварзӣ, кумитаҳои бехатарии озуқаворӣ, меъморӣ ва сохтмон, агентиҳои омор, хоҷагии ҷангал, авиатсияи граждани, беҳдошти замин ва обёрӣ, захираҳои моддии давлатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, обуҳавошиносӣ, содирот, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Панҷакент, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷайҳун, Ҳамадонӣ, Нуробод ва Рӯдакӣ беҳбудиро талаб менамояд.

Дар баъзе вазорату идораҳо бархилофи банди 31 Низомномаи озмун Комиссияи озмун ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталабонро дуруст таҳлил накарда, ба талаботи тахассусӣ мувофиқ будани довталабони мансабҳои холиро муайян накарда, довталабони дорои собиқаи меҳнатӣ ва ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда номувофикро ба суҳбат иҷозат медиҳанд. Аз ҷумла, чунин ҳолат дар дар Вазорати энергетика ва захираҳои об, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ҷой дорад.

Дар баъзе вазорату идораҳо эълони озмуни мансабҳои холӣ дар сатҳи зарурӣ тарғиб карда нашуда, дар сомонаҳои мақомоти давлатӣ нашр карда намешаванд ва дар баъзеи дигар бошад, бо вуҷуди мавҷудияти ҷойҳои холӣ озмун гузаронида нашудааст.

Аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар мақомоти давлатӣ тибқи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №468) гузаронида мешавад ва рафти баргузории он таҳти назорати доимии Агентии хизмати давлатӣ қарор дорад.

Дар давоми соли 2024 кормандони дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ дар 170 (мақомоти марказӣ-73 ва мақомоти маҳаллӣ-97) ҷаласаи комиссияҳои аттестатсионии мақомоти давлатӣ иштирок намуданд.

Мувофиқи рӯйхат ва ҷадвалҳои пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ аз 3514 нафар, аз он зан-723 (2023-3600, аз он зан-688) нафар хизматчиёни давлатӣ, ки бояд ба аттестатсияи навбатӣ фаро гирифта мешуданд, 3251 нафар, аз он зан-657 (соли 2023-3295, зан-630) нафар хизматчиёни давлатӣ ба аттестатсия ҷалб шуда, 263 нафар, аз он зан-76 (соли 2023-305, зан-58) нафар бо сабабҳои узрнок (рухсатии меҳнатӣ, сафари хизматӣ, беморӣ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ) дар аттестатсияҳо иштирок накарданд.

Тибқи хулосаҳои комиссияи аттестатсионӣ аз 3251 (зан-657) нафар хизматчиёни давлатии ба аттестатсия фаро гирифташуда 3053 нафар, аз он зан-633 (соли 2023-3093, зан-609) нафар ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ баҳогузорӣ карда шуданд. Аз ин ҳайат 64 нафар, аз он зан-17 (соли 2023-53, зан-6) нафар барои ба мансаби баландтар таъин намудан, 82 нафар, аз он

зан-19 (соли 2023-83, зан-14) нафар барои дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ, 72 нафар, аз он зан-9 (соли 2023-136, зан-31) нафар барои пеш аз муҳлат додани рутбаи тахассусии навбатӣ тавсия гирифтанд.

Дар як вакт тибқи хулосаҳои комиссияҳои аттестатсионӣ 198 (зан-24) нафар (соли 2023-202, зан-21) ба мансаби ишғолнамуда номувофиқ баҳогузорӣ карда шуданд. Аз ин ҳайат ба 138 (зан-21) нафар (2023-186 аз он зан-15) барои такмили ихтисос, ба 12 (зан-1) нафар (2023-1 нафар, зан-0) барои азнавтайёркунӣ, ба 10 (зан-2) нафар (2023-6 нафар, аз он зан-2) барои ба мансаби пасттар гузаронидан ва ба 38 (зан-0) нафар (соли 2023-9, зан-4) барои аз мансаб озод кардан тавсия дода шудаанд.

Қобили қайд аст, ки мувофиқи Низомномаи болозикр аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳо, баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизмати давлатӣ, гирифтани иттилооти объективӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ва сатҳи дониши касбии онҳо маротибаи аввал баъд аз як соли кор дар мансаби ишғолнамуда ва минбаъд дар се сол як маротиба гузаронида мешавад. Вале ҳангоми гузаронидани аттестатсияҳо ҳолатҳои риоя нашудани талаботи баъзе қоидаҳои Низомномаи аттестатсия мушоҳида гардид.

Аз ҷумла, бо вуҷуди фаро расидани муҳлати аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ дар Агентии омор, вазоратҳои маориф ва илм, молия, мудофиа (дар қисми хизмати давлатии шаҳрвандӣ), кумитаҳои андоз, ҷавонон ва варзиш, меъморӣ ва сохтмон, хадамотҳои иҷро, зиддиинҳисорӣ, агентиҳои хоҷагии ҷангал, беҳдошти замин ва обёрӣ, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, хизматчиёни давлатии баъзе сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ аттестатсия гузаронида нашудааст.

Дар асоси Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019, №1287) баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ охири ҳар сол дар моҳи декабр гузаронида мешавад.

Дар соли 2024 аз шумораи 18801 нафар хизматчиёни давлатии фаъолияткунанда 14546 нафар ё 77,3 фоизи онҳо ба баҳодиҳӣ фаро гирифта шуда, натиҷаҳои он чунин мебошанд:

-ба мақсад бо бартарӣ ноил шудаанд ё баробар ба баҳои «5» (аъло) – 2053 нафар ё 14,1 фоиз;

-ба мақсад ноил шудааст ё баробар ба баҳои «4» (хуб) - 10128 нафар ё 69,6 фоиз;

-ба мақсад қисман ноил гардидаанд ё баробар ба баҳои «3» (қаноатбахш) - 2349 нафар ё 16,1 фоиз;

-ба мақсад ноил нагардидаанд ё баробар ба баҳои «2» (ғайриқаноатбахш) - 16 нафар ё 0,1 фоиз.

Муайян гардид, ки 4255 нафар ё 22,6 фоиз хизматчиёни давлатӣ ба баҳогузорӣ фаро гирифта нашудаанд, ки аз онҳо 569 нафар (ишғолкунандагони мансабҳои сиёсӣ ва мансабҳои маъмурии категорияи олӣ, хизматчиёни давлатии ба синни ниҳоӣ расида, аз 6 моҳ кам фаъолиятдошта ва дар рухсатии нигоҳубини кӯдакбуда) аз баҳогузорӣ озод мебошанд.

Ба ғайр аз ин, 57 нафар (0,3 фоиз) дар таҳсил, 158 нафар (0,8 фоиз) дар рухсатии меҳнатӣ ва бо сабаби беморӣ, ҷамъ 215 нафар (1,1 фоиз) бо

сабабҳои узрнок ба баҳодиҳӣ фаро гирифта нашуданд, ки бояд баъди як моҳи бартараф гардидани ҳолатҳои узрнок баҳогузорӣ гардида, аз натиҷа ба Агентии хизмати давлатӣ маълумот пешниҳод карда шавад.

Мувофиқи талаботи банди 17 Қоидаҳои баҳодиҳӣ роҳбари мақомоти давлатӣ аз натиҷаи баҳодиҳии фаъолият на дертар аз 5 рӯзи корӣ дар бораи дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ, бо риояи талаботи тахассусӣ ба мансаби баландтар таъин намудан (барои натиҷаҳои бартариятнок), ба курсҳои такмили ихтисос пешниҳод намудан (барои натиҷаҳои ғайриқаноатбахш) қарор қабул менамояд.

Тибқи банди 18 Қоидаҳои баҳодиҳӣ ба мансаби баландтар таъин кардан барои 10 фоизи шумораи умумии хизматчиёни давлатии баҳои «5» (аъло) гирифта татбиқ карда мешавад. Хизматчиёни давлатии дигаре, ки баҳои «5» (аъло) гирифтаанд, ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ тавсия карда мешаванд. Вале таҳлил нишон дод, ки тибқи қарорҳои мақомоти давлатӣ аз шумораи умумии 2012 нафар хизматчиёни давлатие, ки баҳои «аъло» гирифтаанд, талаботи мазкур танҳо нисбати 795 нафар (205 нафар барои таъин намудан ба мансаби баландтар ва 590 нафар барои дохил кардан ба рӯйхати захираи кадрҳои роҳбарикунанда) пешбинӣ шудааст.

Татбиқи Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2019, №1328) дар назорати доимӣ қарор дорад.

Аз натиҷаи ҷамъбасти ҳолати ҷойивазкунӣ дар соли 2024 муайян гардид, ки 114 нафар кадрҳои роҳбарикунанда (мақомоти марказӣ-108 нафар ва аз мақомоти маҳаллӣ- 6 нафар) ба ротатсия фаро гирифта шудааст.

Аз он дар вазоратҳои адлия 66 нафар, корҳои хориҷӣ 17 нафар, агентиҳои назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 22 нафар, суғурати иҷтимоӣ ва нафақа 1 нафар, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт 2 нафар, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ 2 нафар, ноҳияҳои Айнӣ, Шаҳритус, Кушониён ва Абдураҳмони Ҷомӣ 1 нафарӣ ба ҷойивазкунӣ фаро гирифта шудаанд.

Аз ҷумла, дар Вазорати адлия 66 нафар дар асоси талаботи Тартиби ҷойивазкунии (ротатсияи) кормандони мақомоти адлия ва банди 2 нусхаи протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2024, №1 ба ҷойивазкунӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар Вазорати корҳои хориҷӣ 17 нафар дар асоси талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» ва дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 нафар дар асоси Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунӣ (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунандаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 сентябри соли 2020, №1609) ба ҷойивазкунӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар маҷмӯъ, аз таҳлили муқоисавии нишондодҳо оид ба ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатӣ бармеояд, ки давоми солҳои 2014-2024 теъдоди кадрҳои ротатсияшаванда аз 489 нафар (соли 2014) ба 150 нафар (соли 2024) расида, тамоюли пастравӣ дорад.

Дар банди 6 Нақша «Вусъат додани раванди бо манзили истиқоматӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин намудани хизматчиёни давлатӣ,

ҷудо намудани қарзҳои бефоиз ва дарозмуддат барои сохтмони манзили истиқоматӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳо» пешбинӣ гардида, ҳадафи асосии он беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ мебошад (муҳлати иҷро мунтазам).

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ ва бо манзили истиқоматӣ таъмин намудани кормандони эҳтиёҷманд соли 2024 аз ҳисоби хонаҳои истиқоматӣ ва хизматии дар тавозуни Вазорати молия қарордошта, ду нафар корманди Вазорат бо хонаи истиқоматӣ, таъмин карда шудааст.

Бо манзили истиқоматӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин намудани кормандон дар вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, инчунин ҷудо намудани қарзҳои бефоиз ва дарозмуддат барои сохтмони манзили истиқоматӣ зимни муроҷиати кормандон корбарӣ карда мешавад.

Тибқи маълумотномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф намудани норасоии кадрӣ ва иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» дар соли 2023-2024 дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба 92 нафар мутахассисони ҷавони замини наздиҳавлигӣ барои сохтани хонаи истиқоматӣ, 13 нафар бо қитъаи заминбарои боғдорӣ ва полезкорӣ ва 219 нафар бо қарзи имтиёзнок таъмин карда шудаанд, ки аз ин теъдод мутахассисони ҷавони ихтисосҳои таҳсилоти томактабӣ низ дохил мешаванд.

Аз маълумоти пешниҳоднамудаи ниҳодҳои давлатӣ муайян гардид, ки бо мақсади дастгирии доимии хизмати шабонарӯзии кормандони соҳаи тиб, махсусан табибон, кормандони миёнаи тиб ва кормандони техникӣ, дастгирии моддию молиявӣ ва ба мукофоти давлатӣ пешниҳод кардани кормандони соҳа, дар ин давра аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара ба 15 нафар табибон замини наздиҳавлигӣ, ба 1 нафар табиб аз шаҳри Хуҷанд ва ба 4 нафар табиб аз шаҳри Гулистон ва аз тарафи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» дар моҳи сентябри соли 2024-ум 82 нафар муаллимону омузгорон бо хонаи истиқоматии хизматӣ таъмин карда шудаанд.

Давоми соли 2024 аз ҳисоби хонаҳои истиқоматӣ ва хизматии дар тавозуни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта, ду нафар корманди Вазорат бо хонаи истиқоматӣ таъмин карда шудаанд.

Кормандони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хобгоҳ таъмин буда (воқеъ дар кӯчаи Р.Набиев - 292), дар он оилаҳои 74 корманди дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои зертобеи Вазорат истиқомат доранд.

Дар тобеияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон низ 3 хобгоҳ қарор дошта, дар доираи имкониятҳои мавҷуда хизматчиёни давлатӣ ва мутахассисони муассисаҳои тобеи Вазоратро бо манзили истиқоматӣ таъмин менамояд. Дар се соли охир 10 нафар кормандони системаи фарҳанг ва 4 нафар хизматчии давлатии дастгоҳи марказии Вазорат бо манзили зист, яъне хобгоҳ таъмин гардиданд.

Бо мақсади беҳбудӣ бахшидан ба вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ бо назардошти имкониятҳои мавҷудбуда ва риоя намудани тартиби ҷудо

намудани хонаҳои хизматӣ ба ниёзмандон, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукуматҳои вилоятӣ то инҷониб ба хизматчиёни ҳарбии Кумитаи холатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 хонаи хизматӣ дар шаҳри Душанбе (дар тавозуни Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда), 3 хонаи хизматӣ дар ноҳияи Рашт, 3 хонаи хизматӣ дар вилояти Хатлон ва 3 хонаи хизматӣ дар ВМКБ барои истифодаи хизматӣ дода шудааст.

Инчунин, Кумита дар тавозуни худ 1 хобгоҳ дар ноҳияи Рудакӣ барои истифодаи хизматии хизматчиёни ҳарбии Кумитаро доро мебошад, ки дар он 14 нафар хизматчиёни ҳарбӣ ба аҳли оилаашон зиндагӣ мекунанд.

Бо мақсади таъмин намудани кормандон бо манзили истиқоматӣ дар асоси дархости Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои сохтмони ду бинои баландошёна иборат аз 144 ҳуҷра аз ҳудуди ноҳия Сино қитъаи замин ҷудо гардида, бунёди он идома дорад.

Афсарону прапоршикони дастгоҳи марказӣ ва Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҷузъу томҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба манзили истиқоматӣ эҳтиёҷ дошта, дар манзилҳои иҷоравӣ зиндагӣ мекунанд, дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда бо фармоиши вазири мудофиа то ба таъмин намудани онҳо ба манзили истиқоматӣ ё қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба ҷубронпулии ҳармоҳа таъмин карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки айни замон дар Вазорати мудофиа ва ҷузъу томҳои он 956 нафар хизматчиёни ҳарбӣ ва 19 нафар хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар рӯйхати навбатии ба манзили истиқоматӣ эҳтиёҷманд қарор доранд.

Дар доираи банди мазкур тибқи қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 7 сентябри соли 2023, №476 ба 42 нафар кормандони раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони манзилҳои истиқоматии шахсӣ, воқеъ дар маҳаллаи Ховарон, минтақаи 7 ноҳияи Шоҳмансур ба ҳар яки онҳо дар масоҳати 0,03 гектарӣ аз ҳисоби заминҳои захираи шаҳри Душанбе қитъаи замини наздиҳавлигӣ дода шудааст.

Тибқи маълумотномаи сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 ба 3 нафар кормнадони мақомот ҷиҳати беҳбудгардонии шароити оилавӣ барои таъмин намудан бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ уновниии раисони шаҳру ноҳияҳои дахлдор тариқи расмӣ мактуб ирсол карда шудааст.

Тибқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар давоми соли 2024 бо қарорҳои раисони шаҳри Леваканд ба 7 нафар, ноҳияи Қубодиён аз ҳисоби заминҳои фонди манзили ноҳия ба 2 нафар, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба 12 нафар, ноҳияи Спитамен ба 8 нафар, ноҳияи Исфара 20 нафар, ноҳияи Муъминобод ба 4 нафар, ноҳияи Файзобод ба 15 нафар хизматчиёни давлатӣ, афсарон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва омӯзгорону табибон қитъаи замини низдиҳавлигӣ ва манзили истиқоматӣ ҷудо карда дода шудааст.

Новобаста аз корҳои анҷомдодашуда то ҳол тибқи маълумоти пешниҳоднамуда ҳолатҳои мавҷуданд, ки кормандони мақомоти давлатӣ бо қиъаи замини наздиҳавлигӣ таъмин нагардида, беҳтар намудани шароити манзилии онҳо ғайриимкон гардидааст.

Чунончи тибқи иттилои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар дастгоҳи марказии Вазорат ва Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ дар руйхати умумӣ ва имтиёзнок 206 нафар хизматчиёни ҳарбӣ ба манзили истиқоматӣ эҳтиёҷманд қарор доранд.

Аз ин лиҳоз, роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шуҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҳамкориро бо ниҳодҳои давлатӣ дар ин самт тақвият бахшида бо назардошти имконияти мавҷуда ҷиҳати бо заминҳои наздиҳавлигӣ таъмин намудани кормадони дилхоҳ ниҳоди давлатӣ чораҳои судмандро роҳандозӣ намоянд.

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон ба санаи 30 июни соли 2024 бақияи қарзҳои ипотекӣ дар низоми бонкӣ маблағи 346,5 млн сомониро ташкил менамояд, ки аз он пули миллӣ 171,2 млн сомонӣ ё 20,55 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 175,3 млн сомонӣ ё 12,87 фоизро ташкил медиҳад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки баҳри боз ҳам мушаххас намудани ин самт қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби баҳисобгирии давлатии фонди манзил» аз 29 майи соли 2023, №208, «Дар бораи Тартиби эътироф кардани шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматие, ки бо шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад» аз 29 майи соли 2023, №211, «Дар бораи Қоида ва меъёрҳои нигоҳдорӣ, хизматрасонӣ, истифодабарӣ ва таъмири фонди манзил дар соҳаи манзил» аз 29 майи соли 2023, №212 «Дар бораи Тартиби ташаккули фонди манзили давлатии иҷтимоӣ» аз 29 майи соли 2023, №209, «Дар бораи Номгӯйи бемориҳои вазнини музмине, ки истиқомати якҷояи шаҳрвандонро дар як хона имконнопазир мегардонад» аз 29 майи соли 2023, №214, «Дар бораи Номгӯй ва шакли ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои баҳисобгирии шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматӣ, ки тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ дода мешавад» аз 29 майи соли 2023, №213 ва «Дар бораи Тартиби иваз намудани манзилҳои истиқоматии тибқи шартномаи кирояи иҷтимоӣ додашуда» аз 29 майи соли 2023, №210 қабул карда шуданд.

Ҳамин тариқ, вобаста ба ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷиҳати сохтмони манзил ба хизматчиёни давлатӣ ва шартҳои додани қарз барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилии хизматчиёни давлатӣ, инчунин тартиби баргардонидани онҳо бо санадҳои болозикр пурра танзим гардида, талаботи банди мазкур давра ба давра таъмин гардида истодааст.

Банди 7 Нақша «Таҷдиди назар намудани мутобиқатии қонунгузории хизмати давлатӣ, муқовимат ба коррупсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ вобаста ба доғи судӣ ва оқибатҳои он»-ро пешбинӣ намудааст (муҳлати иҷро солҳои 2021-2024).

Бо мақсади иҷрои банди мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ такроран лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия карда шуд. Мувофиқи лоиҳаи мазкур сархати ҳаштуми моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шудааст:

«- агар барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё бо асосҳои сархатҳои сеюм ва чоруми қисми 1 моддаи 27, сархатҳои якум, чорум ва панҷуми моддаи 28, қисми 2 моддаи 29 ва моддаи 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани

ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад;»;

Ҳамзамон пешниҳод гардидааст, ки ба моддаи мазкур эзоҳ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Эзоҳ: Талаботи сархати ҳаштуми моддаи мазкур нисбат ба хизматчиёни давлатӣ, ки то мавриди амал қарор гирифтани он ба мансабҳои давлатӣ таъин (интихоб) шудаанд, татбиқ намегардад.»

Лоиҳаи мазкур тибқи дархостҳои Агентии хизмати давлатӣ аз 22 июли соли 2024, №02-15 ба вазорату идораҳои дахлдор барои мувофиқа ва аз 22 июли соли 2024, №02-1531 ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза ба коррупсия барои экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ ирсол карда шуда, тибқи хулосаи экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии Агентӣ аз 1 августи соли 2024, №12-990 дар лоиҳа омилҳои бавуҷудорандаи коррупсия, ки дар қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ гардидаанд, ошкор карда нашудааст.

Айни ҳол аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ ҷиҳати пешгирии фаъолияти шахсони тасодуфӣ дар мақомоти давлатӣ ва бознигарӣ кардани талаботи қонунгузорӣ дар самти ба кор қабул намудани шахсоне, ки қаблан тахти таъқиби ҷиноятӣ қарор гирифтаанд, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 15 апрели соли 2021, №02-970 таҳия карда шудаанд.

Дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҳамчун ҳолати истиснокунандаи ба хизмати давлатӣ қабул намудан ва фаъолият дар хизмати давлатӣ, пешниҳод карда мешавад, ки сархати ҳаштуми моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

« -агар барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона озод гардида бошад;».

Лоиҳаи мазкур дар шакли пешниҳодшуда дастгирӣ карда нашуда, бо эродҳои раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 майи соли 2021, №21/10-122 барои такмили иловагӣ ба Агентии хизмати давлатӣ баргардонида шуд.

Дар гузориши раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст, ки хизматчиёни давлатие, ки бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона озод гардидаанд, аз кор озод карда шуда, дигар наметавонанд дар хизмати давлатӣ фаъолият намоянд.

Ба ғайр аз ин дар лоиҳа масъалаҳои касбият ва хизматҳои нафароне, ки мутахассиси касбӣ буда, дар хизмати давлатӣ солҳои тӯлонӣ кору фаъолият намудаанд, қобилият, истеъдод ва дастовардҳои хизматӣ доранд, таҷрибаи зиёд дар соҳаи дахлдорро касб карда, дар рушди хизмати давлатӣ саҳмгузор мебошанд, инчунин ба синни нафақа наздик шудаанд, сарфи назар карда шудааст.

Ҳамзамон қайд шудааст, ки тибқи моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад. Қонуне, ки баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунии шахс қабул шудааст ва он ҷазои шахсро вазнин мекунад, қувваи бозгашт надорад. Бинобар ин ҳангоми таҳияи лоиҳаи Қонуни мазкур бояд мазмуну муҳтавои талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад.

Эродҳои пешниҳодшуда ба инобат гирифта шуда, лоиҳа тахти баррасии иловагӣ ва такмил қарор дода шуда, аз ҷумла ба он вобаста тағйироти ба моддаи 16 пешниҳодшуда эзоҳи зерин ворид карда шуд:

«Эзоҳ: Талаботи сархати ҳаштуми моддаи мазкур ҳангоми қабул намудан ба хизмати давлатӣ татбиқ гардида, нисбати хизматчиёни давлатӣ, ки то мавриди амал қарор гирифтани  он ба мансабҳои хизмати давлатӣ таъин (интихоб) шудаанд, татбиқ намегардад.».

Бо назардошти асосҳои нишондодашуда лоиҳаи мазкур такроран барои баррасӣ ба вазорату идораҳо аз 14 июни соли 2021, №02-1405 ирсол гардид.

Лоиҳаи такмилдодашуда аз 28 июли соли 2021, №02-1728 дар баррасии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Банди 8 Нақша «Таъсис додани махзани маълумот дар бораи шахсоне, ки ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқамандро содир намудаанд» пешбинӣ намуда, муҳлати иҷрои он солҳои 2021-2025 мебошад.

Тибқи талаботи банди 5 қисми 2 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» анҷом додани таҳлил ва арзёбии маълумоти оморӣ оид ба вазъи муқовимат ба коррупсия ба ваколати Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда дохил мешавад.

Дар асоси талаботи Методологияи мониторинги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсия, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2018, №253 тасдиқ шудааст, таҳлил ва арзёбии маълумоти оморӣ оид ба вазъи мубориза бар зидди коррупсия аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокуратураҳои зертобеи он амалӣ карда мешаванд.

Дар як вақт Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри мушаххас намудани баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба коррупсия ва омори ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, инчунин тартиби пешбурди ҳисоботи оморӣ оид ба вазъи ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бо мақсади мутамарказ ба роҳ мондани раванди бақайдгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқамандро таҳия намуд, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2022, №506 тасдиқ гардида, аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор гирифт.

Дар доираи қарорҳои болозикр Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумоти гирифташуда оид ба вазъи пешгирӣ, ошкоркунӣ, бақайдгирӣ, рафъ намудан, кушодани ҷиноятҳои коррупсионӣ, паҳншавии онҳо дар мақомоти давлатӣ ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, вазъи таҳқиқу тафтиш ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ин самт, самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар муқовимат ба

коррупсия, риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ва ҷомеа дар раванди муқовимат ба коррупсия ҳар нимсола ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамояд.

Ҳамзамон, аз тарафи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ирсоли мактубҳои иттилоотӣ ба маълумоти субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда натиҷаи мониторинг расонида мешавад, ки он минбаъд аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии коррупсия, методикаи муосири ошкоркунӣ, таҳқиқу тафтиш, баамалбарории назорати прокурорӣ ва баррасии судии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва пешниҳоди таклифҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар ин самт истифода мегардад.

Тибқи иттилои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои банди мазкур ва ташкили махзани маълумот дар бораи хизматчиёни давлатие, ки ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии бо коррупсия алоқаманд содир намудаанд, дархости Агентии хизмати давлатӣ аз 13 январи соли 2024, №02-80 ба вазорату идораҳо оид ба пешниҳоди маълумот вобаста ба содири ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ дар соли 2023 содиршуда ирсол карда шуд.

Дар як вақт ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2024, №02-298, ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2024, №02-296 ва ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2024, №02-297 дархостҳо оид ба пешниҳоди маълумот ирсол гардид.

Мувофиқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва дигар мақомоти давлатӣ дар маҷмӯъ соли 2023-284 ҷиноят аз ҷониби 250 хизматчии давлатӣ содир гардида, бо моддаҳои гуногуни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби суд маҳкум ё аз ҷониби дигар мақомоти даълдор таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор дода шудаанд (оғози парвандаи ҷиноятӣ рад ё истеҳсоли парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст).

Аз ҷумла:

- нисбати 29 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 245 (азонихудкунӣ ё исрофкорӣ)-и КҶҶТ;
- нисбати 94 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 247 (қаллобӣ)-и КҶҶТ;
- нисбати 31 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 314 (сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ)-и КҶҶТ;
- нисбати 5 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 315 (беамалӣ дар иҷрои вазифа)-и КҶҶТ;
- нисбати 13 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 316 (баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ)-и КҶҶТ;
- нисбати 30 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 319 (гирифтани пора)-и КҶҶТ;
- нисбати 25 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 323 (сохтакории хизматӣ)-и КҶҶТ;
- нисбати 5 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 324 (гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ)-и КҶҶТ;
- нисбати 52 нафар хизматчии давлатӣ бо дигар моддаҳои КҶҶТ.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар соли 2023 аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ нисбати соли 2022 (389 ҷиноят аз ҷониби 326 хизматчии давлатӣ) 105 адад ҷиноятҳои коррупсионӣ камтар содир гардидааст.

Дар мақомоти марказӣ дар соли 2023 содиршавии 102 ҷинояти коррупсионӣ аз ҷониби 92 хизматчиёни давлатӣ ба қайд гирифта шудааст.

Аз ҷумла, дар сохторҳои Суди Олӣ 4 нафар, вазоратҳои адлия 10 нафар, кишоварзӣ 3 нафар, молия 7 нафар, маориф ва илм 5 нафар, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 3 нафар, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 5 нафар, рушди иқтисод ва савдо 1 нафар, фарҳанг 1 нафар, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ 13 нафар, кумитаҳои андоз 13 нафар, меъморӣ ва сохтмон 1 нафар, ҳифзи муҳити зист 6 нафар, бехатарии озуқаворӣ 1 нафар, ҷавонон ва варзиш 2 нафар, хадамотҳои иҷро 5 нафар, назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт 1 нафар, агентиҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 6 нафар, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо 3 нафар ва Саридораи бойгонӣ 2 нафар хизматчиёни давлатӣ ҷиноят содир карда шудааст.

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соли 2023 содиршавии 182 ҷиноят аз ҷониби 158 хизматчиёни давлатӣ ба қайд гирифта шудааст.

Аз ҷумла, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 2 нафар, шаҳру ноҳияҳои Хоруғ 1 нафар, Ишкошим 1 нафар, Роштқалъа 1 нафар, Рушон 1 нафар, Бустон 1 нафар, Истаравшан 4 нафар, Зафаробод 2 нафар, Панҷакент 6 нафар, Конибодом 1 нафар, Бобоҷон Ғафуров 2 нафар, Ҷаббор Расулов 1 нафар, Гулистон 1 нафар, Истиқлол 1 нафар, Мастчоҳ 1 нафар, Деваштич 3 нафар, Спитамен 3 нафар, Бохтар 1 нафар, Кӯлоб 5 нафар, Кушониён 24 нафар, Вахш 4 нафар, Носири Хусрав 1 нафар, Ҷалолиддини Балхӣ 5 нафар, Шаҳритус 3 нафар, Қубодиён 6 нафар, Фархор 3 нафар, Ёвон 3 нафар, Дӯстӣ 3 нафар, Восеъ 8 нафар, Абдураҳмони Ҷомӣ 4 нафар, Хуросон 9 нафар, Ҷайҳун 8 нафар, Панҷ 1 нафар, Ҳамадонӣ 3 нафар, Муъминобод 2 нафар, Данғара 3 нафар, Норак 1 нафар, Сино 1 нафар, Турсунзода 5 нафар, Лахш 1 нафар, Ваҳдат 1 нафар, Ҳисор 3 нафар, Рӯдакӣ 3 нафар, Варзоб 2 нафар, Рашт 2 нафар, Нуробод 1 нафар, Шаҳринав 5 нафар ва Файзобод 2 нафар хизматчиёни давлатӣ ҷиноят содир намудаанд.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти марказӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки дар соли 2023 дар 19 мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва 66 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ 284 ҷиноятҳои коррупсионӣ содир шудааст.

Ба ғайр аз ин дар соли 2023 дар умум 564 ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ содир гардидааст, ки аз он 232 ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ ба 20 мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва 331 ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ ба 64 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ рост меояд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар соли 2023 аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ нисбат ба соли 2022 (578 ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ) 14 ҳолати ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта кам содир гардидааст.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар мақомоти марказӣ содиршавии 232 ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд аз ҷониби 232 хизматчиёни давлатӣ ба қайд гирифта шудааст.

- нисбати 3 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 659 (додани бартарият ва имтиёзи ғайриқонунӣ)-и КҲМҶТ;
- нисбати 8 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 660 (риоя накардани тартиби вогузоштани ҳуқуқи моликият)-и КҲМҶТ;
- нисбати 7 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 661 (сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ)-и КҲМҶТ;
- нисбати 130 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 663 (бе асос иҷро накардани санадҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назорат ва суд)-и КҲМҶТ;
- нисбати 182 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 668 (риоя накардани тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан)-и КҲМҶТ;
- нисбати 22 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 669 (тартиб додан, ба расмият даровардани санадҳо, аҳдҳо ва қарордодҳо)-и КҲМҶТ;
- нисбати 5 нафар хизматчии давлатӣ бо моддаи 670 (ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани монеаҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ)-и КҲМҶТ;
- нисбати 206 нафар хизматчии давлатӣ бо дигар моддаҳои КҲМҶТ.

Аз ҷумла, дар сохторҳои вазоратҳои адлия 4 нафар, кишоварзӣ 2 нафар, молия 3 нафар, мудофиа 8 нафар, маориф ва илм 1 нафар, саноат ва технологияҳои нав 1 нафар, фарҳанг 2 нафар, кумитаҳои давлатии идораи замин ва геодезӣ 46 нафар, сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ 1 нафар, кумитаҳои андоз 51 нафар, ҳифзи муҳити зист 39 нафар, бехатарии озуқаворӣ 5 нафар, рушди сайёҳӣ 1 нафар, ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждани 12 нафар, ҷавонон ва варзиш 4 нафар, агентиҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 10 нафар, назорат дар соҳаи маориф 2 нафар, беҳдошти замин ва обёрӣ 9 нафар, омор 29 нафар, захираҳои моддии давлатӣ 3 нафар хизматчиёни давлатӣ ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии коррупсионӣ содир намудаанд.

Ҳамчунин, дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соли 2023 содиршавии 331 ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ аз ҷониби 331 хизматчиёни давлатӣ ба қайд гирифта шудааст.

Аз ҷумла, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 4 нафар, вилояти Суғд 2 нафар, шаҳру ноҳияҳои Хоруғ 6 нафар, Ванҷ 3 нафар, Ишкошим 1 нафар, Роштқалъа 1 нафар, Мурғоб 2 нафар, Дарвоз 4 нафар, Рушон 3 нафар, Хуҷанд 5 нафар, Бустон 1 нафар, Истаравшан 4 нафар, Зафаробод 2 нафар, Панҷакент 3 нафар, Исфара 10 нафар, Конибодом 9 нафар, Бобоҷон Ғафуров 23 нафар, Истиқлол 2 нафар, Ҷаббор Расулов 12 нафар, Мастчоҳ 5 нафар, Шаҳристон 1 нафар, Ашт 5 нафар, Деваштич 5 нафар, Спитамен 5 нафар, Бохтар 4 нафар, Кӯлоб 6 нафар, Кушониён 9 нафар, Вахш 14 нафар, Носири Хусрав 2 нафар, Ҷалолиддини Балхӣ 11 нафар, Шаҳритус 4 нафар, Қубодиён 11 нафар, Фархор 1 нафар, Ёвон 21 нафар, Дӯстӣ 4 нафар, Левакант 1 нафар, Восеъ 4 нафар, Темурмалик 8 нафар, Абдураҳмони Ҷомӣ 9 нафар, Хуросон 2 нафар, Ҷайҳун 4 нафар, Панҷ 6 нафар, Ҳамадонӣ 1 нафар, Шамсиддин Шоҳин 3 нафар, Муъминобод 3 нафар, Ховалинг 9 нафар, Норак 10 нафар, Душанбе 12 нафар, Исмоили Сомонӣ 4 нафар, Сино 2 нафар, Фирдавсӣ 6 нафар, Шоҳмансур 3 нафар, Турсунзода 8 нафар, Роғун 6 нафар, Лахш 1 нафар, Ваҳдат 3 нафар, Ҳисор 11 нафар, Сангвор 1 нафар, Рӯдакӣ 2 нафар, Варзоб 3 нафар, Рашт 4 нафар, Нуробод 2 нафар, Шаҳринав 5 нафар ва

Файзобод 3 нафар ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии коррупсиониро содир намудаанд.

Инчунин, маълум гардид, ки дар соли 2023 дар 36 мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва дар 8 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд содир нашудааст.

Дар банди 9 Нақша «Роҳандозӣ намудани чораҳо вобаста ба ҳавасмандгардонии хизматчиёни ҷавони давлатӣ ва таҳким бахшидани арзишҳои зиддикоррупсионии онҳо» пешбинӣ гардидааст (мӯҳлати иҷро солҳои 2021-2025).

Вобаста ба таъмини иҷрои талаботи банди мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ ҳамасола барои ташкили курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ба такмили донишҳои ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуда, ҳамасола бо назардошти пешниҳоди мақомоти давлатӣ, таҳлили санадҳои барномавӣ ва нақшаҳои чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ, ки дар онҳо омӯзиши хизматчиёни давлатӣ пешбинӣ гардидааст, номгӯи курсҳо ва категорияи шунавандагон барои таҳияи лоиҳаи Нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин номгӯи мавзӯъҳо барои истифода дар таҳияи барномаҳои таълимии курсҳои мазкурро тартиб дода шуда, он ба Академияи идоракунии давлатӣ ирсол карда мешавад.

Дар соли 2024 дар ҳамкорӣ бо Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти давлатӣ 39 курси таълимӣ, аз ҷумла 3 курси азнавтайёркунӣ, 34 курси такмили ихтисос ва 2 курси таҷрибаомӯзӣ доир карда шуда, 2118 (зан-688) нафар шунаванда ба таълими иловагӣ фаро гирифта шудаанд.

Аз ҷумла, курсҳои такмили ихтисос барои роҳбарони сохторҳои меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз рӯйи барномаи «Заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 то 20 апрели соли 2024 бо иштироки 59 (зан-1) нафар ва барои сармутахассисони сохторҳои андози вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз руи барномаи «Сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ва пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 7 то 12 октябри соли 2024 бо иштироки 50 (зан-1) нафар гузаронида шуд.

Дар дигар курсҳо низ дар баробари дигар мавзӯъҳо ҳамзамон мавзӯъҳои «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Шарҳи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», «Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», «Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ», «Тартиби гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дар мақомоти давлатӣ» омӯзонида шуданд.

Тибқи иттилои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷиктистон соли 2024 бо фармоиши вазири мудофиа 501 нафар хизматчиёни ҳарбии қисму воҳидҳои Вазорати мудофиа, Кумитаи марказии ташкилоти ҷамъиятии

мадагори мудофиа, Сарпрокуратураи ҳарбӣ ва Судҳои ҳарбӣ бо рутбаҳои навбатии ҳарбӣ, пеш аз муҳлат ва як зина боло аз рӯи штати вазифавӣ ва пеш аз муҳлат сарфароз гардонида шуданд, аз ҷумла:

- 435 нафар дар Вазорати мудофиа;
- 29 нафар дар Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- 20 нафар дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- 17 нафар дар Кумитаи ташкилоти мададгори мудофиа.

Дар ин давра барои хизмати шоёну бенуқсон дар иҷрои вазифаҳои пурмасъулияти хизматӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашнҳо 156 нафар хизматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиа бо мукофотҳои давлатӣ ва 5 нафар афсар бо рутбаи олии ҳарбии «генерал - майор» қадрдонӣ карда шуданд.

Дар давраи ҳисоботи 4506 нафар хизматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиа, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва низомӣ бо фармоишиҳои вазири мудофиа ва муовинони у ҳавасманд гардонида шудаанд:

бо «Мактуби миннатдорӣ ба волидайн» - 5 нафар;

бо «Сипосномаи Вазорати мудофиа» - 242 нафар;

бо «Раҳматнома» - 349 нафар;

бо «Ифтихорнома» - 1175 нафар;

бо медали ҷашнии «30 - солагии Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ» 1994 нафар;

бо нишони сарисинагии «30 - солагии Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ» 435 нафар;

бо медали ҷашнии «70 - солагии ҶБВ» 77 нафар;

бо медали «75 - солагии ҶБВ» 64 нафар;

бо «Тӯҳфаи қиматнок» 23 нафар;

бо «Мукофоти пулӣ» 32 нафар;

бо нишони сарисинагии «25 - солагии Қӯшунҳои муҳандисии ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» 110 нафар.

Ҳамчунин, 160 нафар курсантони Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа баъд аз хатм бо рутбаи аввалини ҳарбии афсарӣ «ЛЕЙТЕНАНТ» сарфароз ва ба вазифаҳои пурмасъул таъин гардиданд:

118 нафар ба Вазорати мудофиа (аз ин шумора 21 нафар бинобар дар таҳсил қарор доштан дар ихтиёри вазири мудофиа қарор дода шуданд);

12 нафар ба ихтиёри Кумитаи давлатии амнияти миллӣ гузаронида шуд;

30 нафар ба ихтиёри Гвардияи миллӣ интиқол дода шуданд;

109 нафар курсантон баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти олии ҳарбии хориҷи кишвар ба рутбаи аввалини ҳарбии афсарии «ЛЕЙТЕНАНТ» сарфароз ва ба вазифа таъин карда шуданд, ки аз инҳо 22 нафар ба Гвардияи миллӣ ва 87 нафар ба қисму воҳидҳои ҳарбии Вазорати мудофиа.

Ғайр аз ин, дар соли 2023 барои сайқал додани малакаю дониш ва баланд бардоштани ҳолати рӯҳию равонии хизматчиёни ҳарбӣ ба курсҳои такмили ихтисос 60 нафар ба муҳлатҳои гуногун ба хориҷи кишвар равон карда шуданд.

Ба 11 нафар хизматчиёни давлатии маъмурӣ вобаста ба мансабҳои ишғолнамудаашон рутбаи тахассусии хизмати давлатии дараҷаи 3 дода шуд. Мутобиқи талаботи моддаи 41 қисми 3 - и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бинобар ба синни ниҳоӣ расидан бо таъмини

ҳар яки онҳо дар ҳаҷми музди меҳнати 3 моҳа кӯмакпулии яквақта дода шуда, ботантана гусел карда шуданд.

Боиси қайд аст, ки маълумотномаҳое, ки вобаста ба иҷрои банди мазкур ба Агеннтӣ пешниҳод шудаанд, хусусияти умумӣ дошта, дар ахборот дар кадом маврид татбиқ гаштани ин чораҳо шарҳу тавзеҳ наёфтааст.

Ҳамзамон анҷом додани сафарҳои хизматии корӣ на ба ҳайси қисми фаъолияти меҳнатӣ балки ҳамчун ҳавасмандгардонӣ баҳо дода шудааст, ки чунин муносибат барои дуруст муаррифӣ накардани дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми самтҳо замина мегузорад.

Новобаста аз ин таҳлил собит сохт, ки дар вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонии кормандоне, ки вазифаҳои хизматии худро намунавор иҷро намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд, тамоми тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, ин раванд сол то сол тамоюли беҳтаршавӣ дорад.

Бо мақсади пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ такмил додани қонунгузории андоз, гумрук, замин, иҷозатномадиҳӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, ки аз муқаррароти банди 10 Нақша бармеояд (муҳлати иҷро мунтазам), аз ҷониби ниҳодҳои дахлдори давлатӣ як қатор чораҳои судманд амалӣ карда шудааст.

Аз ҷумла, дар ин давра ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кумитаҳои давлатии идораи замин ва геодезӣ- 134, андоз - 13, хадамоти гумрук - 25, агентиҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа -10, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо -14 лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид гардида, мавриди экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ қарор гирифта, аз натиҷаи онҳо ба субъектони ҳуқуқэҷодкунанда хулосаҳои экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва ҷиҳати бартараф намудани дигар камбудиҳо таклифу пешниҳодҳои дахлдор ирсол карда шудааст.

Ҳаминро қайд кардан ҷоиз аст, ки аз санаи 1 то 10 августи соли 2024 мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатимидоштаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Дар ин раванд, 20 санади меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуда, дар 4 санади меъёрии ҳуқуқӣ - 21 омили бавуҷудоварандаи коррупсионӣ ошкор карда шуд.

Ҳамзамон, дар ҷараёни омӯзиши 15 Низомнома, 4 Оиннома ва 45 дастурамалҳои мансабии воҳидҳои сохтори дастгоҳи марказӣ, корхонаҳо ва муассисаҳои системаи Кумитаи мазкур дар 5 низомнома (11), 4 оиннома (9) ва 11 дастурамалҳои мансабӣ (17) - 37 камбудиву омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсионӣ ошкор карда шуд.

Аз натиҷаи мониторинг ва омилҳои коррупсионии ошкоршуда 4 хулосаҳои экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ, 2 дастурҳои хаттӣ ва 1 пешниҳод манзур гардид.

Инчунин, аз 7 то 17 октябри соли 2024 мониторинги татбиқи санадҳои меъёри ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар раванди омӯзиш ва

таҳлил дар 13 санад 49 омили бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шуд.

Ғайр аз ин, 20 Низомнома ва 30 дастурамали мансабии воҳидҳои сохтории мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, дар Низомнома-40 ва дар дастурамалҳои мансабии воҳидҳои сохторӣ-42 камбудию омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор гардид.

Ҷиҳати бартараф намудани омилҳои ошкоргардида 6 хулосаи экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва 3 дастури хаттӣ унвонии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ирсол карда шуд.

Тибқӣ маълумотномаи пешниҳоднамудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили қонунгузории андоз Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 23.12.2021, №1844 қабул ва аз 01.01.2022 мавриди амал қарор гирифт. Дар муқоиса бо Кодекси қаблӣ шумораи қисмҳо бетағйир, фаслҳо 3 адад кам, ҳамзамон шумораи бобҳо 7 адад ва моддаҳо 70 адад зиёд гардида, мафҳумҳо васеъ ва меъёрҳо мушаххас карда шудаанд.

Мақсади зиёдшавии муқаррароти меъёрӣ ба сода ва оммафаҳм намудани муҳтавои Кодекси андоз дар таҳрири нав, аз ҷумла мукаммалгардонии маъмурикунонии андоз равона гардидааст. Яъне дар моддаҳои алоҳида принсипҳои андозбандӣ, мониторинги андозӣ, машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои андозӣ ва амсоли он муқаррар гардидаанд.

Айни ҳол бо мақсади мукаммалгардонии қонунгузории андоз, рақамикунонии муносибатҳои андозӣ ва аз байн бурдани омилҳои инсонӣ, боз ҳам беҳтар намудани маъмурикунонии андоз аз ҷониби Кумитаи андоз лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда шудааст, ки баъд аз мувофиқа бо вазорату идораҳо тибқи тартиби мукараргардида аз ҷониби Вазорати молия ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Ҷиҳати идома додани раванди такмили қонунгузории андоз, аз ҷумла баҳри пешгирии кирдорҳои коррупсионӣ, бо назардошти ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи коршиносони Хадамоти Федеролии андози Федератсияи Россия, натиҷаи сафарҳои хориҷии кормандони Кумитаи андоз, омӯзиши ҳамарӯза ва таҷрибаи кишварҳои тараққикарда лоиҳаҳои зерини санадҳои меъёрии андоз таҳия карда шудааст, ки айни замон дар баррасии сохторҳои Кумитаи андоз қарор доранд:

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- лоиҳаи «Тартиби муайян намудани арзиши андози роялти барои истихроҷи металҳои ранга (ҳамроҳ истихроҷшуда)»;
- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии «Дар бораи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда»;
- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии «Дар бораи Қоидаҳои андозбандии шахсони воқеӣ бо низоми содакардашудаи андозбандӣ аз даромади касбӣ».

Дар назар аст, ки баъд аз мувофиқаи дохилиидоравӣ, лоиҳаҳои мазкур тибқи тартиби муқараргардида барои баррасӣ ба вазорату идораҳои дахлдор манзур карда мешавад.

Тибқи иттилои Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулини Хадамот дар якҷоягӣ бо кормандони Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тартиби мазкурро дар асоси талаботи қисми 2 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» таҳия намуданд, ки он бо фармоиши якҷояи Хадамоти гумрук ва Агентии «Тоҷикстандарт» аз 1 майи соли 2024, №ф-58 ва №53ф/а тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рақами бақайдгирии давлатии 1284 аз 6-уми июни соли 2024 ба қайд гирифта шуд.

Ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №208 «Дар бораи Тартиби бақайдгирии воситаҳои мобилии алоқаи барқӣ ва муайян намудани воситаҳои мобилии алоқаи барқӣ» дар ҳамкорӣ бо ширкати ҶДММ «Нет Солюшенс» портали ягонаи www.imei.tj роҳандозӣ гардида, дар дидбонгоҳҳои гумрукии наздисарҳадӣ ҷиҳати бақайдгирии воситаҳои мобилии алоқаи барқӣ, таҷҳизотҳои техникӣ насб карда шуданд.

Системаи мазкур аз 1 ноябри соли 2023 расман мавриди амал қарор дода шуда, тавассути он дар соли 2023 зиёда 30 млн. сомонӣ ва дар нимсолаи аввали соли 2024 беш аз 77,8 млн сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ҷамъоварӣ шуд.

Бо мақсади пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ ва аз байн бурдани хавфу омилҳои бавуҷудорандаи коррупсия дар самти фаъолияти гумрукӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2024, №442 ба Қоидаҳои интиқоли молҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби имтиёзнок ва соддагардонидашуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, №544 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳо ворид карда шудуданд.

Тибқи тағйиру иловаҳои мазкур имтиёзи муқарраршуда вобаста ба воридоти воситаҳои мобилии алоқаи барқӣ, ки ҳангоми воридот аз ҷониби шахсони воқеӣ татбиқ мегардид, аз байн бурда шуд. Баъди мавриди амал қарор гирифтани қарори болозикр, минбаъд тамоми воситаҳои мобилии алоқаи барқӣ ҳангоми воридот ба ҳудуди гумрукии кишвар баъди супоридани пардохтҳои гумрукии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мавриди барасмиятдарории гумрукӣ ва бақайдгирии давлатӣ қарор дода мешаванд.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2023, №2001 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», қисми 1 моддаи 309 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардид, ки тибқи тағйироти мазкур, минбаъд супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо тариқи ғайринақдӣ дар асоси супоришномаи пардохти электронӣ, ба амал баровардa мешавад.

Бо мақсади иҷрои Қонуни қабулшуда, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2024, №205 аз матни қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2005, №472 «Дар бораи тасдиқи андозаи хироҷҳои гумрукӣ барои хизматрасонии гумрукӣ» калимаҳои «барасмиятдарории ордери хазинавии гумрукӣ» хориҷ шуда, супоридан ва ситонидани маблағи хироҷҳои гумрукӣ дар рӯзи қабули

декларатсияи гумрукии бор ё иҷозати мол дар асоси супоришномаи пардохти электронӣ муқаррар гардид.

Инчунин, бо мақсади такмили қонунгузории гумрук, тибқи қонунҳои зерин ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2021-2023 як қатор тағйиру илова ворид карда шудааст. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» №1768 аз 29.01.2021, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» №1868 аз 18.03.2022 сол, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» №1906 аз 19.07.2022, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» №1932 аз 24.12.2022, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» №2001 аз 13.11.2023.

Ба иттилои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол лоиҳаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав омода шуда, он бо мактуби расмӣ аз 18 июни соли 2024, №1/13-2457(9.35) барои расмиёти мувофиқакунонӣ ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда шудааст.

Баъд аз ба пуррагӣ дастрас намудани хулосаҳои вазорату идораҳои дахлдор таклифу пешниҳоди вазорату идораҳо ба лоиҳаи Кодекс дар доираи Гурӯҳи кории дохилиидоравӣ ва маротибаи дуюм бо иштироки намояндагони ниҳодҳои дахлдори давлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, бо назардошти таклифу пешниҳоди воридшуда лоиҳаи Кодекси болозикр такроран ба вазорату идораҳои дахлдор бо мактуби расмӣ аз 28 октябри соли 2024, №1/13-4456 (9.35) барои расмиёти мувофиқакунонӣ ирсол карда шудааст ва айн ҳол он дар ҳоли баррасӣ қарор дорад.

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044» бошад, омода гардида, он бо дарназардошти ба инобат гирифтани масъалаҳои маблағгузорӣ, кадастри давлатии замин ва баҳои замин дар баррасии гурӯҳи корӣ қарор дорад.

Айни ҳол, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №225» омода карда шуда, барои расмиёти мувофиқакунӣ ба вазорату идораҳои дахлдор бо мактуби расмӣ аз 25 сентябри соли 2024, №1/13-3985 (9.35) ирсол карда шудааст.

Дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҷониби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2023, №36 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ва вазифаҳо барои соли 2023» «Тартиби таъин ва пардохти нафақа бо назардошти мушаххас намудани манбаи маблағгузории онҳо аз рӯйи намуди нафақаҳо ва ҷиҳати ҳарчи зудтар тариқи электронӣ ташкил намудани «Феҳрасти ягонаи давлатии нафақагирон» чораҳои зарурӣ андешида шуда, Тартиби мазкур баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор барои бақайдгирӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо мақсади таъмини амалисозии саривақтии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, № 671 ва қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2024, №5 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» Дастурамал оид ба 30 фоиз индексатсия (зиёд) намудани андозаи нафақаҳои нафақагирон аз 1 июли соли 2024 таҳия гардида, бо фармоиши директори Агентӣ аз 14 марти соли 2024, №ф-16 тасдиқ гардид, ки ба раёсату шуъбаҳои вилоятӣ ва шаҳрию ноҳиявии Агентӣ барои корбарӣ ирсол карда шуд.

Дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 22 июни соли 2023, №1979 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» дар таҳрири нав қабул гардида, мавриди амал қарор гирифт. Тибқи талаботи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» «Тартиб ва даврияти гузаронидани санҷиши эътимоднокии воситаҳои ченак» таҳия ва 21 июли соли 2023 барои бақайдгирӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Аз маълумотҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки аз ҷониби Вазорат дар соли 2024 вобаста ба як қатор лоиҳаҳои аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ таҳиягардида, аз ҷумла ба лоиҳаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли 2024», «Оид ба ворид намудани тагйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Дар бораи ворид намудани тагйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудааст.

Банди 11 Нақша «Таҷдиди назар кардани ҷавобгарии маъмурӣ барои бидуни усулҳои муқаррargардидаи хариди давлатӣ анҷом додани фаъолияти харидорӣ»-ро пешбинӣ намуда, мақсади асосии он муқовимат намудан ба коррупсия дар соҳаи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ мебошад (муҳлати иҷро солҳои 2021-2022).

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намуда, санаи 19 майи соли соли 2023, №2/3-2082-1 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ирсол намудааст.

Мутобиқи тағйиру иловаҳои ба моддаи 519 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида, андозаи ҷаримаи маъмурӣ нисбатан баланд бардошта шудааст.

Новобаста аз он, ки лоиҳаи Қонун ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида бошад ҳам, вале то инҷониб ҷавобгарии маъмурӣ барои бидуни усулҳои муқаррargардидаи хариди давлатӣ анҷом додани фаъолияти харидорӣ муқарар карда нашуда, ба ин васила талаботи банди 11 Нақша ноиҷро боқӣ мондааст.

Дар банди 12 Нақша «Давра ба давра такмил додани низоми хариди электронӣ бо дар назар доштани ҳамгироии он бо низомҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ ва бонкҳо» пешбинӣ гардидааст, ки мӯҳлати иҷрои он солҳои 2021-2025 мебошад.

Ҷиҳати мусоидат ба фаъолияти комиссияҳои тендерӣ ва ҳамзамон осон гардонидани ҷараёнҳои корӣ барои молрасонон (пудратчиён), Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ҳамгироии низомҳои иттилоотиро якҷо бо Кумитаи андоз идома дода, имконияти нав - дастрасӣ ба тавозуни муҳосибавии молрасонон (пудратчиён) дар шакли электронӣ пайдо гардид.

Қаблан дар асоси Созишномаи дутарафайн бақайдгирии молрасонон (пудратчиён) дар Портали хариди давлатии электронӣ тавассути ворид намудани рақами мушаххаси андозсупоранда ва пайвастшавӣ ба маълумоти Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, мубодилаи электронии маълумот оид ба қарздории андозии молрасонон (пудратчиён) ва ирсоли автоматикии маълумот дар бораи қарордодҳои хариди давлатӣ ҷиҳати пайгирии уҳдадориҳои андозии ғолибони озмун роҳандозӣ гардидааст.

Бо мақсади васеъ намудани доираи хизматрасониҳои электронӣ, Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуб аз 30 августи соли 2022, №1/2-770 ба ҳамаи бонкҳо, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар самти ҷорӣ намудани кафолатҳои бонкӣ муроҷиат намуда, аз натиҷа 9 бонки тиҷоратӣ, 3 ташкилоти амонатии қарзии хурд ва 1 ташкилоти қарзии хурд изҳори ҳавасмандиро расман баён намуданд.

Вобаста ба ин, санаи 1 ноябри соли 2022 дар бинои Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон курси омӯзишӣ барои кормандони бонкҳои ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон», ҶСК «Ориёнбонк», ҶСП «Спитамен Бонк» ва ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» гузаронида шуда, тартиби фаъолият оид ба расмиёт даровардани кафолатҳои бонкӣ бевосита дар Портал омӯзонида шуд. Интишори озмоишии кафолатҳои бонкӣ дар Портал гузаронида шуда, модули мазкур пурра барои истифода омода мебошад. Ба иштирокчиёни озмун тавассути модули «Паёмакҳо» дар ин хусус хабар дода шудааст.

Моҳи марти соли 2023, аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ҳамчун маблағгузорӣ ҷузъи дуюми «Лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ» арзёбии мутобиқати Портали ягонаи хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Дастурамали Бонки Бисёрҷанбаи Рушд оид ба хариди электронӣ (Compliance Assessment using MDB e-Tendering Guidelines) ба анҷом расида, санаи 29 марти соли 2023 Ҳисобот оид ба арзёбии Портал (Assessment of the Tajikistan e-Government Procurement System (TJePS)) пешниҳод гардид. Арзёбӣ аз рӯи маҳакҳои «Дастрасӣ ба низом», «Интишори эълонҳо», «Паҳни ҳуҷҷатҳои озмунӣ», «Мукотибот, Тағйирот ва Тавзеҳот», «Ирсоли пешниҳодҳои озмунӣ», «Пайгирии аудиторӣ», «Кушодашавии пешниҳодҳои озмунӣ», «Арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ», «Вобастакунонии шартномаҳои харид», «Танзими шикоятҳо», «Идоракунии бехатарии иттилоот», «Айнияткунонӣ» ва «Пардохтҳо» гузаронида шуда, муайян карда шуд, ки Портали ягонаи хариди давлатии

электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳаммаи маҳакҳо мутобиқат мекунад. Дар ин асос, дар Ҳисобот дарҷ карда шудааст, ки Бонки Ҷаҳонӣ Порталро барои анҷом додани харидҳо дар доираи лоиҳаҳои аз ҷониби он маблағгузоришаванда истифода хоҳад намуд.

Дар банди 13 Нақша «Андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъсис ва ба роҳ мондани фаъолияти комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии арзу шикоятҳо оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» муайян гардидааст (мӯҳлати иҷро солҳои 2021-2025).

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон» -ро таҳия намуда, 19 сентябри соли 2023, №1/2-538 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳокима ирсол гардид.

Бо лоиҳаи қарори мазкур ҳайати Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон ва Низомномаи комиссия тасдиқ карда шуда, заминаи ҳуқуқӣ барои баррасии беғаразонаи шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон фароҳам оварда мешавад.

Мутобиқи лоиҳа, ҳайати комиссияи байниидоравӣ аз раис, муовини раис, се аъзо ва котиб иборат буда, Низомномаи комиссия муқаррароти умумӣ, асосҳои ташкили фаъолияти комиссияи байниидоравӣ, вазифаҳои комиссияи байниидоравӣ ва уҳдадориҳои раис ва котиби он, ваколатҳои комиссияи байниидоравиро муқаррар намуда, инчунин шакли Протоколи ҷаласаи комиссия ва Эъломия дар бораи бархӯрди манфиатҳои аъзо ва котиби Комиссияи байниидоравӣ мутобиқи замимаҳои 1 ва 2 тасдиқ карда мешаванд.

Банди 14 Нақша «Ҷорӣ намудани усулҳои нави хариди давлатӣ»-ро пешбинӣ кардааст (мӯҳлати иҷро солҳои 2021-2025).

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» аз 15 марти соли 2023, №1955 усулҳои нави хариди давлатӣ, аз ҷумла созишомаҳои қолабӣ, аукционӣ баръакси электронӣ ва музокироти рақобатӣ пешбинӣ карда шуда, механизми баргузории онҳо бояд мутобиқи Қоидаҳои расмиёти хариди давлатӣ ва Ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ муайян карда мешавад.

Аз ҷониби Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ», 14 августи соли 2023, 1/2-468 барои баррасӣ ба вазорату идораҳо ирсол гардида, баъди ба инобат гирифтани таклифу эродҳои онҳо лоиҳа такроран ба баррасии вазорату идораҳо 31 майи соли 2024, 1/2- 369 пешниҳод гардид.

Ҳамчунин, дар нимсолаи аввали соли 2024 аз ҷониби Агентӣ лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ оид ба хариди мол ва хизматрасониҳои ғайримашваратӣ» ва «Дар бораи Ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ оид ба хариди кор» ба баррасии вазорату идораҳо ирсол гардида айни замон дар баррасӣ қарор доранд.

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби истифодаи усули дигари харид ва расмиёти созишномаҳои қолабӣ»-ро таҳия ва онро 20

сентябри соли 2023, №1/3-540 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳокима ирсол намудааст.

Тибқи маълумотномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи қисми 1 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи раҳобат», Хадамот зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ мониторинги Порталро (Eprocurement.gov.tj) амалӣ намуда, дар ҳолати зарурӣ корбарӣ менамояд.

Банди 15 Нақша «Роҳандозӣ намудани чораҳои дахлдор ва шаффоф ҷиҳати пешгирии омилҳои рақобати бевиҷдонона вобаста ба манъ намудани соҳиб шудан ва дидаю дониста истифода бурдани ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои инфиродикунонии мол, истифодаи тамғаҳои молӣ, тамғаҳои молии маъруфшуда, кор ва хизматрасониҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони хориҷӣ, инчунин пеш аз мӯҳлат бекор намудани тамғаҳои молии бақайдгирифташуда»-ро пешбинӣ намудааст (мӯҳлати иҷро мунтазам).

Тибқи муқаррароти пешбининамудаи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» Хадамоти зиддиинҳисорӣ барои татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ дар соҳаи рушди бозорҳо ва рақобати фаъолияти соҳибкорӣ масъул буда, бо мақсади мусоидат ба рақобати солим ва андешидани чораҳо оид ба ғайриинҳисорӣ кардани истеҳсол ва муомилоти мол, назорати риояи талаботи қонунгузории зиддиинҳисориро амалӣ менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки мутобиқи талаботи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» истифодаи худсаронаи тамғаи молӣ, тамғаи молии хизматрасонӣ, тамғаҳои молии маъруфшуда, ном ё нишонгузории фирмавӣ, инчунин нусхабардории борҷома ва намуди зоҳирии моли дигар субъекти хоҷагидор, ки метавонанд рақибонро аз фаъолияти соҳибкориашон маҳрум созанд ва ё манфиати онҳоро халалдор созанд, ҳамчун амали рақобати бевиҷдонона ҳисобида мешаванд.

Дар ин асос, тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи мазкур рақобати бевиҷдонона, ки вобаста ба соҳиб шудан ва истифодаи ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои инфиродикунонии мол, истифодаи тамғаҳои молии маъруфшуда, корҳои иҷрошаванда ё хизматрасонӣ алоқаманд аст, манъ карда шудааст.

Хадамоти зиддиинҳисорӣ ҳолати вайрон намудани талаботи қонунгузори дар нуқтаҳои тиҷоратии ҶСП «Кушониён», ҶДММ «Корвон Плюс» ва ҶДММ «Бозори Корвон» ва фаъолияти ҶДММ «Дониерзода Бахтиёр» ошкор намуда, ҷиҳати бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо чораҳои дахлдори қонунӣ андешидааст.

Бо мақсади бартараф ва қатъ намудани амалҳои (беамалии) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, ки боиси маҳдудкунии рақобат дар бозори моли муайян мегарданд, инчунин пешгирии амале, ки воқеан метавонад дастрас будани бозор ва имконияти озоди харидории истеъмолкунандагонро маҳдуд сохта, фаъолияти озоди иштирокчиёни бозор ва манфиати онҳоро халалдор намояд, дар асоси талаботи қисми 2-и моддаи 22, сархати 5 қисми 1, қисмҳои 2 ва 3-и моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат», банди 15 Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бо дастрасии сархати 6 моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ, банди 12 Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Хадамоти зиддиинҳисорӣ вобаста ба пеш аз муҳлат беэътибор донистани бақайдгирии тамғаи молӣ қабулшуда барои иҷро ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот» ирсол менамояд.

Таҳлил ва омӯзиши вазъи рақобат дар бозори моли ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯзҳо амалҳои соҳибкорони алоҳида вобаста ба поймол намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва маҳдуд кардани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар бозор бо роҳи инфиродикунии молу маҳсулот ва бо ин роҳ ба даст овардани ҳолати инҳисоркунонии бозори мол зиёд гардидаанд.

Боиси қайд аст, ки дар маълумотномаи пешниҳоднамудаи Хадамот раванди зиёд гардидани ҳолати инҳисоркунонии бозори мол ба таври амиқ нишон дода нашуда, он бо мафҳуми умумӣ пешниҳод гардидааст, ки бо ин роҳ арзёбии иҷрои банди мазкур ғайриимкон аст. Зеро мақсади асосии банди 11 Нақша пешгирӣ намудани омилҳои рақобати бевиҷдонона махсуб ёфта тамоюли зиёдшавии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби соҳибкорон дар ин самт аз фаъолияти нокифояи масъулини Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рушди низоми хариди электронӣ»-и назди Агентии харидидавлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз талаботи банди 16 Стратегия бар омада, Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иҷрокунандаи он махсуб меёбад.

Вобаста ба таъмини иҷрои банди мазкур аз ҷониби Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ лоиҳаҳои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рушди низоми хариди электронии давлатӣ»-и Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №228» таҳия намуда, лоиҳаҳои мазкур ба вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати мувофиқа аз 22 июли соли 2022, №2/2-639 ирсол карда шудаанд.

Бо инобати таклифу эродҳои вазорату идораҳо дар ду даври мувофиқа, лоиҳаҳо такмилдодашуда, аз 18 ноябри соли 2022, №1/2-1036 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидаанд, ки айни ҳол мавриди баррасӣ қарор доранд.

Тақвият додани фаъолият дар самти ҷорӣ намудани таҷрибаи тақсимоти электронии парвандаҳо дар байни судяҳо аз банди 17 Нақша маншаъ мегирад ва ҳадафи асосии ин банд пешгирии коррупсия ҳангоми баррасии парвандаҳо дар судҳо мебошад (муҳлати иҷро солҳои 2021-2025).

Тибқи маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гузаштан ба коргузории электронии судӣ 25 июни соли 2021, №1783 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» қабул гардид, ки мавриди амал карор дошта, яке аз шаклҳои дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, чиҳати таъмини ичрои банди мазкур фармоиши Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 феврали соли 2022, №5 «Дар бораи таъсис додани гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба омӯзиш ва воридкунии барномаи рақамии «Коргузории электронии судӣ» ба тавсиб расида, бо назардошти зарурияти маблағгузорӣ, корҳо дар ин самт бо ҷалби шарикони рушд идома дорад.

Ҳамзамон бо максади ба таври таҷрибавӣ оғоз намудани фаъолият дар ин самт дар якчояги̣ бо шарикони рушд барнома ва таҷҳизоти зарурӣ ба судҳои шаҳру ноҳияҳои Хучанд, Бохтар, Хоруғ, Фирдавсӣ ва Рудакӣ дастрас карда шудаанд.

Аз таҳлилҳои бармеоянд, ки дар низмои судии мамлакат то ҳол ҷорӣ намудани таҷрибаи тақсимоти электронии парвандаҳо дар байни судяҳо ба роҳ монда нашуда, ба ин васила талаботи ин банд қисман иҷро шудааст.

Аз ин лиҳоз роҳбарияти Суди Олии мамлакатро зарур аст, ки то ба анҷом расидани муҳлати амали барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ фаъолиятро дар ин самт ҷоннок намоянд.

Банди 18 Нақша «Нашри санадҳои судии эътибори қонунипайдокарда дар сомонаҳои расмӣ»-ро баҳри таъмини шаффофият дар фаъолияти судҳо пешбинӣ намудааст (муҳлати иҷро мунтазам).

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сомонаи расмӣ (www.sud.tj) мебошад, ки дар он ба ғайр аз маълумотҳои дигар, инчунин рӯйхати парвандаҳои барои баррасӣ дар марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ таъиншуда ҷойгир карда мешаванд. Тартиби ҷой додани санадҳои судиро дар сомона Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо», кодексҳои гражданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардa, нашри санадҳои судии эътибори қонунипайдокарда дар сомонаҳои судҳо танҳо бо розигии иштирокчиёни мурофиаи судӣ иҷозат дода шудааст.

Дар сомонаи Суди Олӣ ва судҳои ҷумҳуӣ дар баробари маълумотҳои дигар, инчунин руйхати парвандаҳои барои баррасӣ таъиншуда ҷой карда мешаванд, ки ин раванд барои таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти судӣ мусоидат намудааст.

Дар банди 19 Нақша пешбинӣ карда шудааст, ки «Қонунгузории мурофиавӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ ва оилавӣ мукаммал карда шаванд» ва мақсади ин чорабинӣ бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, иҷрои он солҳои 2021-2023 ба нақша гирифта шуда буд.

Ҷиҳати мутобиқгардонии қонунгузорӣ, бартараф кардани норасоиҳои ҷойдошта, мушаххас намудани ваколатҳои мақомот ва шахсони мансабдори дахлдор дар муҳлати муқаррарнамудаи банди болозикри Нақша қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 декабри соли 2021, №1811, аз 18 марти соли 2022, № 1853, аз 19 июли соли 2022, № 1900, аз 24 декабри соли 2022, № 1926, аз 3 январи соли 2024, №2017, «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 декабри соли 2021, №1817, аз 18 марти соли

2022, №1855, №1856 аз 19 июли соли 2022, №1898, аз 24 декабри соли 2022, №1930, аз 13 ноябри соли 2023, №1987 ва аз 3 январи соли 2024, №2022, «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 марти соли 2022, №1858, №1860, «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 декабри соли 2021, №1818, аз 18 марти соли 2022, №1857, аз 19 июли соли 2022, №1899, аз 24 декабри соли 2022, №1931, «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 январи соли 2024, №2030, №2031 қабул карда шудаанд.

Тибқи маълумоти Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Марказ таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Кодекси мурофиаи иҷрои Ҷумҳурии Беларус оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодексҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Арманистон, Ӯзбекистон, Озорбойҷон, Қирғизистон ва Молдова гузаронида шудааст.

Ҳамзамон, масъулини Марказ аз 2 апрели соли 2024, №4/1-37 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз экспертиза гузаронида, ҷиҳати такмили он 45 таклиф пешниҳод намудаанд.

Фароҳам овардани шароит барои ба такмили ихтисос фаро гирифтани шахсони мутасаддӣ оид ба таъмини иҷрои Стратегия дар Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти муборизабаранда бар зидди коррупсия ва судии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муқаррароти банди 20 Нақша бармеояд (муҳлати иҷро солҳои 2021-2023).

Ҷиҳати иҷрои банди 20 «Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030 барои марҳилаи якуми солҳои (2021-2025)» дар ҳамбастагӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулини Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шунавандагони курсҳои нақшавӣ ва ғайринақшавии такмили ихтисос барои сармутахассисон, мутиахассисони пешбар, ва мутахассисони сохторҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, ки фаъолияти онҳо ба масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ, аудити беруна ва дохила мансуб аст, аз рӯи барномаи «Рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва амалиётҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои мудирони муассисаҳои давлатии таълимии томактабии шаҳри Душанбе аз рӯи барномаи «Малакаи роҳбарӣ» санаи 12-17 феврали соли 2024, барои роҳбарони мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ ва муовинони роҳбарони идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи барномаи «Идоракунии давлатӣ дар замони муосир» санаи 19-24 феврали соли 2024,ва барои сардорони сохторҳои меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз рӯи барномаи «Заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» санаи 15-20 апрели соли 2024 «Нақши соҳаи маориф ва илм дар ташаккули маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионии аҳолӣ», пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои

дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, «Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ» ва «нақши Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дар муқовимат ба зуҳуроти коррупсионӣ» лексия ва сӯҳбат гузарониданд.

Банди 21 Нақша «Таъсиси ихтисосҳои нав дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати тайёр намудани кадрҳо дар самти муқовимат ба коррупсия»-ро пешбинӣ мекунад. Ҳадаф аз ин банд бо кадрҳои соҳибтахассус таъмин намудани мақомоти муқовиматкунанда бар зидди коррупсия мебошад (мухлати иҷро солҳои 2022-2024).

Вобаста ба иҷрои ин банд Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудааст, ки ҷиҳати таъсиси ихтисосҳои нав дар самти муқовимат бо коррупсия дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст.

Аз ҷумла, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади омода намудани кадрҳои соҳибтахассус таъмин намудани мақомоти муқовиматкунанда бар зидди коррупсия, давоми солҳои таҳсили 2022-2023 дар назди факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ ихтисосҳои нав «Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «фаъолияти судӣ-прокурорӣ ва муфаттишӣ» таъсис дода шудааст. Илова ба ин, донишгоҳ тасмим гирифтааст, ки бо дарназардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» ва Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007, таҳти №349 ихтисоси «Фаъолияти ҳуқуқии муқовимат бо киберҷинояткорӣ»-ро дар факултети ҳуқуқшиносӣ таъсис диҳад.

Бояд тазаккур дод, ки дар сохтори Донишоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун факултети алоҳида фаъолият бурда, ҷиҳати тайёр намудани мутахассисон дар самти муқовимат бо коррупсия ихтисосҳои ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, идораи давлатӣ ва ҳуқуқ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, санҷиши судӣ ташкил карда шуда, мутахассисон аз рӯйи ин ихтисосҳо омода карда мешаванд. Айни ҳол дар шуъбаи рӯзонаи ихтисосҳои зерин 1219 нафар ва дар шуъбаи фосилавӣ 950 нафар донишҷӯён таҳсил менамоянд.

Инчунин, дар сохтори факултет кафедраи «Ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия» фаъолият менамояд. Тибқи нақшаи таълимӣ ба донишҷӯён аз рӯйи фанҳои махсус «Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта» ва «Коррупсия ва хатари он ба ҷомеа» тадрис дода мешаванд. Фанни мазкур дар курсҳои 3-юми шуъбаи рӯзона ва фосилавӣ тадрис дода шуда, зиёда аз 517 нафар донишҷӯёнро фаро мегирад.

Тибқи маълумотномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади таъсиси ихтисоси нав дар самти тайёр намудани мутахассисони самти муқовимат ба коррупсия нақшаи таълимии ихтисоси мазкур омода карда шуда, дар ин асос он ихтисоси таъмини ҳуқуқии фаъолияти муқовимат ба коррупсия номгузорӣ карда шуд.Айни ҳол ҳуҷҷатҳои ҳукукдиҳанда вобаста ба масоили болозикр унвонии Агентии назорат дар соҳаи маориф ирсол карда шуда, мавриди баррасӣ қарор дорад.

Бо мақсади ташаккули мафкураи зиддикорупсионии аҳолӣ, хусусан наврасону ҷавонон дар банди 22 Нақша «Таҳия ва интишори китобҳо, асарҳои саҳнавӣ, барномаҳои телевизионӣ дар мавзӯъҳои марбут ба муқовимат ба коррупсия» муқаррар гардидааст (мухлати иҷро мунтазам).

Бо мақсади таъмини иҷрои банди мазкур аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, хусусан маҳалҳои дурдасти аҳолинишин ва дигар ташкилоту муассисаҳо бо қишрҳои гуногуни ҷомеа дар маҷмӯъ 1053 сӯҳбату вохӯриҳо, 50 мизи мудаввар, 70 семинар ва 20 конфронс баргузор карда шуда, дар 216 чорабиниҳои доирнамудаи дигар ниҳодҳои давлатӣ ва созмону ташкилотҳои байналмилалӣ иштирок ва бо маърӯзаҳо баромад намуданд.

Бо мақсади иттилоотонӣ аз оқибатҳои зараровари коррупсия ва ҷалби ҳарчи бештари шаҳрвандон дар раванди муқовимат ба ин зуҳурот 69 намуд шиору овеза, 31 намуд буклет бо теъдоди 10590 адад, 55 мақолаи зиддикоррупсионӣ, 22 видеоролики иҷтимоӣ, 92 ахбороти кӯтоҳ, 366 хабару иттилоот дар сомонаи расмӣ ва 52 барномаи телевизионӣ таҳия гардида, ба саъми ҷомеа расонида шуд.

Тибқи иттилои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор намудани барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ, таҳия ва нашри китобу дастурҳои тарбиявӣ ва баргузории асарҳои саҳнавӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар робита ба пешгирии коррупсия ва амалҳои номатлуби ришваситонӣ аз масъалаҳоеанд, ки зери назорати доимии роҳбарияти вазорат қарор дошта, барои пешгирии амалҳои мазкур корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғиботӣ миёни хонандагону донишҷӯён ва омӯзгорон мунтазам сурат мегирад.

Дар нашри такрории китоби дарсии «Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар синфи 9-ум дар боби 12, параграфи 7 роҷеъ ба сохтор, вазифаҳои асосӣ ва самтҳои фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва доираи ваколатҳои он, амалӣ намудани мубориза бо коррупсия дар тамоми шоҳаҳои ҳокимияти давлатӣ, тарзи гузаронидани таҳлили ҳавфҳои коррупсия, гузаронидани чорабиниҳои оперативию ҷустуҷӯӣ бо мақсади огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъ ва фошнамоии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар ҳаҷми 5 саҳифа мавод ворид карда шудааст.

Китоби дарсии мавриди назар соли 2023 ба теъдоди 30 000 нусха ва соли 2024 бошад, 25 000 нусха нашр гардид.

Илова бар ин, аз ҷониби масъулини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дастуру васоити таълимӣ ва брошюра таҳти унвони «Сиёсати зиддикоррупсионӣ», «Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта», «Ҳуқуқи зиддикоррупсионӣ», «Проблемаҳои тафтишоти ва пешгирии коррупсия» ва «Ҳаёт бидуни коррупсия» нашр шудааст.

Бо мақсади амалигардонии банди мазкур аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Озмуни ҷумҳуриявӣ оид ба тарғиботи зиддикоррупсионии «Воситаҳои ахбори омма муқобили коррупсия» эълон гардида, ҳадаф аз роҳандозии он дарёфти беҳтарин мавод дар мавзӯи

пешгирии амалҳои коррупсионӣ, ҳамзамон тарғибу ташвиқ ва оммафаҳм гардонидани роҳҳои бартараф сохтани мушкилоти мавҷудаи ҷомеа буд.

Бо пешниҳоди ҳайати ҳакамони озмуни мазкур маҷмӯа таҳти унвони «Васоити ахбори омма муқобили коррупсия» барои нашр омода шуд, ки дар он фишурдаи маводи ба Озмун пешниҳодгардида ҷой дода шуда, он ҳамчун дастури омӯзишӣ ҷиҳати пешгирии хатарҳои коррупсионӣ мавриди истифодаи омма қарор хоҳад гирифт.

Аз ҷониби Муассисаи давлатии «Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М. Миршакар» маълумотномаи библиографии «Коррупсия-зуҳуроти номатлуби ҷомеа» интишор гардид.

Ҷиҳати таҳия ва ба саҳнагузории асарҳои мазҳакавӣ дар бораи оқибатҳои зараровари коррупсия муассисаҳои театрии кишвар, аз ҷумла Муассисаҳои давлатии «Театри давлатии драмавии русии ба номи Вл. Маяковский» намоишномаи «Расплата», «Преступление и наказание» аз рӯи асари Ф. Достоевский, «Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ» намоишномаҳои «Ҷиноят ва ҷазо»-и М. Зощенко, «Обу оташ», «Ҷашн», «Баъди мурдан хоҳ биёӣ, хоҳ наё»- и Х. Хурсандов, «Вийд»-и Ҷ. Қуддус, «Театри давлатии ҷумҳуриявии лӯхтак» намоиши «Ҳуқуқи шумо дар дасти худи шумост», «Ман ба куҷо меравам -?», «Кист гунаҳкор-?» дар студияи кӯдаконаи «Исмоил»- и назди театр, «Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов» намоишномаи «Қарзи виҷдон» аз рӯйи пиесаи Н. Шарипов, «Театри давлатии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи М. Назаров» «Дутабара», «Театри давлатии ӯзбекии драмавии мусиқии ба номи Ш. Бурҳонов», «Ҳаммоми Азроил», «Театри давлатии драмавии мусиқии ба номи Т. Фозилова» «Қорӣ - ишкамба», «Театри давлатии русии драма ва мазҳакаи ш. Бӯстон» «Тақдир» пешкаши тамошобинон гардонида шудаанд. Муассисаи давлатии «Театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ» намоиши «Ҷиноят ва ҷазо»-и М. Зощенкоро ба таври сайёр барои устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Н. Хусрав пешкаш намуда, дар анҷоми намоиш устодону донишҷуён оид ба ин мавзӯъ фикру андешаҳои худро иброз намуданд.

Вобаста ба масъалаи мазкур дар муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода» донишҷӯёни шуъбаҳои маҳорати актёрӣ ва режиссёрӣ этюдҳо ва саҳначаҳои хурди зиддикорупсионӣ таҳия намуданд, аз ҷумла; «Ба коррупсия не гӯед», «Муқовимати шумо дар дасти шумост !», «Ман ба коррупсия роҳ намедиҳам!», «Аз амалҳои кардаам сахт пушаймонам», «Гумроҳ», «Як бор ҷасти малахак» ва «Зуҳуроти номатлуб» дар байни донишҷӯён намоиш дода шудаанд. Инчунин барои муқовимат ба коррупсия

Дар китобхонаи илмии донишкада намоиши доимоамалкунандаи китобӣ ва картотекаи мавзӯии «Коррупсия-зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир» ташкил карда шудааст.

Дар муассисаҳои фарҳангии шаҳри Ҳисор дар ин муддат доир ба масъалаи мазкур 7 мизи мудаввар, 5 ҳамоиши фаҳмондадиҳию тарғиботӣ ва 3 аксияи тарғиботӣ бо намоиш додани барномаи консертию ташвиқотӣ гузаронида шуданд. Инчунин, оид ба масъалаи коррупсия ва пешгирии он аз ҷониби ҳунармандони театри халқӣ се саҳначаи ҳаҷвӣ бо номҳои «Коррупсия ва зарари он», «Судхӯрӣ амали бешарафист», «Амонатро набояд хиёнат» таҳияву омода гардида, зимни чорабиниҳои тарғиботӣ ба

иштирокчиён, хонандагону донишҷӯён ва шаҳрвандони касбу кори гуногун намоиш дода шудаанд.

Дар банди 23 Нақша «Амалӣ намудани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи иттилоотӣ баҳри кам намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматчиёни давлатӣ, инчунин муайян намудани рақами телефони боварии доимоамалкунанда ва фаъол нигоҳ доштани сомонаҳои расмӣ» пешбинӣ карда шудааст, ки муҳлати иҷрои он солҳои 2021-2025-ро дарбар мегирад.

Бо мақсади иҷрои банди мазкур Вазорати молия низоми иттилоотии ҳуҷҷатгузории электрониро (минбаъд НИҲЭ - ISED) таҳия намуда, аз моҳи январи соли 2024 дар дастгоҳи марказии Вазорат ва сарраёсату раёсатҳои мақомоти молия дар шарҳи Душанбе ва ноҳияҳои он мавриди амал қарор дода шудааст, ки ин низоми нав гардиши ҳуҷҷатҳои электрониро дар бар дорад.

Низоми мазкур НИҲЭ – «ISED» имконияти тариқи автоматӣ дастрасиро ба низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ (минбаъд НИИМД - TFMIS) таъмин менамояд.

Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки тибқи нақшаи кории Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази технологияҳои иттилоотии молиявӣ» – и назди Вазорати молия дар давоми соли 2024 НИҲЭ – «ISED» низоми болозикр дар сарраёсату раёсатҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, инчунин шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ насб ва ҷорӣ карда мешаванд.

Дар Вазорат Портали хизматрасониҳои давлатии Вазорати молия (www.emoliya.tj) ташкил карда шуд, ки Портали мазкур дар ҳолати пилотӣ қарор дошта ба муҳити истеҳсолӣ гузаронидани он омода мебошад.

Барои индентификатсия ва аутентификатсияи мизоҷон, зарурати ҳамгирой намудани Портал бо маҳзанҳои маълумотҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур шуморида мешавад, ки ҳамкориҳо бо мақомотҳои дахлдор дар раванди амалишавӣ қарор доранд. Илова бар ин барои таъмин намудани пардохти хизматрасониҳои давлатӣ вазорат бо низомҳои иттилоотии ташкилотҳои қарзии молиявии ҶСП «Душанбе Сити», ҶСК «Алифбонк», ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон, КВД БССТ «Саноатсодиротбонк», КВДБД «Амонатбонк», ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон», ҶСК «Бонки Эсхата», ҶСП «Спитамен бонк» барои сари вақт пешниҳоди маълумотҳо корҳои ҳамгирой ба роҳ монда шудааст.

Айни замон, дар асоси фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2024, №43 Лоиҳаи модернизатсияи НИИМД-TFMIS, таҳияи модули марказонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва муттаҳидгардонии (унификация) ҳамаи низомҳо/зернизомҳо, модулҳо дар як платформаи ягона тибқи нақшаи тасдиқшуда аз санаи 15 апрели соли 2024 амалӣ гардидааст.

Мақсади асосии лоиҳаи мазкур зарурати таҳияи навбатии НИИМД-TFMIS бо истифода аз технологияҳои замони муосир дар соҳаи барномасозӣ, ҷавобгу ба талаботҳои замон буда ва азнавсозии бизнес-ҷараёнҳои бо истифода аз таҷрибаи кории НИИМД-TFMIS мебошад. Иловатан яке аз иқдомҳои муҳими лоиҳаи мазкур дар як платформа ҳамгирои маълумотҳои тамоми низомҳои иттилоотии молиявӣ мебошад.

Аз ҷумла, низомҳои иттилоотии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: НИИМД-TFMIS, iMoF, низоми идоракунии қарзи давлатӣ (минбаъд DMFAS), низоми иттилоотии ҳуҷҷатгузории электронӣ (минбаъд НИҲЭ-ISED), низоми иттилоотии идоракунии захираҳои инсонӣ ( минбаъд НИИЗИ-ИСУЧР) Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми иттилоотии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми иттилоотии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми иттилоотии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми иттилоотии Бонки миллии Тоҷикистон.

Дар доираи банди болозикр бо ташаббуси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мусоидати филиали Ассотсиатсияи «ХЕЛВЕТАС Свис Интеркорпорейшн» ва Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ - Тоҷикистон дар Вазорат хатти телефонии ройгони 3040 (горячая линия) ташкил шуда, шаҳрвандон тавассути он вобаста ба масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ муроҷиат менамоянд.

Гузариш ба шакли электронии сабти ҳуҷҷатҳо ва ташкил намудани Низоми ягонаи электронии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (НЯЭСАҲШ) самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, он тибқи лоиҳаи «Дастгирии параметрҳои асосии системаи иттилоотии САҲШ дар Тоҷикистон -EPOS» то моҳи декабри соли 2018 амалӣ гардида буд. Аз январи соли 2019 он дар доираи лоиҳаи «Ислоҳоти низоми бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон - Марҳилаи 2» амалӣ шуда истодааст.

Бо дарназардошти рушди технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷониби Кумитаи андоз бо мақсади маҳдуд намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматчиёни давлатӣ портали хизматрасониҳои электронӣ давра ба давра васеъ карда шуда, ба ҳолати 1 июли соли ҷорӣ барои андозсупоранадагон ва шаҳрвандон 44 адад модули хизматрасонӣ ба роҳ монда шуда, ташкили чунини хизматрасониҳо барои сода ва беҳтар намудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ мусоидат менамоянд.

Роҳандозӣ намудани хизматрасониҳои электронии мазкур шароит фароҳам меоранд, ки шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар ҳар вақти барои худ муносиб, бе ташриф овардан ба мақомоти ондоз навгониҳо ва дигар маълумоти дахлдорро оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дастрас намоянд.

Зимнан, дар сомонаи Кумитаи андоз ҳамаи намуди хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз, ки барои шаҳрвандон ва андозсупорандагон омода гардида, ҷойгир карда шуда, иҷрои уҳдадории андозии онҳоро осон ва қуллай менамояд. Роҳандозии ин тадбирҳо, дар маҷмуъ барои татбиқи Консепсияи ҳукумати электронӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ мусоидат менамояд.

Илова бар ин, бо мақсади сари вақт баррасӣ намудани арзу муроҷиатҳои шаҳрвандон ва андозсупоранадагон дар Кумитаи андоз телефони боварии 233-09-05 фаъол буда, дар шаш моҳи аввали соли 2024 дар маҷмуъ 169 адад муроҷиатҳои андозсупорандагон ворид гардидааст. Дар робита бо ин масъала, барои фароҳам овардани шароити бештари қабул намудани муроҷиатҳои шаҳрвандон телефони содакардашудаи «151», почтаи электронии «info@andoz.tj«, портали электроинии «Онлайн-мушовир» (Чат-паёмак) фаъол буда, шаҳрвандон ва андозсупорандагон

имконият доранд, ки оид ба масъалаҳои ҳалталаби соҳаи андоз бо саволҳо ва дархостҳои худ муроҷиат намоянд.

Дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши «Муроҷиат ба вазир» дар саҳифаи аввали сомона кушода шудааст, ки пас аз ворид гардидан ба он шаҳрвандон муроҷиати хешро ба таври хаттӣ нависта, ба почтаи вазорат-info@moh.tj ва Ministerofhealth@mail.ru ирсол менамоянд.

Дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2023 Маркази ягонаи тамос бо рақами кӯтоҳи 15-00 (Call center) таъсис дода шуд, ки вазифаи асосии он қабули муроҷиатҳои телефонӣ дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва машварат ба шаҳрвандон оид ба масъалаҳои мубориза бо коррупсия мебошад. Маркази мазкур бо технологияҳои муосир муҷаҳҳаз гардонида шуда, фаъолияти муназзами он аз ҷониби кормандони масъул ва тариқи худкор (автоответчик) амалӣ гардида, тамос бо он тариқи тамоми дастгоҳҳои телефонии шаҳрӣ, байнишаҳрӣ ва мобилӣ ройгон мебошад.

Илова бар ин, сомонаи расмии мақомот таҳти домени anticorruption.tj фаъол буда, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тариқи whatsapp, viber 880-00-63-77 ё почтаи info@anticorruption.tj муроҷиатҳои хаттӣ ва электронии худро ба Агентӣ манзур менамоянд.

Дар як вақт дар гардиши дохилии ҳуҷҷатҳо дар мақомоти Агентӣ тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба татбиқи банди мазкур ҳамчунин дар Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт» идоракунии раванди иҷозатномадиҳӣ ва сертификатсиякунонӣ, баҳисобгирӣ ва додани рухсатнома барои амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмиллалӣ ва рақамикунонии тақсимот, истифодабарӣ, коркард ва назорати варақаҳои роҳхат, борхат ва E-CMR ба таври электронӣ барномарезӣ карда, мавриди коркард ва истифода қарор дорад.

Банди 24 Нақша «Содагардонии расмиёти маъмурӣ дар самти фаъолияти соҳибкорӣ бо роҳи татбиқ намудани барномаҳои зиддикоррупсионии мақсаднок, аз ҷумла бекор намудани қоидаҳои барзиёд вобаста ба сертификатсия ва иҷозатномадиҳӣ»-ро пешбинӣ кардааст (мӯҳлати иҷро солҳои 2021-2023 пешбинӣ шуда буд).

Баҳри беҳтар намудани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ, идома додани ислоҳот дар самти танзими муносибатҳои иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, такмил додани қонунгузории соҳа, инчунин дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим намудани муносибатҳо ва то 60 фоиз коҳиш додани номгӯи ҳуҷҷатҳо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар таҳрири нав бо назардошти таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ аз 22 июни соли 2023, №1968 қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

Қонуни мазкур аз 6 боб ва 47 модда иборат буда, татбиқи он аз 1 сентябри соли 2023 муқаррар карда шудааст. Яке аз муҳимтарин муқаррароте, ки дар Қонун пешбинӣ шудааст, ин меъёрҳои муайянкунандаи тамоми намудҳои фаъолиятҳо ва амалҳое, ки барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатнома, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, инчунин масъалаҳои алоқаманд бо додани ҳуҷҷатҳои хусусиятҳои иҷозатдиҳидошта ба фаъолият, амал, мол, кор ва хизматрасонӣ

амалӣ мешаванд дар доираи як қонуни мукаммал минбаъд танзим мегарданд.

Инчунин, бо мақсади аз байн бурдани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта барои амал ва фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ ва мутобиқ намудани баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумидошта ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар боран ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 15 марти соли 2023, №1659 ва №1960 қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд.

Дар робита ба иҷрои муқаррароти воридгардида ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» якҷо бо Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номгӯи ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намуди хизматрасоние, ки аз ҷиҳати танзим муҳим мебошанд» бо тартиби муқарраргардида таҳия гардида, барои баррасии минбаъда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти назоративу санҷишии мақомоти давлатӣ, аз байн бурдани ҳолатҳои санҷиши ғайриқонунӣ ё дахолат ба фаъолияти соҳибкорону сармоягузорон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо тартиби муқарраргардида таҳия гардид, ки он аз 15 марти соли 2023, №1958 қабул ва мавриди амал қарор дода шуд. Бо қабул ва мавриди амал қарор гирифтани лоиҳаи Қонуни мазкур, шумораи мақомоти санҷишӣ дар доираи Қонун аз 27 ба 23 адад расонида шуд.

Илова бар ин, баҳри фароҳам овардани шароити мусоид ба сармоягузорию соҳибкорӣ ҷиҳати идомаи ислоҳоти минбаъдаи соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби муқарраргардида таҳия ва бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои вазорату идораҳо мавриди такмилдиҳӣ қарор дорад.

Дар робита ба иҷрои муқаррароти ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» воридгардида якҷо бо Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номгӯйи ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намуди хизматрасоние, ки аз ҷиҳати танзим муҳим мебошанд» аз 29 августи соли 2023, № 398 ба тасвиб расид.

Бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти назоративу санҷишии мақомоти давлатӣ, аз байн бурдани ҳолатҳои санҷиши ғайриқонунӣ ё

дахолат ба фаъолияти соҳибкорону сармоягузорон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тайиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо тартиби муқарраргардида таҳия гардид, ки он аз 15 марти соли 2023, №1958 қабул ва мавриди амал қарор дода шуд. Бо қабул ва мавриди амал қарор гирифтани лоиҳаи Қонуни мазкур, шумораи мақомоти санҷишӣ дар доираи Қонун аз 27 ба 23 адад расонида шудааст.

Инчунин, Барномаи давлатии дастгирии бахши хусусӣ барои солҳои 2023-2027, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023, №250 қабул шуда, дар доираи он тадбирҳои судманд роҳандозӣ мегарданд.

Бо мақсади амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 июли соли 2013, №289 Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» амал мекунад.

Ҳамзамон, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи якуми Барномаи мазкур барои солҳои 2022 - 2026» таҳия карда шуда, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардидааст.

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати иқтисодию ҳуқуқии соҳибкорон дар назди Кумита Муассисаи Давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» ва шуъбаҳои он дар шаҳрҳои Бохтар, Кулоб, Хуҷанд ва Хоруғ таъсис дода шуда, мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии соҳибкорон маркази навтаъсиси омӯзишӣ дар назди КВД «Тоҷинвест» фаъолият намуда истода, дар давоми фаъолият зиёда аз 250 чорабиниҳои омӯзишӣ барои соҳибкорон гузаронида шуд ва минбаъд ин раванд боз ҳам тақвият дода мешавад.

Ҷиҳати ҳавасманд гардонидани соҳибкорону сармоягузорон айни замон тибқи қонунгузории амалкунанда беш аз 100 имтиёзу сабукиҳо муқаррар карда шудааст, ки 80 фоизи онҳо ба имтиёзҳои фискалӣ, яъне андозӣ ва гумрукӣ рост меояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи гузаронидани ислоҳотҳои иқтисодӣ, ки ба мусоид намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ замина гузоштанд, шумораи соҳибкорон дар миқёси кишвар муназам тамоюл ба афзоишро доранд. Бо мақсади муаррифии молу маҳсулотҳо, пайдо намудани шарикони тиҷоратӣ ва сармоягузорони хориҷӣ портали интерактивии соҳибкор бо соҳибкор (B2B) ташкил карда шуд, ки айни замон, субъектҳои соҳибкорӣ аз хизматрасониҳои портали мазкур самаранок истифода бурда истодаанд.

Дар асоси маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади зиёд намудани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ, ба ташкилотҳои қарзӣ баҳри баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва афзун намудани ҳаҷми қарзҳо ба муштариёни боэътимод, аз ҷумла додани қарзҳои хурди дорои фоизи паст ба соҳибкорон аз рӯи имконниятҳои мавҷуда мусоидат менамоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар асоси фармоиши директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 январи соли 2023, №04-ф/а аз ҷониби гуруҳи кории дохилиидоравӣ бо риояи талаботи қонунгузории соҳаи санҷиши субъектҳои хоҷагидор санҷишҳои гузаронидашудаи солҳои

қаблӣ зери омӯзиш ва мониторинг қарор дода шуда, шумораи санҷишҳоро нисбати солҳои қаблӣ кам ва барои роҳ надодан ба санҷишҳои беасос чораҳо роҳандозӣ гаштаанд.

Чунончӣ сатҳи тавакалнокии субъектҳои хоҷагидори соҳаи саноати сабук ва сохтмон миёна муайян шуда, минбаъд субъектҳои хоҷагидории мазкур дар се сол як маротиба санҷида мешаванд.

Роҳандозии чораҳои муосир оид ба ҷорӣ намудани тарзу воситаҳои ҳимояи шахсонеро, ки ба ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ҳамкорӣ менамоянд, банди 25 Нақша пешбинӣ намудааст (муҳлати иҷро солҳои 2021-2025). Мақсади асосии ин банд ҳавасмандгардонии шаҳрвандон барои ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳои (НИА) Шабакаи зиддикоррупсионии Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ оғоз аз соли 2004 то инҷониб ҳисоботҳои даврӣ ва фосилавии худро вобаста ба иҷрои тавсияҳои пешниҳодгардида ба Созмони мазкур ирсол менамояд.

Зимнан 15 апрели соли 2024 бо мақсади гузаронидани арзёбии даври 5-уми мониторинги тавсияҳои Шабакаи зиддикоррупсионии Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳои мубориза бо коррупсия барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ гурӯҳи мониторингии Шабакаи мазкур дар ҳайати 7 нафар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Гуруҳи мониторингӣ иҷрои тавсияҳои Шабакаро вобаста ба 9 самти фаъолият аз ҷумла ҳимояи хабаррасонҳо мавриди арзёбӣ қарор дод, ки бо натиҷа аз 100 хол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 0.0 хол дода шуд.

Новобаста аз он, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» мавриди амал қарор дошта, он асосҳои ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, чораҳои амниятӣ, дастгирии иҷтимоии шахсони номбурда ва тартиби татбиқи онҳоро танзим менамояд, вале тибқи арзёбии гуруҳи мониторингӣ дар он мафҳумҳое ба мисли «хабаррасон» ва «ифшогар» мавҷуд нест. Дар баробари ин Қонунгузории кишвар барои шахсоне, ки дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба коррупсия хабар медиҳанд, ҳимояи муайянеро пешбинӣ мекунад. Аммо ин ҳимоя танҳо дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ сурат мегирад. Илова бар ин, мафҳуми «ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ» ба мафҳуми пешбининамудаи меъёрҳои тавсияҳои Созмон ва санадҳои байналмилалӣ мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудааст, ки дар самти ҳимояи хабаррасонҳо қонунгузории алоҳида қабул карда шавад.

Боиси нигаронист, ки вобаста ба иҷрои ин банд аз ҷониби масъулини Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи қонунгузорӣ фаҳмонида шуда, доир ба корҳои анҷомдодашуда умуман маълумот пешниҳод нагардидааст. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар субъектон тариқи умумӣ ахборот манзур намуда, иброз намудаанд, ки шахсоне, ки дар ошкор кардани ҷиноятҳои

коррупсионӣ мусоидат менамоянд, таҳти ҳимоя қарор дода шуда, нисбати онҳо талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Банди 26 Нақша «Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими хизматрасониҳои пулакӣ дар соҳаи тандурустӣ»-ро пешбинӣ намудааст. Ҳадафи он ба низом даровардани тартиби хизматрасонии пулакӣ, аз ҷумла маълумотномаҳои тиббӣ ба аҳолӣ буда, муҳлати амали банди мазкур дар солҳои 2021-2022 ба анҷом расид.

Тибқи маъулмоти пешниҳоднамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрокунандаи аввали банди мазкур маҳсуб меёбад, айни ҳол дар соҳаи тандурустӣ дар самти хизматрасониҳои пулакӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин мавриди амал қарор доранд, аз ҷумла, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 «Дар бораи Тартиби хизматрасониҳои тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» ва аз 30 апрели соли 2021,№174 «Дар бораи Тартиби гузаронидани муоинаҳои тиббии ҳатмӣ» дар муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ амалӣ мегардад.

Дар соли 2023 дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 апрели соли 2023, №11263 (25-2) бинобар сабаби ба итмом расидани муҳлати татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2020, №252 «Дар бораи Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию санитарӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022» ва идома додани фаъолияти онҳо аз 1 майи соли 2023 тибқи  қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» фармоиши вазорат аз 24 апрели соли 2023, №254 ба тавсиб расидааст.

Айни ҳол, аз 1 майи соли 2024 фаъолияти тамоми муассисаҳои тандурустии ҷумҳурӣ тибқи тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки ҷиҳати дар шакли нав таҳия ва ба талаботи замон мувофиқ намудани  Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ тибқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз 10 июли соли 2023, №442 Шӯрои ҳамоҳангсозии соҳавӣ ва гуруҳи кории техникӣ оид ба таҳия намудани Маҷмуи хизматрасониҳои тиббии кафолатнок таъсис дода шуд, ки то имрӯз ҷаласаҳои Шуро ва гуруҳи кории техникӣ гузаронида шуда, кор дар ин самт идома дорад.

Дар давраи сипаригардида бо мақсади татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» дар банди 23-и Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 тасдиқ гардидааст, тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2023, №472 тасдиқ гардид.

Инчунин, бояд қайд намуд, ки тибқи банди 23-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, №116 тасдиқ гардидааст, бо мақсади пешгирии болоравии нархҳо, баландшавии тарифҳои хизматрасонии коммуналӣ (неруи барқ, об ва гармидиҳӣ), нақлиёти мусофиркашонӣ ва тиббию маориф мавқуф гузошта шудааст.

Ҳамчунин, тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2022, №36551(26.5) дар соли 2023 низ нархномаҳои хизматрасонии соҳа бетағйир боқӣ гузошта шуд.

Тибқи гузориши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022 ва дар асоси супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2022, №26/10-486 нархномаи муассисаҳои тиббию таълимӣ низ бетағйир гузошта шудааст.

Бо дарназардошти муҳиммияти масъала дар соли 2024 низ тибқи гузориши Хавдамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2024 ва дар асоси супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2024, №2928(26.5) танҳо бо афзоиши 10% нархномаҳои қаблӣ дастур дода шудааст.

Нархномаҳои намуд ва ҳаҷми хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ дар муддати панҷ сол яъне соли 2018 то инҷониб дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ мавриди истифода қарор дода шуда, бо сабаби баланд гардидани сатҳи тавварум, арзиши мол ва маводҳои сарф, маводи доруворӣ ва музди меҳнати кормандон мавриди боздид қарор дода шуд, ки айни ҳол дар барорасии Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистион қарор дорад.

Ҳамзамон дар раванди боздиди нархнома «Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» мавриди такмил қарор дода мешавад.

Инчунин, таҳлили қонунгузарии ҳифзи иҷтимоӣ нишон дод, ки дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хизматрасонии иҷтимоӣ пулакӣ дар асоси моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби расонидани хизматҳои иҷтимоии музднок дар хадамоти иҷтимоии давлатӣ» аз 27 феврали соли 2024, №95 қабул гардида, фармоиши вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба таҳия намудани нархномаи хизматрасонии иҷтимоии пулакӣ ба тавсиб расидаст ва корҳо дар ин самт идома дорад.

Бо мақсади иҷрои банди мазкур аз ҷониби Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими хизматрасонии пулакӣ дар соҳаи тандурустӣ аз 8 феврали соли 2023, №08/06 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва аз 10 октябри соли 2023 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» аз 2 декабри соли 2008, №600 аз экспертиза гузаронида шудааст.

Маркази милли қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи банди мазкуор ҷиҳати таъмини иҷрои банди 26 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими хизматрасонии пулакӣ дар соҳаи тандурустӣ аз 8 феврали соли 2023, №08/06 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии

Тоҷикистон таҳлил ва аз 10 октябри соли 2023 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» аз 2 декабри соли 2008, №600 аз экспертиза гузаронидааст.

Банди 27 Нақша «Такмил ва шаффоф намудани тартиби хариди таҷҳизоти тиббӣ, маводи доруворӣ ва назорати сифати онҳо»-ро пешбинӣ намудааст (муҳлати иҷро солҳои 2021-2025). Мақсади он пешгирии омилҳои коррупсионӣ ҳангоми хариди таҷҳизоти тиббӣ ва маводи доруворӣ буда, иҷрокунандагон Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд.

Аз маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ҷиҳати такмил ва шаффоф намудани тартиби хариди таҷҳизотҳои тиббӣ, дору ва таъмири муассисаҳои тандурустӣ дар шаш моҳи соли 2024 дар умум 7 (ҳафт) харид бо усули «Хариди мустаҳкам» ба маблағи умумии 33 500000,00 сомонӣ, 5 (панҷ) озмуни кушода ба маблағи умумии 13548473,00 сомонӣ ташкил медиҳад, ки аз онҳо ба маблағи 6000000,00 сомонӣ аз молистеҳсолкунандагони ватанӣ харидорӣ карда шудааст.

Бо мақсади назорати сифати дору дар шаш моҳи соли 2024 Сарраёсати назорати давлатии фаъолияти фарматсевтии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва раёсату шуъбаҳои дар вилоятҳо буда фаъолияти 234 муассисаҳои фармасевтиро зери санҷиш қарор дод.

Ҳангоми санҷишҳо аз муассисаҳои фармасевтии ҷумҳурӣ 690 номгӯй маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ, ба миқдори 4212 адад аз муомилот гирифта шуданд.

Танҳои дар шаш моҳи соли 2024 аз тарафи шуъбаҳои Сарраёсатҳои назорати давлатии фаъолияти фармасевтии Хадамот ва дар вилоятҳо буда 82041,4 кг дору, молҳои тиббӣ, маводҳои ороишию гигиенӣ ва ғизои кӯдаконаи мӯҳлати истифодабариашон гузашта, бесертификати мутобиқат ва ба талаботҳо ҷавобгӯй набуда, бо роҳи сузонидан несту нобуд карда шудаанд. Ҳамзамон дар Корхонаи воҳиди давлатии «Экспертиза ва озмоиши маҳсулоти фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ» ва корхонаҳои воҳиди давлатии дар вилоятҳобудаи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фарматсевтӣ номгӯи маводҳои доруворӣ зери ташхис қарор дода шуда, ба 17196 адад сертификатҳои мутобиқат ва протоколи санҷиш дода шуд ва 382 намунаи онҳо бошад, ба талаботҳои стандартӣ ҷавобгӯй набуданд ва аз ин рӯ, муомилот гирифта шуд.

Дар ин давра мутобиқи моддаи 121 ва 122-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба шахсони воқеию, ҳуқуқӣ, мансабдор 188 протоколу қарор оид ба вайрон намудани қоидаҳои фаъолияти фармасевтӣ тартиб дода шуда, ҷамъ ба маблағи умумии 611 460 сомонӣ ҷарима карда, ба буҷети давлат супорида шудааст.

Бо мақсади пешгирии омилҳои коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳо ва воситаҳои грантӣ дар банди 28 Нақша «Назорати истифодаи мақсадноки маблағҳо ва воситаҳои грантӣ, ки ба соҳаи тандурустӣ равона гардидаанд» пешбинӣ гардидааст (муҳлати иҷро мунтазам).

Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва истифодабарии мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ дар муассисаҳои тандурустӣ

ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, таҳти №148 шуъбаи аудити дохилӣ фаъолият менамояд. Новобаста аз фаъолияти ин сохтор дар соли 2023 аз ҷониби мутахассисони Агентӣ бо натиҷаи санҷишу тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагии дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои зертобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 13,3 млн. сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шуд.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамуда Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикисто бо мақсади сари вақт, мақсаднок ва дуруст ба роҳ мондани истифодаи маблағҳои грантии барои амалӣ гардидани лоиҳаҳои соҳа ҷалбшаванда, дар доираи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ тамоми тадбирҳои дахлдоро тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №95 «Дар бораи Қоидаҳои ҷалб, истифода, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги кӯмаки беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ намуда истодааст.

Ҳамзамон ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои дар ҷараёни амалигардонии лоиҳаҳо бавуҷудомада ва дуруст ба роҳ мондани тартиби истифодаи мақсадноки грантҳо, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум менамояд, ки дар ин раванд аз ҷониби масъулин тадбирҳои таъхирнопазир андешида мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки истифодаи маблағҳои грантӣ бо азму талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб мешаванд ва барои беҳтар намудани вазъи иҷимоию иқтисодии кишвар замина гузошта, вазорату идораҳоро водор месозад, ки ба масъалаи гузошташуда аҳамияти ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Зиёда аз ин, ҳамаи маблағҳои грантӣ тибқи талаботи қисми 2 моддаи 110 Кодекси андоз грантҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мегиранд ва барои фаъолияти ғайритиҷоратӣ истифода мебаранд аз андоз аз фоида озод мебошанд, ки ин омил низ барои амалигардонии бомуваффақияти лоиҳаҳо сабукӣ меорад. Бинобар ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷимоии аҳолӣ барои бемонеа татбиқ намудани лоиҳаҳои грантӣ пайваста чораҷӯӣ намуда истода, барои беҳтар намудани сатҳу сифати амалишавии лоиҳаҳо тамоми захираҳои тахассусию касбиро истифода менамояд.

Бояд қайд намуд, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар соҳа ва масъули амалишавии лоиҳаҳои бахши тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ бо дарки масъулият ҷиҳати роҳ надодан ба камбудиҳо ҳатман ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати молия ҳармоҳа ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ҳар семоҳа мунтазам маълумот пешниҳод менамояд.

Ҷиҳати назорати истифодаи мақсадноки маблағҳо ва воситаҳои грантӣ ки ба соҳаи тандурустӣ равона гардидааст дар ин давра чорабиниҳои аудиторӣ аз тарафи кормандони Палатаи ҳисоб дар Гурӯҳи татбиқи Лоиҳаи «Хизматрасонии маҷмӯӣ барои модар ва кӯдак»- и назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузаронда шуда, қоидавайронкуиҳои молиявӣ аз ҳисоби изофанависӣ дар корҳои таъмирию сохтмонӣ ва маблағи камҳисобнамуда ва рӯйпӯшнамудаи андозҳо ба маблағи 429,8 ҳазор сомонӣ муайян ва барқарор карда шуд.

Бо ба инобат гирифтани ҳолати болозикр роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва сохторҳои зертобеи онро зарур аст,

ки назоратро оид ба истифодаи мақсадноки маблағҳо ва воситаҳои грантӣ дуруст ба роҳ монда, ҷиҳати пешгирии содиршавии амалҳои коррупсионӣ дар самт чораҳои дахлдорро амалӣ намоянд.

Банди 29 «Пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ зимни тақсимоти ихтисосҳои тиббӣ ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар соҳаи тандурустӣ»-ро пешбинӣ намудааст (муҳлати иҷро мунтазам).

Барои иҷрои талаботи ин банд ҳамасола раванди бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкардагони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» баъди хатми донишгоҳ дар асоси дархости пешниҳоднамудаи роҳбарони муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ назорат карда мешавад.

Ҳамасола раванди ба ҷойи кор таъмин намудани хатмкардагони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» баъди хатми донишгоҳ дар асоси дархости пешниҳоднамудаи роҳбарони муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор мегардад.

Баҳри пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ҳамасола аз ҷониби Вазорат комиссия таъсис дода мешавад, ки дар он намояндаи Агентии давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва намояндаи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ иштирок менамоянд ва рӯзҳои 1-6 июли соли 2024 тақсимоти фардии хатмкардагони солҳои таҳсили 2023-2024 –и Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» бо иштироки намояндагони болозикр гузаронида шуда, ба марҳилаҳои интернатура ва ординатураи клиникӣ сафарбар гардидаанд.

То ба ҷойи кор рафта расидани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии тиббӣ ҳамасола дар мушовараи вазорат низ баррасӣ карда мешавад. Бояд қайд кард, ки 20 апрели соли 2024 масъалаи мазкур дар мушовараи вазорат баррасӣ гардид ва теъдоди ба ҷои кор ҳозиршудагони гурӯҳҳои буҷавӣ 90,9%-ро ташкил дод.

Инчунин, то ба ҷои кор рафта расидани хатмкардагони гурӯҳҳои буҷавии коллеҷҳои тиббии давлатӣ дар соли таҳсили 2022-2023 – 67,5%-ро ташкил медиҳад.

Баланд бардоштани дониши касбии санҷишгарони соҳаи андоз ва пешгирӣ намудани содиршавии кирдорҳои коррупсионӣ дар байни онҳо аз банди 30 Нақша бармеояд (муҳлати иҷро мунтазам).

Бо мақсади таъмини иҷрои банди мазкур мақомоти андоз дар робита ба пешгирии содиршавии амалҳои коррупсионӣ аз ҷониби кормандони мақомот як қатор чораҳои зарурӣ андешида, мунтазам дар байни кормандон омӯзиши муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», кодексҳои одоби хизматчии давлатӣ, одоби касбии корманди мақомоти андоз ва одоби шахсони мансабдори мақомоти санҷиширо ба роҳ мондааст.

Аз ҷумла, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониши кормандони мақомоти андоз ҷиҳати омӯзиши масоили зиддикоррупсионӣ, ахлоқ ва одоби хизматчиёни давлатӣ пайваста дар Маркази такмили ихтисос курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ташкил ва гузаронида мешаванд.

Дар барномаҳои таълимии Марказ дар қатори мавзӯҳои асосӣ, аз қабили омӯзиши Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут

ба андозбандӣ, стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, қабули эъломияҳои (ҳисобот) андоз, барномаҳои компютерии «Системаи иттилоотии андоз», корбарӣ бо почтаи электронӣ, мактубҳои дастуриву тавзеҳотии Кумитаи андоз, инчунин барои ҳамаи категорияи хизматчиёни давлатӣ-шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ҷиҳати тарғибу ташвиқи меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, мудофиаи шаҳрвандӣ ва ҳолатҳои фавқулодда, таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, одоби муошират бо андозсупорандагон, таҳким ва такмили асосҳои ҳуқуқии мубориза бо коррупсия аҳамияти махсус дода мешавад.

Бо мақсади баланд бардоштани обрӯю эътибори корманди мақомоти андоз дар ҷомеа, мустаҳкам намудани боварии аҳолӣ ба фаъолияти шаффофи корманди мақомоти андоз, пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳамагуна зуҳуроти номатлуби коррупсионӣ ва софдилона иҷро намудани уҳдадориҳои мансабӣ бо фармони Раиси Кумитаи андоз аз 22.06.2017, №270 «Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андоз» тасдиқ гардида, ба ҳамаи воҳидҳои сохтории мақомоти андоз барои шиносоӣ ба кормандон ва риояи ҳатмии муқаррароти он ирсол гардидааст. Бо мақсади ба ҳамаи кормандони мақомот, инчунин андозсупорандагон шиносонидани Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андоз дар курсҳои такмили ихтисос дар ин мавзуъ бо кормандон дарсҳо гузашта, матни пураи он дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда шуда, инчунин якчанд маротиба дар рӯзномаи соҳавии «Боҷу хироҷ» чоп шудааст.

Яке аз самтҳои асосӣ ва самараноки фаъолияти Кумита ин омода намудани кадрҳо бо роҳи ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифтани кормандон мебошад. Бо ин мақсад дар Кумитаи андоз Маркази такмили ихтисос ва дар вилоятҳои Суғду Хатлон бахшҳои он кушода шуда, фаъолият доранд.

Дар барномаҳои таълимӣ дар баробари омӯзиши мавзӯъҳои бевосита ба самти фаъолияти кормандони соҳа дахлдошта, як қисми соатҳои дарсӣ ба омӯзиши кодексҳои одоби хизматчии давлатӣ, одоби касбии корманди мақомоти андоз, қонунгузории ҷорӣ дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим, забони давлатӣ, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, пешгирии коррупсия ва муқовимат бо экстремизм ва терроризм бахшида мешаванд.

Бо истифода аз имкониятҳои дар Маркази такмили ихтисос мавҷуда ҷиҳати сарфа намудани маблағҳои буҷавӣ, самаранок истифода бурдани вақти корӣ ва бе дур кардан аз фаъолияти корӣ ба машғулиятҳои тахассусӣ ҷабл намудани тамоми кормандони мақомоти андоз тибқи фармоишҳои Раиси Кумитаи андоз аз 06.03.2024, №152, аз 07.03.2024, №156 ва аз 18.03.2024, №183 бо ҳайати роҳбарикунанда, кормандони шуъбаҳо ва бахшҳои ситонидани қарзи андозҳо, баҳисобгирӣ ва хизматрасониҳои мақомоти ҳудудии андози ҷумҳурӣ машғулиятҳои омӯзишии фосилавӣ бо муҳлати аз 20 то 30 рӯз ташкил карда шуданд.

Дар курсҳо ба тарбияи сиёсиву ҳуқуқии ҷавонон, тақвияти сатҳи тахассуснокии онҳо ва тарғибу ташвиқи масъалаҳои марбут ба баробарии гендерӣ, роҳ надодан ба табъиз (поймолкунии ҳуқуқҳои субъектҳои муносибатҳои гендерӣ), таҳкими таҳаммулпазирӣ, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодии инсон ва эътиқод диққати хоса дода мешавад.

Инчунин, бо мақсади тарғиби оммавии масоили зиддикоррупсионӣ ва тақвият бахшидани муқовимат бо коррупсия кодексҳои одоби хизматчии давлатӣ ва одоби касбии корманди мақомоти андоз ва мактубҳои дастурии дар ин самт ирсолгардида дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир карда шуда, ҳамзамон муқаррароти онҳо зимни баргузории озмун, аттестатсия ва дигар технологияҳои кадрӣ аз кормандон пурсида мешавад.

Новобаста аз чораҳои дар ин самт андешидаи Кумитаи андоз мутаассифона ҳолатҳои даст задани кормандони ин ниҳод ба ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия то ҳол ошкор ва ба қайд гирифта мешаванд. Вале махсусан бояд қайд кард, ки бо чораҳои андешидашуда сатҳи содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсиионӣ соли 2024 назар ба соли қаблӣ ба маротиб кам гардидааст. Чунончи агар соли дар соли 2023 аз ҷониби масъулини Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 32 ҷинояти коррупсионӣ ва иқтисодии ба коррупсия алоқаманд, ки аз тарафи кормандони Кумита содир гардидааст, ошкор ва ба қайд гирифта шуда бошад, пас ин рақам соли 2024 ба 8 адад мерасад. Роҳбарияти мақомоти андозро зарур аст, ки андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати пешгирии коррупсия дар байни кормандони соҳаи андозро боз ҳам тақвият бахшида, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандон тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

Банди 31 Нақша «Мукаммал намудани низоми ояндабинӣ ва банақшагирӣ дар самти даромад ва хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ»-ро пешбинӣ намудааст (муҳлати иҷро мунтазам).

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади идомаи ислоҳот ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокии низоми молияи давлатӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1446 «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030» тасдиқ гардида, якчанд чорабиниҳо баҳри беҳтар гардонидани натиҷадиҳии идоракунии низоми молияи давлатӣ, самаранок ва мақсаднок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ пешбинӣ карда шудаанд.

Ҳамзамон, ҳадафҳои Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 ҷиҳати рушди идоракунии молияи давлатӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз ҷумла рушд додани буҷетикунонии барномавӣ, ҷорӣ намудани таҷрибаи «маблағгузории нерӯ» барои мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳангоми ҷараёни банақшагирии буҷет бо банақшагирии стратегӣ, такмили маъмурикунонии андоз барои сифатан беҳтар намудани ҷамъоварӣ, таъмини шаффофияти иҷрои буҷет дар ҳисоботи молиявӣ, беҳтар намудани назорати парламентӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди буҷетикунонӣ равона гардидааст.

Дар робита ба ин, ҷиҳати мукаммал намудани низоми ояндабинӣ ва банақшагирӣ дар самти даромад бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя дар самти дурнамои даромадҳои давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар лоиҳаи «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2021-2025» таҳия ва ҷорӣ намудани модели нави (эмперикӣ) дурнамои даромадҳои давлатӣ пешбинӣ шудааст, ки татбиқи он марҳила ба марҳила дар доираи нақшаи амалисозии барномаи мазкур амалӣ карда мешавад.

Илова бар ин, барои рақамикунонии соҳаи молия платформаи электронии ягона барои мониторинги воридоти мамоми даромадҳо ва пайгирии хароҷотҳо таъсис дода шуд. Дар доираи Лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ се модули иловагӣ ҳамчун қисми низоми «TFMIS» модулҳои идоракунии маблағҳо, идоракунии уҳдадориҳо ва идоракунии дороиҳо бо назардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ таҳия карда шуд.

Модули идоракунии маблағҳо барои таъмини саривақтии мониторинги воридоти даромадҳо ва инчунин муайян намудани норасоиҳои маблағҳои буҷетӣ (касри буҷет) барои ҳар як моҳ дар асоси маълумотҳои воқеии солҳои гузашта пешбинӣ гардидааст. Модули идоракунии уҳдадориҳо бошад, таъмини пайгирии хароҷоти буҷети давлатиро тавассути мониторинги тамоми уҳдадориҳои пулии ташкилотҳои буҷетӣ ва иҷрои онҳо аз рӯи ҳар як қарордоди хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ тавассути низоми «TFMIS» амалӣ менамояд

Истифодаи технологияҳои рақамӣ имконият медиҳад, ки амалиётҳои молиявии муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ шафоф гардида, бароипешгирии омилҳои инсонӣ, ғайримақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ва ҳолатҳои коррупсионӣ мусоидат намояд.

Инчунин, ҳамасола мутобиқ ба фармоиши дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат аз ҷониби Вазорат лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати молиявию буҷетӣ ва андозӣ барои давраи дар пешистодаи банақшагирии буҷет бо дарҷи чорчӯбаи миёнамуҳлати макрофискалӣ, ҳадди ниҳоии даромад, хароҷот ва касри буҷет таҳия намуда, барои мувофиқа унвонии Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Вобаста ба банақшагирӣ дар самти хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ бояд қайд намуд, ки банақшагирии даромади хароҷоти буҷети давлатӣ мутобиқ ба фармоиши дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат ва дастурамалҳои дахлдори Вазорати молия, ки марҳилаҳои 1 ва 2 ҷараёни банақшагирии буҷети давлатиро танзим менамояд, амалӣ мегардад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки бо мақсади беҳтар намудани низоми банақшагирии хароҷоти буҷети давлатӣ шуруъ аз соли 2017 дар соҳаҳои пилотӣ низоми буҷетикунонии барномавӣ ҷорӣ карда шудааст.

Буҷетикунонии барномавӣ яке аз афзалиятҳои ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ буда, назоратро дар самти самаранок ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ пурзӯр менамояд.

Дар натиҷаи чораҳои якҷоя бо мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатӣ андешидашуда, иҷрои нақшаи тасдиқшудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар ёздаҳ моҳи соли 2024 ба андозаи 107,6% таъмин гардида, ба ҷойи 17 млрд. 268,4 млн. сомонӣ, ба буҷети давлатӣ 18 млрд. 581,3 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 1312,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Бо назардошти қабул гардидани буҷети иловагӣ ба маблағи 300,2 млн. сомонӣ вобаста ба барзиёд иҷро шудани он, дар ин давра, нақшаи аниқшуда

ба андозаи 105,8% таъмин гардида, ба буҷет нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 1013,6 млн. сомонӣ зиёд ворид карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ иҷрои нақшаи аниқшудаи андозҳо ва пардохтҳо дар ВМКБ ба андозаи 106,6%, вилоятҳои Хатлон – 103,9%, Суғд – 104,4%, шаҳри Душанбе – 113,8%, шаҳру ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурӣ дар маҷмуъ – 107,0% ва Раёсати андози андозсупорандагони калон – 82,9% таъмин карда шуд.

Дар ёздаҳ моҳи соли 2024 иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон – 90,3%, Дарвоз – 95,8%, Исфара – 99,4%, Гулистон – 81,2% ва Мастчоҳ – 90,0% таъмин гардид.

Ҳамзамон, иҷрои сифатии қисми даромади буҷети давлатӣ нисбат ба солҳои қаблӣ беҳтар гардида, дар ин давра дар ҷумҳурӣ иҷрои нақшаи ҳамаи намуди андозҳо пурра таъмин карда шуд.

Бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1 декабри соли 2024 дар маҷмуъ 790,9 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба аввали сол ба маблағи 14,7 млн. сомонӣ кам мебошад.

Бо мақсади тибқи тартиби муқарраршуда рӯёнидани маблағи бақияи қарзи андозҳо ва пешгирии зиёдшавии он, дар ин давра аз тарафи мақомоти андоз нисбати андозсупорандагони қарздор 15270 адад қарорҳо оид ба маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи 1430,9 млн. сомонӣ қабул гардида, аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2023 қабулшуда дар маҷмуъ ба буҷет 1411,7 млн. сомонӣ ворид карда шудааст.

Тибқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми банақшагирӣ ва назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва махсуси Хадамоти гумрук мунтазам мукаммал гардида, банақшагирии маблағҳои буҷетӣ ва махсус барои нигоҳдории мақомоти гумрук ва рушд додани заминаи моддию техникӣ дар натиҷаи таҳлилҳои хароҷотҳои солҳои қаблӣ ба нақша гирифта мешавад.

Истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ дар асоси сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва махсуси Хадамоти гумрук, ки аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола тасдиқ карда мешавад, сурат мегирад.

Чораҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодабарии ин маблағҳо мунтазам андешида шуда, фаъолияти молиявии Хадамоти гумрук ба тариқи шаффоф ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои талаботи банди 32 Нақша, яъне «Сода гардонидани низоми ҳисоб, пардохти андозҳо ва тақвият додани ҳамкории мақомоти андоз бо субъектҳои хоҷагидор ва андозсупорандагони дигар» Кумитаи андоз маълумот пешниҳод намуд, ки дар солҳои 2021-2023 бо мақсади татбиқи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025, сода гардонидани низоми андоз, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, беҳтар намудани риояи ихтиёрии қонунгузории андоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 июни соли 2021 бо Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд Созишнома оид ба татбиқи Лоиҳаи «Амалиёт оид ба ислоҳоти андоз»-ро ба имзо расонидааст, ки дар натиҷа аз ҷониби созмони мазкур 50 млн. доллари ИМА барои татбиқи лоиҳаи

болозикр, ки муҳлати он солҳои 2021-2026-ро дар бар мегирад, ҷудо гардидааст.

Инчунин, бо мақсади сода гардонидани низоми ҳисоб, пардохти андозҳо ва тақвият додани ҳамкориҳои мақомоти андоз бо субъектҳои хоҷагидор ва андозсупорандагон ва коҳиш додани омаду рафти андозсупорандагон ба мақомоти андоз 224 адад семинар - машварат дар мавзӯъҳои муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №565 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», тартиби пардохти маблағҳо тавассути хизматрасонии электронии «Амонатмобайл» ва тавассути низоми эквайрингии Кумитаи андоз пардохт намудани андозҳо ва боҷҳо гузаронида шудааст.

Ҳамзамон ҷиҳати тақвият додани ҳамкории мақомоти андоз бо субъектҳои хоҷагидор ва андозсупорандагон ташкили низоми таълими фосилавӣ дар Кумитаи андоз, зиёд кардани шумораи хизматрасониҳои фосилавӣ, тавсеа ва навкунии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, тавсеаи хизматрасониҳои машваратӣ ба андозсупорандагон дар Маркази тамос, таҳия ва татбиқи механизми алоқаи бозпас бо андозсупорандагон пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади беҳтар намудани риояи ихтиёрии қонунгузории андоз аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ва андозсупорандагон тавсеаи методология ва татбиқи низоми муассири идоракунии хавфҳо тавассути риояи қонунгузорӣ гузаронидани санҷишҳо дар асоси хавфҳо, сода гардонидани расмиёти баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда, ҷорӣ намудани усулҳои нави назорати андоз нисбати андозсупорандагони калон, аз ҷумла мониторинги андозӣ тавассути барномаи мониторинги андоз ва назорати нархгузории трансфертӣ дар назар аст.

Ҷиҳати содагардонӣ, рақамикунонии хизматрасониҳо ва таҳияи барномаи хизматрасонӣ, байни Хадамоти гумрук ва ҶСП «Душанбе Сити Бонк» шартномаи хизматрасонӣ оид ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо истифода аз воситаҳои пардохти электронӣ санаи 29 апрели соли 2019, №03-19 ба имзо расонида шуд. Дар ин замина, аз санаи 15 феврали соли 2021 дар Хадамоти гумрук зерсистемаи пардохти электронӣ дар истеҳсолот мавриди татбиқ қарор дода шуд. Зерсистемаи пардохтҳои электронии гумрукӣ ҳамчун зерсистемаи иловагӣ ба Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи Хадамоти гумрук дохил буда, ба роҳ мондани пардохти маблағи пардохтҳои гумрукиро дар шакли электронӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Зерсистемаи мазкур баҳисобгирии пардохтҳои ғайринақдиро ба таври автоматӣ ва дар реҷаи вақти воқеӣ амалӣ менамояд ва бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамгирои карда шудааст.

Тамоми маблағҳои аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади барасмиятдарории гумрукӣ ба мақомоти гумрук пардохтшаванда, тавассути зерсистемаи низоми пардохтҳои электронии гумрукӣ қабул карда мешаванд, ки ба зерсистемаи мазкур кормандони масъули самти пардохтҳои тамоми зерсохторҳои мақомоти гумрук дастрасӣ доранд. Зимни ворид шудан ба зерсистемаи мазкур мушаххасоти ҳар як пардохт, аз қабили маълумот дар бораи рақами ҳуҷҷат, РМА-и пардохткунанда, РМБ-и бонки пардохткунанда, суратҳисоб, РМА-и қабулкунанда, РМБ-и қабулкунанда, суратҳисоб, таъиноти пардохт ва ғайра пайдо мешавад.

Банди 33 Нақша «Ба танзим даровардани санҷишҳои риояи қонунгузории андоз, аз ҷумла кам кардани шумораи санҷишҳо, махсусан санҷишҳои камералӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти шаффофи андозсупорандагон»-ро пешбинӣ намудааст (муҳлати иҷро солҳои 2021-2023 пешбинӣ шуда буд).

Кумитаи андоз вобаста ба иҷрои банди мазкур, яъне ба танзим даровардани санҷишҳои риояи қонунгузории андоз, аз ҷумла кам кардани шумораи санҷишҳо, махсусан санҷишҳои камералӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти шаффофи андозсупорандагон пайваста чораҷӯӣ менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мутобиқи талаботи Кодекси андоз дар таҳрири нав шуруъ аз соли 2022 санҷишҳои андозӣ дар асоси критерияи хавфҳо амалӣ гардида, танҳо нисбати андозсупорандагоне гузаронида мешавад, ки дар онҳо хавфҳои баланди андозӣ муайян карда мешавад.

Ҳамзамон, тибқи муқаррароти Кодекси андоз дар таҳрири нав тартиби гузаронидани назорати камералӣ тағйир дода шуда, аз натиҷаи назорати камералӣ қарор қабул карда намешавад, ки ҳолати мазкур баҳсҳои беасосро кам намуда, ҷиҳати баланд бардоштани сифати корҳои назоратӣ роҳандозӣ гардидааст.

Банди 34 Нақша «Сода гардонидани тартиби бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ»-ро пешбинӣ намуда, мақсади асосии банди мазкур пешгирии содиршавии кирдорҳои коррупсионӣ мебошад ва муҳлати иҷрои он дар солҳои 2021-2022 ба итмом расидааст.

Кумитаи андоз ҷиҳати сода гардонидани тартиби бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» мунтазам тағйиру иловаҳо ворид намуда, барои аз байни бурдани омилҳои коррупсионӣ таъсиррасон мебошад.

Аз он ҷумла, бо мақсади ройгон анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ ва ҳаддалимкон сода намудани ҷараёни бақайдгирии давлатӣ, тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №1680 ва аз 02.01.2020, №1681 ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва «Дар бораи боҷи давлатӣ» тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, барҳамдиҳии (қатъи) фаъолият, додани иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ва маълумотнома дар бораи дар Феҳристи мазкур мавҷуд набудани маълумот дар бораи ҳар як субъект, ройгон дода мешавад. Вобаста ба ин, тибқи тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур талабот оид ба пешниҳоди пардохтнома (квитансия) ҳангоми анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ бекор карда шудааст, ки дар натиҷа номгӯи ҳуҷҷатҳои барои анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшаванда 1 адад кам гардид.

Илова бар ин, ҳангоми бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ тариқи электронӣ ба субъектони хоҷагидор утоқи шахсии андозсупоранда дода мешавад ва андозсупоранда метавонад, минбаъд ҳисобтҳои худро бе ташриф овардан ба мақомоти андоз тариқи электронӣ пешниҳод намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо мақсади иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.05.2021, №14541 (23-3), аз 21.06.2021, №14767 (23-3) ва банди 16 Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 25.10.2021, №10 дар асоси қисми 9 моддаи 79 Кодекси андоз дар таҳрири нав аз ҷониби Кумитаи андоз лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» таҳия карда шуд, ки аз 29.07.2022, №360 қабул гардида, мавриди иҷроиш қарор дорад. Қарори мазкур дорои як қатор бартариҳо буда, барои аз байн бурдани омилҳо коррупсионӣ мусоидат менамояд.

Аз ҷумла, тавассути Системаи ҳамгироии иттилоотии андоз гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда ва сабти он дар шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам кардани мӯҳлати баҳисобгирии шахси воқеӣ аз 3 рӯзи корӣ ба 1 рӯзи корӣ, ташкилотҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматӣ) давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо ва иттиҳодияҳои динӣ аз 10 рӯзи корӣ ба 2 рӯзи корӣ кам карда шуда, ҳолати мазкур хароҷоти маблағ ва вақти андозсупорандаро сарфаи менамояд, ки ин ба рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат таъсири мусбӣ мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки санаи 21.12.2021 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардида, дар он Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд, ки «то охири соли 2022 раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар давоми 24 соат, аз ҷумла ба тарзи электронӣ ба роҳ монда шавад».

Бо мақсади иҷрои банди мазкур дар заминаи дастуру роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати сода ва осон гардонидани раванди амалҳои бақайдгирии давлатӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» омода карда шуда, санаи 15 марти соли 2023, №1952 қабул гардид.

Тибқи Қонуни мазкур мӯҳлатҳои гузаронидани амалҳои бақайдгирии давлатӣ аз 3-5 рӯз ба 24 соат кам карда шуда, минбаъд амалҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ пурра то электронӣ ба роҳ монда мешавад.

Пас аз мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур аз ҷониби Кумитаи андоз санаи 13 апрели соли 2023, №5606/8.1-д мактуби дастурӣ омода карда шуда, дар доираи мактуби зикршуда шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вазифадор карда шуданд, ки талаботҳои меъёри қонуни мазкурро қатъиян риоя намоянд.

Дар давоми соли 2024 лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, №493 «Дар бораи қоидаҳои гузаронидани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ» ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» омода гардида, тибқи тартиби муқарраргардида лоиҳаи қарор дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва лоиҳаи қонун барои пешниҳоди хулоса ба вазорату идораҳо ирсол карда шудааст.

Дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» таъсири омилҳои инсониро аз байн бурда, барои пешгирии ба вуҷуд омадани хавфҳои коррупсионӣ ва ташаккули ҳукумати электронӣ мусоидат менамояд.

Инчунин, ҷиҳати речаи онлайн анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ як қатор фармоишҳои дахлдори Кумитаи андоз қабул карда шуд, ки барои аз байн бурдани омилҳои инсонӣ, пешгирии корупсия дар байни кормандони соҳаи бақайдгирӣ ва маҳдуд намудани робитаи онҳо бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Аз он ҷумла, фармоиши Кумитаи андоз аз 30.04.2024, №267 «Оид ба қатъи фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда дар шакли электронӣ», аз 24.11.2023 №651 «Доир ба қатъи фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда» аз 03.10.2023, №556 «Оиди аз ҷониби шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шакли электронӣ қатъ намудани фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда» шаҳодати гуфтаҳои боло маҳсуб меёбад.

Ғайр аз ин, бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикиистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, халалдор насохтани низоми фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва дар шакли электронӣ пешниҳод намудани иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ фармоиши Кумитаи андоз аз 08.12.2023, №667 «Доир ба пешниҳоди иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» қабул гардида, мавриди иҷроиш қарор дорад. Ҳамчунин, бо мақсади беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва дар шакли электронӣ бо речаи мустақим (онлайн) таъмин намудани шахсони воқеӣ бо рақами мушаххаси андозсупоранда тибқи фармоиши Кумитаи андоз аз 25.01.2024, №62 баҳисобгирӣ шахсони воқеӣ ва таъмин намудан бо рақами мушаххаси андозсупоранда дар шакли электронӣ анҷом дода мешавад.

Банди 35 Нақша «Пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ дар мақомоти гумрук ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар ин соҳа»-ро пешбинӣ намудааст ва мақсади ин банд пешгирии коррупсия дар байни кормандони соҳаи гумрук мебошад (муҳлати иҷро солҳои 2021-2025), ки иҷрокунандаи асосии банди мазкур Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Тазаккур бояд дод, ки кабул намудан ба хизмат дар мақомоти гумрук тибқи муқаррароти моддаи 498 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома оид ба тартиби интихоб ва фиристодани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мактабҳои олии давлатҳои хориҷӣ, бо фармоиши Хадамоти гумрук аз 25 майи соли 2007 ва Қоидаҳои гузаронидани озмун барои қабул намудан ба хизмат дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо

фармоиши Хадамоти гумрук аз 20 ферали соли 2014, №49-ф тасдиқ гардидаанд, ба роҳ монда шудааст.

Дар асоси Созишномаи бисёрҷонибаи байниидоравии давлатҳои ИДМ аз 23 ноябри соли 1994 байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи гумруки Россия дар бораи ҳамкори дар самти тайёр намудан ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти гумрук, бо мақсади таъмин намудани мақомот бо кадрҳои баландихтисос ва пурра гардонидани ҷойҳои корӣ бо мутахассисони варзида 21 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони донишҷӯи Академияи гумруки Россия-ро гирифта, дар Академияи номбурда дар шаҳрҳои Маскав, Санкт Петеобург ва Ростови лаби дон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Агар ба таҳлили танҳо нимсолаи якуми соли 2024 назар афканем, пас муайян мегардад, ки дар ин давра баъд аз омӯзиши парвандаҳои номзадҳо 22 нафар шаҳрванд ба кор дар мақомоти гумрук қабул карда шуда, нисбати 210 нафар кормандон ҷойивазкунӣ ба роҳ монда шудааст, аз ҷумла, дар дастгоҳи марказӣ 28 нафар, раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе 13 нафар, раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд 135 нафар, раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Хатлон 20 нафар, раёсати минтақавии гумрукӣ дар ВМКБ 9 нафар ва раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Турсунзода 5 нафарро ташкил медиҳанд.

Банди 36 Нақша «Диверсификатсия ва автоматикунонии механизмҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, аз ҷумла бо мақсади кам кардани сарбории маъмурӣ ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорат аз болои дурустии ҳисобкунӣ ва пардохти саривақтии онҳо, таҳияи системаи дар низоми вақти воқеӣ (онлайн) супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва пардохтҳои дигар, ки аз ҷониби мақомоти гумрук идора карда мешаванд», пешбинӣ кардааст (муҳлати иҷрои ин банд дар солҳои 2021-2022 муайян карда шудааст).

Тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №565 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», бо мақсади диверсификатсия ва автоматикунонии механизмҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули ҳаққи хизматрасониҳои боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз аҳолӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ба таври ғайринақдӣ имконпазир мебошад.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои қарори мазкур ҷиҳати вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар сомонаи худ (andoz.tj) шакли нави хизматрасониро ба шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор ҷорӣ намудааст, ки бо истифода аз он андозсупорандагон имконият доранд бе ташриф овардан ба нуқтаҳои хизматрасонии КВД БА ҶТ «Амонатбонк», маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва боҷи давлатиро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ пардохт намоянд.

Дар Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи шартномаи ҳамкорӣ бо ҶСП «Душанбе Сити Бонк» аз 29 апрели соли 2019, №03-19 зернизоми пардохти электронӣ тарҳрезӣ гардида, бо фармоиши сардори Хадамоти гумрук аз 12 феврали соли 2021, №21-ф «Дар бораи дар истеҳсолот татбиқ намудани зернизоми пардохти электронӣ»

қабули пардохтҳои гумрукӣ дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудааст. Айни замон қабули пардохтҳои гумрукӣ ба таври ғайринақдӣ тавассути ҳамёни электронии ҶСП «Душанбе Сити Бонк» имконпазир мебошад.

Дар КВД «Маркази равзанаи ягона»-и Хадамоти гумрук дар ҳамкорӣ бо ҶСК «Алиф Бонк» имконияти қабули пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии «Корти миллӣ» таъмин карда шудааст.

Бо мақсади рушди инфрасохтори низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва ҷавобгӯ намудани низоми пардохтӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар доираи лоиҳаи грантии Бонки Ҷаҳонӣ «Баланд бардоштани рақобатнокии бахши хусусӣ» моҳи июли соли 2019 Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо (НАБИМ) ба фаъолият шуруъ намуд. Тавассути НАБИМ маблағҳои андоз, гумрук ва дигар пардохтҳо мутобиқи «Дастурамал дар бораи тартиби сабти рақамҳои мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои (кодҳои) гурӯҳбандии даромадҳои андозӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ дар супоришномаҳои пардохтӣ, ҳангоми гузаронидани маблағҳо ба буҷети давлатӣ тавассути Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо рамзи мақомоти ваколатдори воридкунандаи андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии буҷети ҷумҳуриявӣ гурӯҳбандӣ шуда, дар реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) мунтазам бо суръати баланд ва бетаъхир ба буҷети давлатӣ интиқол дода мешаванд.

Зимнан, бояд қайд кард, ки дар охири рӯзи кории моҳҳои ҳисоботӣ барои қабулу гузаронидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ Низоми мазкур то соати 23:50 фаъолият менамояд. Инчунин, дар рӯзҳои истироҳатии охири моҳҳои ҳисоботӣ баҳри иҷрои нақшаи буҷети давлатӣ, рӯзи корӣ эълон карда шуда, ҳамаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ба онҳо баробар сари вақт ба буҷет интиқол дода мешаванд.

Инчунин, дар асоси Созишнома «Дар бораи табодули электронии маълумот», ки байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва КВД БА ҶТ «Амонатбонк» амал менамояд, дар баробари ворид гардидани маблағи андозҳо, боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ тавассути барномаи табодули электронии маълумоти Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомотҳои андоз, гумрук ва дигар сохторҳои давлатӣ саривақт маълумот ирсол карда мешавад.

Ҷиҳати самаранок ҷамъоварӣ намудани маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои давлатӣ, истифода намудани имкониятҳои техникию барномавии ташкилотҳои қарзии молиявие, ки технологияҳои муосири пардохтиро татбиқ ва раванди ҷамъоварии пардохтҳоро осон гардонидаанд, ба манфиати кор мебошад. Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, истифодаи воситаҳои муосири электронии пардохтӣ ба аҳолӣ воситаи осону ҷолиб буда, раванди ҷамъоварии пардохтҳоро самаранок менамояд. Инчунин, истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ раванди ҷамъоварии пардохтҳоро шаффоф гардонида, хавфи ба вуҷуд омадани омилҳои коррупсионӣ ва амалҳои қаллобиро ба таври назаррас коҳиш медиҳад ва дар маҷмуъ барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва афзоиши эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мусоидат менамояд. Зеро амалиётҳои иҷрошуда дар

низомҳои иттилоотӣ пурра инъикос гардида, таъсири омилҳои инсонӣ дар ин раванд маҳдуд мегардад.

Бино ба иттилои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон бо мақсади вусъат додани доираи ҳамкориҳо ва зиёд кардани имкониятҳо дар самти ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, миёни Хадамоти гумрук ва як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла ҶСП «Аввалин Бонки Молиявии Хурд», ҶСК «Алиф Бонк», ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл», ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон», ҶДММ ТАҚХ «Зудамал», ҶДММ ТАҚХ «Пайванд Гурух» ва ҶДММ ТАҚХ «Сарват» шартнома оид ба ҳамкорӣ дар самти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба имзо расонида шудааст. Дар заминаи ҳамкориҳо бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҳудуди зиёда даҳ дидбонгоҳи гумрукии нисбатан фаъол, филиал ё марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ фаъолият намуда истодаанд. Илова ба филиал ва марказҳои хизмтрасониҳои бонкӣ воситаҳои электронии пардохт насб карда шудаанд.

Бо мақсади беҳтар намудани дастрасии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба маълумот оид ба хизматрасониҳо, дар сомонаи расмии Хадамоти гумрук www.gumruk.tj, дар менюи «Оид ба гумрук», зерқисмати «Қонунгузорӣ» санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати муайян намудани меъёрҳои андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ, инчунин хироҷҳои гумрукӣ барои хизматрасонии гумрукӣ ҷойгир карда шудааст.

Инчунин, ҷиҳати мусоидат ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар самти пардохти боҷу андозҳои гумрукӣ тариқи ғайринақдӣ, дар сомонаи расмии Хадамоти гумрук www.gumruk.tj платформаи махсуси пардохти электонии epay.dc.tj ҷорӣ карда шуд.

Аз маълумотномаи пешниҳоднамудаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади кам кардани сарбории маъмурӣ ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №410 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ» ба тавсиб расид, ки дар он 11 мақомоти дахлдори давлатӣ ба Равзанаи ягона шомил мебошанд ва хизматрасониҳои худро дар ин самт ба таври ғайринақдӣ ба роҳ мондаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи Созишномаи ҳамкорӣ байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2020, №1905/20 оид ба мубодилаи маълумот, дар Маркази коркарди маълумотҳои ҷонибҳо таҷҳизотҳои серверӣ ва шабакаи алоқавӣ бо истифода аз низоми ҳифзшудаи VPN ҷорӣ карда шуд. Маълумоти табодулшаванда бо таври автоматӣ мувофиқи дархостҳо аз рӯи рамзи «70» барои рӯзи амалиёти дархостшуда, дар низоми вақти воқеӣ (on-line) ба роҳ монда шуд, ки барои пардохти ғайринақдии маблағҳои боҷу андозҳои гумрукӣ ва ирсол намудани тасдиқи он пешбинӣ шудааст.

Маълумотҳои қабулшуда дар махзани маълумотҳо ба таври автоматӣ захира гардида, барои хизматрасонӣ оид ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва роҳандозӣ намудани низоми пардохтҳои электронӣ равона гардидааст. Дар ин раванд, дар доираи шартномаи мазкур низоми мониторинги пардохти электронии хизматрасониҳои гумрукӣ таҳия гардида, ҳамгироии он бо зерсистемаи «Барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ»-и Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона ба роҳ монда шуд.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳои гумрукӣ, гузариш ба шакли пурраи декларатсиякунонии электронӣ, сода ва шаффоф намудани расмиёти гумрукӣ аз ҷониби Хадамоти гумрук лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикисон» таҳия гардида, он барои баррасӣ ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод гардидааст.

Ҳамчунин, ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани ҷамъоварӣ, мониторинг ва баҳисобгирии пардохтҳои гумрукӣ, бо фармоиши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2022, 254-ф «Тартиби баҳисобгирии воридшавии пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо ва ҷаримаҳо ба буҷети давлатӣ, ҳангоми интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ пардохти маблағҳоро ба мақомоти гумрук тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ, терминалҳои хизматрасонӣ, замимаҳои мобилӣ - ҳамёнҳои электронӣ ва ғайра), ки дар онҳо нишонии алоҳида барои пардохтҳои гумрукӣ ҷойгир карда шудааст, амалӣ мекунанд. Аз ҷумла, дар замимаи мобилии ҶСК «Алиф Бонк» – (alif.mobi) дар қисмати «Пардохти хизматрасониҳои давлатӣ» нишонаи «Равзанаи ягона»-и Хадамоти гумрук ҷойгир карда шудааст, ки бо пахши он ва ворид кардани РМА ва маблағи пардохт шахс метавонад пардохтҳои гумрукиро ворид намояд. Чунин имконияти пардохти ғайринақдӣ дар замимаи мобилии ҶСП «Душанбе Сити Бонк» – DC Wallet ҷойгир карда шудааст, ки бо ворид шудан ба банди «Пардохтҳо» нишонаи «Пардохтҳои гумрукӣ» пайдо мешавад. Ҳамчунин дар замимаи мобилии КВДБД «Амонатбонк» – Амонатмобайл, бо ворид шудан ба «Пардохтҳо» - «Хизматрасониҳои давлатӣ» - «Хизматрасониҳои гумрукӣ» имкони пардохти пардохтҳои гумрукӣ пайдо мешавад. Хулоса, ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани пардохтҳои гумрукӣ тавассути аксари замимаҳои мобилии ташкилотҳои қарзӣ имконпазир гардонида шудааст.

Қобили тазаккур аст, ки муҳлати амали чорабинии мазкур дар соли 2022 ба итмом расида, талаботи ин банд пурра иҷро гардидааст.

Банди 37 андешидани чораҳоро ҷиҳати шаффоф намудани фаъолияти мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ пешбинӣ карда, муҳлати иҷрои он мунтазам муайян гардидааст.

Ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи банди мазкур бо мақсади дуруст ба роҳ мондани ҷамъоварӣ, мониторинг ва баҳисобгирии пардохтҳои гумрукӣ, бо фармоиши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2022, №254-ф «Тартиби баҳисобгирии воридшавии пардохтҳои гумрукӣ, фоизҳо ва ҷаримаҳо ба буҷети давлатӣ, хангоми интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст.

Ҳамчунин, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ пардохти маблағҳоро ба мақомоти гумрук тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ, терминалҳои хизматрасонӣ, замимаҳои мобилӣ - ҳамёнҳои электронӣ ва ғайра), ки дар онҳо нишонии алоҳида барои пардохтҳои гумрукӣ ҷойгир карда шудааст, амалӣ мекунанд. Аз ҷумла, дар замимаи мобилии ҶСК «Алиф Бонк-alif.mobi» дар қисмати «Пардохти хизматрасониҳои давлатӣ» нишонаи «Равзанаи ягона»-и Хадамоти гумрук

ҷойгир карда шудааст, ки бо пахши он ва ворид кардани РМА ва маблағи пардохт шахс метавонад пардохтҳои гумрукиро пардохт намояд. Чунин имконияти пардохти ғайринақдӣ дар замимаи мобилии ҶСП «Душанбе Сити Бонк - DC Wallet» ҷойгир карда шудааст, ки бо ворид шудан ба банди «Пардохтҳо» нишонаи «Пардохтҳои гумрукӣ» пайдо мешавад. Ҳамчунин дар замимаи мобилии БДА ҶТ «Амонатбонк - Амонат мобайл», бо ворид шудан ба «Пардохтҳо» - «Хизматрасониҳои давлатӣ» - «Хизматрасониҳои гумрукӣ» имкони пардохти пардохтҳои гумрукӣ пайдо мешавад. Хулоса, ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани пардохтҳои гумрукӣ тавассути аксари замимаҳои мобилии ташкилотҳои қарзӣ имконпазир гардонида шудааст.

Баҳри таъмини дурусти барасмиятдарории гумрукӣ ва муҷаҳҳазгардонии дидбонгоҳҳои гумрукӣ аз ҷониби Хадамоти гумрук ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб аз 6 марти соли 2024, №006/001-1325 ирсол карда шуда, тибқи супориши муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2024, №8286 (23-10) вазорату идораҳои дахлдор вазифадор гардиданд, ки вобаста ба масъалаи мазкур чораандешӣ намоянд.

Дар баробари ин, ҷиҳати дастрас намудани таҷҳизотҳои муосири назорати гумрукӣ ва шартҳои техникию хизматрасонӣ, мақомоти гумрук бо мактуби расмӣ ба ширкатҳои маъруфи ҷаҳонӣ, ки ба истеҳсол ва фурӯши чунин таҷҳизотҳо машғуланд муроҷиат намуда, аз ширкати амрикоии «Rapiscan Systems Ltd» ва ширкати чинии «Nuctech Company Ltd» номгӯи таҷҳизот, шартҳои техникию хизматрасонӣ ва маълумот вобаста ба арзиши таҷҳизотҳоро дастрас ва ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идорати амволи давлатӣ тибқи мактуб аз 09 апрели соли 2024, №006/001-1970 манзур намуд.

Илова бар ин, санаи 14 майи соли 2024 дар бинои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идорати амволи давлатӣ бо иштироки роҳбарият ва масъулини Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Хадамоти гумрук ва Хадамоти зиддиинҳисорӣ бо мақсади ба роҳ мондани раванди интихоб, харид ва васлкунии таҷҳизотҳои муосири назорати гумрукӣ, ҷаласаи корӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласаи мазкур аз ҷониби Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ механизми рақамикунонии раванди барасмиятдарории гумрукӣ тариқи рӯнамо манзури иштирокчиён гардида, пешниҳодҳо вобаста ба харид ва насби таҷҳизотҳои техникии назорати гумрукӣ пазируфта шуд.

Илова бар ин, аз ҷониби Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақамикунонии равандҳо дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ» таҳия гардида, бо Хадамоти гумрук мувофиқа карда шуд ва баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати ҷумҳурӣ манзур карда мешавад.

Муҳлати иҷрои банди 38 Нақша низ мунтазам буда, он «Тақвият додани низоми электронии барасмиятдарории гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар ин соҳа»-ро муқарар намудааст.

Бо мақсади иҷрои банди мазкур тибқи талаботи Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо оид ба содагардонии расмиёти савдо, дар асоси

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2020, №1678 ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардида, ба Кодекси гумрук боби нав $8^1$ оид ба ҷорӣ намудани консепсияи «Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ» (Иштирокчии боэътимоди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ) илова карда шуд.

Меъёри мазкур ба талаботҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва содагардонии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото аз 18 майи соли 1973) мутобиқ буда, ҷиҳати кам кардани монеаҳои маъмурию техникӣ ҳангоми интиқоли мол, дастгирии субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, содагардонии барасмиятдарорӣ ва афзоиши гардиши молӣ, заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҷиҳати кам намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо кормандони мақомоти гумрук аз соли 2012 инҷониб Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона барои анҷом додани амалиётҳои гумрукӣ дар шакли электронӣ ва аз соли 2020 инҷониб низоми «Равзанаи ягона»-и барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ ҷорӣ гардида, пешниҳоди дархост ва дастрас кардани иҷозатнома ва сертификатҳоро дар самти савдои хориҷӣ тариқи электронӣ пешбинӣ намудааст.

Инчунин, дар доираи лоиҳаи «Рушди роҳҳои алоқа дар Осиёи Марказӣ марҳилаи 4»-и Бонки умумиҷаҳонӣ, азнавсозии системаи иттилоотии мақомоти гумрукро ба назар гирифта, қисмати 3 лоиҳа ба «Содагардонии интиқоли байнисарҳадии мол ва мусофирон» бахшида шуда, маблағи умумии он 20 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Боиси зикр аст, ки соли 2023 дар шаҳри Душанбе системаи иттилоотии коркарди маълумоти гумрукии Асикудаи ҷаҳонӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври озмоишӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Давоми соли 2024 системаи иттилоотии Асикудаи ҷаҳонӣ дар раёсатҳои минтақавии гумрукӣ, аз ҷумла дар шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода, вилоятҳои Суғду Хатлон ва ВМКБ дар шакли пилотӣ роҳандозӣ карда шуда истодааст.

Системаи Асикудаи ҷаҳонӣ бо дарназардошти рамзҳо ва стандартҳои байналмилалии таҳиянамудаи Созмони байналмилалӣ оид ба стандартҳо, Созмони ҷаҳонии гумрук ва Созмони Милали Муттаҳид татбиқ карда мешавад. Асикудаи ҷаҳонӣ мубодилаи электронии маълумоти зарурирo байни иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва мақомоти гумрук бо истифода аз стандартҳои пешрафта таъмин менамояд.

Татбиқиислоҳоти гумрукӣ ва гузариш ба системаи Асикудаи ҷаҳонӣ имкон медиҳанд, ки дар сатҳи миллӣ системаи пурраи электронии танзими гумрукӣ ҷорӣ гардида, таҷрибаи муосир ва пешқадами байналмилалӣ бо мақсади баланд бардоштани шаффофият, беҳтар намудани назорати идорӣ ва афзоиши пардохтҳои гумрукӣ амалӣ карда шаванд.

Баъд аз ҷорӣ намудани системаи Асикудаи ҷаҳонӣ дар мақомоти гумрук, сифати барасмиятдарории гумрукӣ баланд бардошта шуда, барои тезонидани расмиёти гумрукӣ ва коҳиш додани сатҳи каррупсия мусоидат хоҳад намуд.

Бандҳои 39 ва 40 Нақша, ки мӯҳлати иҷрои онҳо мунтазам пешбинӣ гардидааст, «Дар байни ҳайати шахсии сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва зерсохторҳои он мунтазам ба роҳ мондани омӯзиши қонунгузорӣ дар самти тарзу усули ошкор намудани

ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва намуди дигари ҳуқуқвайронкуниҳо дар Сарҳади давлатӣ инчунин, ҷиҳати риояи мамоният ва маҳдудиятҳо ҳангоми интиқоли мол ва воситаи нақлиёт аз Сарҳади давлатӣ ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо Хадамоти гумрук ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ»-ро муқаррар намудааст.

Вале мутаассифона вобаста ба таъмини иҷрои бандҳои мазкур, ки тибқи Нақша Сарраёсати қўшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иҷрокунандаи асосии бандҳои 39 ва 40 ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар банди 40 ба ҳайси ҳамиҷрокунанда маҳсуб дониста шудаанд, оид ба корҳои анҷомдодашуда маълумотҳои таҳлилӣ пешниҳод накарданд.

Бо ба инобат гирифтани банди 39 Нақша масъулини Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни сарбозон, афсарон ва ҳайати роҳбарикунандаи Сарраёсати қўшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва зерсохторҳои он баҳри пешгирии содиршавии амалҳои номатлуби коррупсионӣ ва баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии кормандони ин ниҳод чанд маротиба суҳбату вохўриҳо анҷом додаанд.

Дар робита ба банди 40 Нақша бошад, мақсади ин чорабинӣ пешгирӣ намудани ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо дар сарҳади давлатӣ маҳсуб ёфта, аз масъулини иҷро фаъолияти софдилонаю содиқонаро тақозо менамояд. Вале боиси таассуф аст, ки дар давраи таҳлилӣ содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд аз ҷониби масъулини ниҳодҳое, ки баҳри ҳифзи сарҳад ва манфиатҳои иқтисодии давлат фаъолият менамоянд, ба чашм мерасад. Аз ҷумла кормандони Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 ҷиноят, Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 ҷиноят ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ 20 ҷиноят содир намудаанд, ки дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва ин ҳолат албатта нигаронкунанда мебошад.

Банди 41 Нақша «Вусъат додани фаъолият дар самти пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, идораи нотариалӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ, хадамоти шиносномавию бақайдгирӣ ва оташнишонӣ, барқ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, корхонаҳои фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва соҳаҳое, ки хизматрасониҳои дигари давлатиро анҷом медиҳанд» пешбинӣ намудааст.

Тибқи маълумоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати баланд бардоштани мафкураи зиддикоррупсионии кормандони соҳа зимни гузаронидани семинарҳои омузишӣ дар самти пешгири намудани омилҳои коррупсиони ва баланд бардоштани масъулияти онҳо фаъолият вусъат дода шуда, ҷиҳати ба омилҳои коррупсионӣ даст назадани онҳо тадбирҳо андешида мешаванд. Дар ин раванд баҳри пешгирӣ намудани омилҳои коррупсиони дар идораҳои нотариалии давлатӣ ва шуъбаю бахшҳои сабти

асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳру ноҳияҳои вилоят нархномаи хизматрасониҳо вобаста ба фаъолият бо нишон додани андозаи пардохти боҷи давлатӣ, хизматрасони ва бланк барои ба расмият даровардани амалиётҳои нотариали ва сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ насб карда шудааст.

Ба воҳидҳои сохторӣ дастури хаттӣ дода шудааст, ки бо мақсади риоя ва таъмини иҷрои фармони Президенти Ҳумҳурии Т оҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ҳангоми фаъолият, ҳамкорӣ бо Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки» амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва дигар ташкилотҳои бонкӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд тақвият бахшида шавад, зеро мувофиқи муқаррароти моддаи 541 (1) Кодекс оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз ҷониби кормандони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ гирифтани пули нақд, ки таъиноти он ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани маблағ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо ба маблаги суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва намуди дигари хизматрасониҳои давлати мебошад, инчунин аз ҷониби онҳо истифодаи кортҳо ва воситаҳои дигари электронии шахсии пардохт бо ин мақсад ҷазои маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Бинобар ин, аз масъулин талаб карда шудааст, ки зимни иҷрои ухдадориҳои мансабӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии гайринакдӣ»-ро ба роҳбарӣ ва иҷро гирифта, аз даст задан ба омилҳои коррупсионӣ худдорӣ намоянд. Вобаста ба ин, дар бинои Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндаи Агентии давлатии назорати молияви ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вусъат додани фаъолият дар самти пешгирӣ намудани омилҳои коррупсиони, баланд бардоштани масъулияти кормандони саридораи нотариалии давлатй бо иштироки сарнотариуси давлатй, муовини сарнотариуси давлати, нотариусони давлатии саридораи нотариалии давлатӣ, нотариуси калони бойгонидор ва нотариуси бойгонидори назди саридораи нотариалии давлатӣ, нотариусони калони давлатӣ ва нотариусони давлатии ноҳияҳои шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ санаи 31 майи соли 2024 вохурӣ баргузор гардидааст.

Ғайр аз ин, аз ҷониби устодони Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорат дар 6 курси такмили ихтисос, ба кормандони сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ 1 маротиба (2 соат), нотариусони давлатии идораҳои нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 маротиба (2 соат), кормандони Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқй»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 маротиба (2 соат), кормандони Маркази ҷумҳуриявии экспертизаҳои судй ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 маротиба (2 соат) дар курсҳои мазкур 12 соат машғулиятҳои назариявӣ гузаронида шуд. Ҳамчунин 2 курси сайёри баландбардории савияи донишҳои ҳуқуқӣ ва малакаи касбии ҳуқуқшиносони хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва котибони ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Ёвон (4 соат) ва ноҳияи

Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон (4 соат) ташкил ва баргузор гардид, ки дар курсҳои мазкур 8 соат машғулиятҳои назариявӣ гузаронида шудааст.

Ҷиҳати коҳиш додани сатҳи коррупсия дар байни кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ, хадамоти шиносномавию бақайдгирӣ ва оташнишонӣ ва соҳаҳое, ки хизматрасониҳои дигари давлатиро анҷом медиҳанд аз ҷониби Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам чорабиниҳои профилактикӣ баргузор гардида, барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҳайати шахсии РБДА, ХШБ, СХДО ва дигар ҷузъу томҳои Вазорат, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд, дар асоси накшаи аз ҷониби роҳбарияти ВКД тасдиқшуда ҳар семоҳа оид ба омӯзиши тағйироту иловаҳои ба қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ воридшуда, фармону дастурамалҳои ВКД машғулиятҳо гузаронида мешаванд.

Ҳамзамон, ҷиҳати вусъат додани фаъолият дар самти пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони корхонаҳои фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» ва фаъолияти иҷозатномадиҳӣ кормандони раёсати бозрасии назорати давлатии геодезӣ, делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабл аз оғози фаъолияти санҷиши корхонаҳо миёни кормандони ин ниҳод корҳои фаҳмондадиҳиро вобаста ба татбиқи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ» роҳандозӣ намудаанд.

Дар самти гирифтани иҷозатномадиҳӣ ба ҳар як ҷамъиятҳо, ташкилотҳое, ки аз ҷониби раёсати бозрасии назорати давлагии геодезӣ, делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади Кумитаи давлатӣ иҷозатнома мегиранд, баъд аз гирифтани ҳуҷҷати мазкур бо мақсади ташкил ва амалӣ намудани чораҳои маҷмӯии пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад.

Банди 42 Нақша «Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, идораи нотариалӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ, хадамоти шиносномавию бақайдгирӣ ва оташнишонӣ, барқ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, корхонаҳои фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва соҳаҳои дигареро, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд» пешбинӣ намудааст, ки муҳлати иҷрои он то соли 2023 муайян карда шуда буд.

Вобаста ба иҷрои ин банд аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» дар таҳрири нав таҳия гардида, он 2 январи соли 2025, №2117 ба тасвиб расид, ки айни ҳол мавриди истифода қарор дорад.

Инчунин, бо фармоишҳои вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2023, №12 «Дар бораи Дастурамали коргузорӣ дар идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва аз 31 августи соли 2023 «Дар бораи тасдиқи шаклҳои феҳристҳои сабти амалиёти нотариалӣ, шаҳодатномаҳои тасдиқшудаи нотариалӣ, навиштаҷотҳои тасдиққунанда дар аҳдҳо, ҳуҷҷатҳои тасдиқшавандаи нотариалӣ ва тартиби барасмиятдарории феҳристҳои сабти амалиёти нотариалӣ, шаҳодатномаҳои

нотариалӣ, навиштаҷотҳои тасдиққунанда дар аҳдҳо ва ҳуҷҷатҳои тасдиқшавандаи нотариалӣ» мавриди тасдиқ ва истифодаи хизматӣ қарор доранд.

Илова бар ин, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз 15 марти соли 2023, №1964 андозаи боҷи давлатӣ барои бақайдгирии давлатии якчанд амалиёт зиёд шуда, имтиёзҳо барои бақайдгирӣ такмил дода шуданд.

Аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд «Қоидаҳои сохтори дастгоҳҳои барқӣ» (ПУЭ) дар таҳрири нав таҳия ва бо мақомоти соҳавӣ мувофиқа карда шуда, айни замон, раванди такмилдиҳии «Қоидаҳои сохтори дастгоҳҳои барқӣ» (ПУЭ) дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Инчунин, бо мақсади мутобиқсозии қонунгузорӣ ба талаботи имрӯза алалхусус бозбинии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика», «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» ва ҳуҷҷатҳои зерқонунӣ вобаста ба рушди иқтисоди сабз дар доираи лоиҳаи «Энергетики Осиёи марказӣ» ва лоиҳаи «Рушди корхонаҳои хурду миёна дар сохаи энергияи сабз» бо фармоиши  Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо Гуруҳи корӣ таъсис дода шуд. Гуруҳи кории мазкур санаи 3 майи соли 2023 ҷаласаи нахустини худро баргузор намуд, ки ҳоло аз ҷониби он бозбинии қонунгузорӣ идома дорад.

Ҳамзамон, бо дарназардошти равандҳои нави муносибатҳо, ё худ ҷорӣ гардидани низомҳои мусоири баҳисобгирии нерӯи барқ (низоми биллингӣ), дар доираи ислоҳоти соҳа бо дастгирии шарикони рушд «Қоидаҳои баҳисобгирии энергияи барқ дар шабакаҳои тақсимоти барқ» таҳия ва бо сохторҳои соҳавӣ аз ҷумла, ҶСК «Барқи Тоҷик», Хадамоти назорати давлатии энергетикӣ ва инчунин, Агентии Тоҷикстандарт мувофиқа карда шудааст, ки дар он маҷмуи муносибатаҳо байни шабакаҳо ва истфодабарандагон танзим карда шудааст.

Ҳамчунин, бо дарназардошти пайдо гардидани муносибатҳои муосир дар низоми энергетикии кишвар «Қоидаҳои истифодаи энергияи барқ» низ дар таҳрири нав омода карда шудааст.

Дар маҷмуъ, лоиҳаи пешакии санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ аз ҷумла, «Қоидаҳои истифодаи энергияи барқ», «Қоидаҳои сохтори дастгоҳҳои барқӣ» (ПУЭ) ва «Қоидаҳои баҳисобгирии энергияи барқ дар шабакаҳои тақсимоти барқ» омода гардидааст.

Инчунин, бо мақсади мутобиқсозии қонунгузорӣ ба талаботи имрӯза, алалхусус бозбинии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика», «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» ва ҳуҷҷатҳои зерқонунӣ вобаста ба рушди иқтисоди сабз дар доираи лоиҳаи «Энергетикии Осиёи марказӣ» ва лоиҳаи «Рушди корхонаҳои хурду миёна дар соҳаи энергияи сабз» бо фармоиши Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо Гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, аз ҷониби гурӯҳ омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур идома дорад.

Ҳамзамон, бо дарназардошти равандҳои нави муносибатҳо, ё худ ҷорӣ гардидани низомҳои муосири баҳисобгирии нерӯи барқ (низоми биллингӣ), дар доираи ислоҳоти соҳа бо дастгирии шарикони рушд «Қоидаҳои

баҳисобгирии энергияи барқ дар шабакаҳои тақсимоти барқ таҳия ва бо сохторҳои соҳавӣ аз ҷумла, ҶСК «Барқи Тоҷик», Хадамоти назорати давлатии энергетикӣ, инчунин Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо (Тоҷикстандарт) мувофиқа карда шудааст, ки дар он маҷмӯи муносибатҳо байни шабакаҳо ва истфодабарандагон танзим гардидааст.

Дар Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Нақшаи кории Гурӯҳи корӣ «Оид ба мукаммал сохтани қонунгузории соҳаи замин» барои давраи то соли 2025, ки бо қарори раиси Кумита аз 3 июли соли 2024, №49 тасдиқ қарда шудааст, ҷиҳати такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии корхонаҳои фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва дигар соҳаҳое, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд, фаъолият идома дорад.

Вобаста ба иҷрои банди 43 Нақша, яъне ҷиҳати тақвият додани низоми электронии пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар ин соҳа аз ҷониби вазорату идораҳо чорабиниҳои зерин ба анҷом расонида шудааст, ки муҳлати иҷрои он мунтазам пешбинӣ карда шудааст.

Вобаста ба иҷрои банди мазкур Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯйи хизматрасониҳои давлатие, ки бояд муносиб ва автоматӣ гардонида шаванд ва муҳлати ба шакли электронӣ гузаронидани онҳо», ки аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуд, 2 марти соли 2023, №72 қабул гардид. Тибқи қарори мазкур ба шакли электронӣ гузаштани 70 намуди хизматрасониҳои давлатӣ дар солҳои 2023-2025 дар назар аст.

Дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» Вазорат якҷо бо дигар воҳидҳои сохторӣ, ки хизматрасониҳои музднокро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мерасонанд, чораандешӣ намуда истодааст. Фармони мазкур ба ҳамаи шуъбаҳои асноди ҳолати шаҳрвандии раёсатҳои адлияи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳур ва ноҳияҳои шаҳри Душанбе, шуъба-хонаҳои акди никоҳ дастрас карда шуд. Мақомоти зикргардида фармони мазкурро дар ҷойҳои намоёни идораҳои худ овезон карда, шаҳрвандонро аз пардохти ғайринақдӣ огоҳ намуданд.

Ба мудирони бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳру ноҳияҳо супориш дода шуд, ки бо филиалҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳру ноҳияҳо дар ин хусус ҳамкорӣ намуда, кори марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар ҷамоатҳо, деҳаҳо ва маркази шаҳру ноҳияҳоро ҷоннок намоянд. Дар ин бора бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба роҳбарияти филиалҳо мактубҳои дахлдор низ ирсол намудаанд. Ба ҳолати моҳи окябри соли 2023-юм дар деҳоти баъзе ноҳияҳо чунин марказҳо фаъолият намекунанд ва ё дар дигар нуқта онҳо ҷойгир карда шудаанд деҳоти Чорсу ва Баҳори шаҳри Ваҳдат, ҷамоатҳои деҳоти К.Сайфудинов ва Озодагони ноҳияи Панҷ, ҷамоати деҳоти Заркамари ноҳияи Қубодиён). Ғайр аз ин ҷиҳати ба роҳ мондани низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҳангоми

пардохти маблағи хизматрасониҳои давлатӣ пардохтҳо тавассути барномаи биллингии «Пардохти ҳушманд (5таП; Рау)» ба роҳ монда шудааст.

Аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд «Қоидаҳои сохтори дастгоҳҳои барқӣ» (ПУЭ) дар таҳрири нав таҳия карда шуда, дар мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад.

Бо ба инобат гирифтани равандҳои нави муносибатҳо, ё худ ҷорӣ гардидани низомҳои муосири баҳисобгирии нерӯи барқ (низоми биллингӣ) дар доираи ислоҳоти соҳа бо дастгирии шарикони рушд «Қоидаҳои баҳисобгирии энергияи барқ дар шабакаҳои тақсимоти барқ» таҳия ва бо сохторҳои соҳавӣ, аз ҷумла ҶСК «Барқи Тоҷик», Хадамоти назорати давлатии энергетикӣ ва Агентии Тоҷикстандарт мувофиқа гардидааст, ки дар он маҷмӯи муносибатҳо байни шабакаҳо ва истифодабарандагон танзим карда шудааст.

Дар вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостҳои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тавассути сомонаи ijozat.mewr.tj ба таври онлайн қабул гардида истодааст. Шахсони ҳуқукуқие, ки бо фаъолияти вобаста ба вазорат дахлдошта машғул шудан мехоҳанд имкон доранд, ки бемонеа ва бе хориҷ шудан аз манзили зисташон ба таври онлайн ба сомонаи ijozat.mewr.tj пайваст шуда, барои гирифтани иҷозатнома дархости худро пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, соҳибкорон метавонанд тавассути ин барномаи электронӣ, иҷозатномаҳои худро баъд аз пардохт намудани боҷҳои давлатӣ бо воситаи Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и маҳалли зисташон дастрас намоянд, ки ин барои бартараф намудани омилҳои инсонӣ мусоидат менамояд.

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баратараф намудани омилҳои коррупсионӣ тавассути тақвият додани низоми электронии пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар ин соҳа чораҳои зарурӣ амалӣ карда шуда истодааст. Чунончи, дар Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ 10 нуқтаи POS-терминали электронӣ насб карда шудааст, ки онҳо мавриди амал қарор доранд.

Дар вазорати кишоварзӣ аз соли 2016 то ин ҷониб барои пешбурди кор бо барномаи ягонаи автоматикунонидашудаи феҳрасти хизматрасонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар барномаҳо 7 калиди электронӣ (е - tokin) дастрас карда шуда, мавриди истифодабарӣ қарор дорад. Пардохтҳои андозҳо, маош ва сафархарҷиҳои кормандон, маблағҳои коммуналӣ ва пешниҳоди маълумотҳо оиди ҳайати хизматчиёни давлатӣ ба тарзи электронӣ сурат мегирад. Шакли ғайринақдии ҳисоббаробаркуниҳои пардохтҳо тавассути терминалҳои электрониҳои пардохти хизматрасониҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар Вазорати меҳнати муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ тамоми пардохтҳои хизматрасониҳои дастгоҳи марказӣ ва ташкилоту муассисаҳои системаи вазорат тариқи электронӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ буда, тавассути барномаи иттилоотии «Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ» («TFMIS») амалӣ карда мешавад.

Аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди мазкур оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳамоҳангӣ бо БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва

«Халиқ бонк» пардохти маблағҳои ғайринақдӣ тариқи POS-терминал ва Интернет-Эквайринг ба роҳ монда шуда, ҳисоботҳо дар шакли ҷадвал ҳармоҳа ба Бонки миллии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.

Ҷиҳати тақвият додани низоми электронии пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ дар Вазорат ҳама самтҳои хизматрасонӣ ба таври ғайринақдӣ сурат гирифта истода, Шабакаи иттилоотии электронӣ барои гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ карда шудааст, ки шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд мустақиман тавассути сомонаи интернетии www.evisa.tj раводиди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастрас намуда, пардохти онро ба таври электронӣ анҷом диҳанд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикстон дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ» амалиётҳои молиявиро ба воситаи низоми иттилоотии «SGB.Net» ба роҳ монда, гардиши ҳуҷҷатгузории пардохтҳоро тариқи электронӣ иҷро менамоянд.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати таъмини иҷрои бандҳои зикргардида аз ҷониби КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», ҶСК «Барқи тоҷик», инчунин соҳаҳои дигаре, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд, ахбороти дахлдор пешниҳод нагардид.

Бо мақсади гузариши пурра ба низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва вусъат додани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ, инчунин иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», ташкилотҳои қарзии молиявӣ навъҳои гуногуни хизматрасонии пардохтиро бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ ва замимабарномаҳои мобилӣ пешниҳод намуда, имкон фароҳам овардаанд, ки тавассути низомҳо ва инфрасохтори пардохтӣ маблағи хизматрасонии музднoки давлатӣ ба таври ғайринақдӣ қабул карда шавад. Инчунин, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо ин мақсад дар сомонаҳои расмии як қатор вазорату идораҳои давлатӣ хизматрасонии интернет-эквайринг таъмин карда шуд. Дар натиҷаи ҳамгироии низомҳои иттилоотию билингии мақомоти давлатӣ бо замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ пардохти хизматрасонии музднoки давлатӣ барои муштариён имконпазир гардид. Ба таври нақдӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ қабул намудани пардохти хизматрасониҳои музднoки давлатӣ пурра манъ карда шудааст. Риояи талаботи мазкур таҳти назорати қатъии Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад.

Бо вуҷуди ин, ҷиҳати иҷрои сифатноки Фармон ташкилотҳои қарзии молиявӣ вазифадор карда шудаанд, ки шумораи дорандагони кортҳои пардохтӣ ва истифодабарандагони замимабарномаҳои мобилиро зиёд намуда, баҳри таъмини инфрасохтори зарурии қабули пардохти хизматрасониҳои давлатӣ якҷо бо вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тадбирҳои амалӣ андешанд. Илова бар ин, бо назардошти дар ду соли минбаъда пурра ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ гузаштани ҳамаи соҳаҳо ташкилотҳои қарзии молиявӣ мувваззаф гардидаанд, ки дар муҳлати кӯтоҳтарин таъминоти барномавӣ ва инфрасохтори пардохтии худро мукаммал намоянд.

Дар натиҷаи корҳои анҷомдода имрӯз аҳолии кишвар имкон дорад бо истифода аз суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтии бонкӣ, замимабарномаҳои мобилӣ, хизматрасонии интернет-эквайринг ва дигар воситаҳои пардохти ғайринақдӣ, ки аз ҷониби низоми бонкӣ таъмин карда шудаанд, маблағи аксари хизматрасониҳои давлатиро пардохт намояд.

Тибқи маълумоти оморӣ миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 7,6 млн ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 29 фоиз зиёд мебошад. Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир истифодаи ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар кишвар босуръат афзуда, шумораи умумии онҳо ба 10,4 млн адад расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 39 фоиз зиёд аст.

Барои қабули маблағи хизматрасонии давлатӣ 23 намуд замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, аз ҷумла муассисаю ташкилотҳои давлатӣ дар маҷмуъ 11 536 POS-терминал насб гардидаанд, ки аз онҳо 5 294 POS-терминал маҳз барои қабули пардохтҳои ғайринақдии хизматрасониҳои давлатӣ истифода мешаванд.

Инчунин, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз 1 августи соли 2023 то инҷониб наздик ба 1,6 млн кортҳои пардохтии бонкӣ ба таври ройгон ба аҳолӣ тақсим карда шуданд. Тибқи супориши Бонки миллии Тоҷикистон, мутахассисони ташкилотҳои қарзии молиявӣ мунтазам корҳои таблиғотиву фаҳмондадиҳиро вобаста ба истифодаи дурусти кортҳои пардохтии бонкӣ ва замимабарномаҳои мобилӣ дар байни сокинони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида истодаанд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади тавсеаи инфрасохтори пардохтӣ, зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон, лоиҳаи QR-рамзи ягонаро амалӣ карда, аз 1 августи соли 2023 имконияти пардохти молу хизматрасониҳоро бо истифодаи QR-рамзи ягона фароҳам овард. Татбиқи QR-рамзи ягона имкон дод, ки муштариён дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ бо истифода аз ҳамёнҳои электронии дилхоҳ ташкилоти қарзии молиявӣ тариқи QR–рамзи ягона пардохти молу хизматрасонӣ, инчунин дар вазорату идораҳо, муассисаю ташкилотҳои давлатӣ пардохти хизматрасониҳои музднoки давлатиро ба таври ғайринақдӣ бемамониат анҷом диҳанд.

Ҳоло аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ 16 472 QR-рамзи ягонаи бо Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқашуда дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, аз ҷумла 2 717 адади онҳо махсус барои қабули пардохтҳои хизматрасонии давлатӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар баробари ин, барои пур кардани суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронии муштариён аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва агентҳои бонкии пардохтии онҳо дар маҷмуъ зиёда аз 10,3 ҳазор терминали худкор дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ насб карда шудаанд.

Бо мақсади боз ҳам содa, босуръат ва бехатар анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ, аз ҷониби яке аз бонкҳои ватанӣ дар ҳамкорӣ бо

Низоми пардохтии байналмилалии Visa аз 25 июни соли 2024 хизматрасонии Google Pay дар Тоҷикистон роҳандозӣ гардид. Зикр бояд кард, ки низоми Google Pay дар кишварҳои дорои низомҳои пешрафтаи пардохтҳои ғайринақдӣ бомуваффақият фаъолият мекунад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон феълан 74-умин кишваре мебошад, ки ин намуди хизматрасонӣ дар он дастрас гардид. Ин хизматрасонӣ имкон медиҳад, ки шаҳрвандон дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ тавассути дастгоҳҳои мобилие (смартфонҳое), ки дар низоми амалиётии Android кор мекунанд ва дорои модули NFC мебошанд, пардохтҳоро ба таври ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Бо мақсади гузарондани корҳои тавзеҳотӣ аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон дар саҳифаҳои иҷтимоии Фейсбук (http://fb.me/fingramtj), Инстаграм (@fingramtj) ва Телеграм (@fingramtj) саҳифаи «Саводнокии молиявӣ дар Тоҷикистон» кушода шуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ дар он мунтазам оид ба бартариятҳои пардохтҳои ғайринақдӣ наворҳо, аксҳо, брошураҳои электронӣ (постер) ва маводҳои дигари таблиғотӣ нашр карда мешаванд.

Бонки миллии Тоҷикистон аз оғози соли 2023 корҳои омодагиро вобаста ба татбиқи платформа/шлюзи ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ (минбаъд – Шлюзи пардохтӣ), ки яке аз ҷузъҳои муҳимми портали ягонаи пардохти хизматрасонии давлатӣ (минбаъд – Портал) мебошад, дар асоси Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 дарҷгардида амалӣ намуд. Санаи 18 майи соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи роҳбарони аввали мақомоту идораҳо ва бонкҳои давлатӣ баргузор гардид, ки дар он ҷиҳати таъсиси Шлюзи пардохтӣ рӯнамои муфассали Бонки миллии Тоҷикистон манзур карда шуд. Дар ҷаласаи корӣ зикр карда шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон омода аст дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ аз ҳисоби худ Шлюзи пардохтиро дар фурсати кӯтоҳтарин фаъол намояд. Мутаассифона, дар ҷаласаи мазкур пешниҳоди Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати созмон додани Шлюзи пардохтӣ ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори дахлдор дастгирӣ наёфт.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи татбиқи қисмати якуми лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ «Асосҳои рақамии Тоҷикистон» (рақамикунонии идораи давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ) созмон додани Шлюзи пардохтӣ (Payment Gateway) ва низоми мушаххаскунии фосилавии шаҳрвандон (Banking ID)-ро пешниҳод намуд. Пешниҳоди Бонки миллӣ аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ пазируфта шуда, ба нақшаи амали татбиқи лоиҳаи зикргардида ворид карда шуд. Дар робита ба иҷрои нақшаи амал Бонки миллӣ якҷо бо шахсони масъули Бонки Ҷаҳонӣ барои ҷалби мушовири байналмилалӣ ё ширкати консалтингӣ ҷиҳати арзёбии техникию иқтисодии созмондиҳии Шлюзи пардохтӣ ва низоми мушаххаскунии фосилавии шаҳрвандон дархости техникӣ (ToRs) таҳия карда, бо мактуб ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон тибқи супориши роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2024, №23/10-

59(9) ҷиҳати ҳамоҳанг намудани мавқеи сохторҳои давлатӣ вобаста ба таъсиси Портал 16 апрели соли 2024 бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ҷаласаи корӣ баргузор намуд. Дар ҷаласа Бонки миллӣ ва вазорату идораҳои давлатӣ мавқеи худро вобаста ба таъсиси Портал, инчунин ҷузъҳои асосии он баён намуданд.

Тибқи қарори протоколи ҷаласа вазоратҳои молия, адлия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ бо мактубҳои расмии худ ба роҳ мондани ҳамкориро бо сохтори ваколатдори давлатӣ ҷиҳати таъсис додани Портал зарур ҳисобиданд. Дар ин раванд, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сохтори ваколатдори давлатӣ, ки яке аз вазифаҳои асосии он коркард ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи инноватсияи технологияи рақамӣ, идоракунӣ ва танзими раванди амалисозии ҳукумати электронӣ мебошад, созмон додани Порталро дар мактуби худ дарҷ карда, дар якҷоягӣ бо Бонки миллӣ ва дигар мақомоти дахлдор дар амал татбиқ намудани онро иброз намуд.

Минбаъд, санаҳои 27, 29 ва 30 апрели соли 2024 бо иштироки намояндагони вазоратҳои адлия, молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук Бонки миллӣ ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ҷаласаҳои корӣ гузаронида шуданд ва дар онҳо пешниҳоди Агентӣ оид ба созмон додани Портал ва муайян намудани вазифаҳои субъектҳои он муҳокима карда шуд.

Бо мақсади татбиқи Фармон дар Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он гурӯҳҳои корӣ барои гузарондани мониторинг ва чорабиниҳои назоратӣ таъсис дода шуданд. Гурӯҳҳои кории мазкур вазифадор гардиданд, ки шуруъ аз 01.08 соли 2023 ҳамарӯза ба нуқтаҳои қабули маблағҳои давлатӣ дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташриф оварда, рафти иҷрои Фармон ва мушкилиҳои ҷойдоштаро муайян намоянд. Ҳамчунин, аъзои гурӯҳҳои корӣ вазифадор гардиданд, ки дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ низ гузаронанд. Илова ба ин, дар замимабарномаи мобилии Telegram гурӯҳҳои алоҳида таъсис дода шуда, дар раванди анҷом додани корҳои назоратӣ аз ҷониби аъзои гурӯҳҳои корӣ додугирифти маълумот ва аксҳо анҷом дода мешаванд.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2024 гурӯҳҳои корӣ зиёда аз 2500 маротиба ба нуқтаҳои қабули пардохтҳои муассисаҳои давлатӣ ва 450 маротиба ба воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ ташриф оварданд. Мушкилии асосие, ки дар рафти корҳои назоратӣ ошкор гардид, ин то ҳол қабул гардидани пули нақд аз ҷониби баъзе муассисаҳои давлатӣ мебошад.

Дар баробари ин, аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ дар ҷойҳо доир ба иҷрои талаботи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати аз байн бурдани мушкилоти ҷойдошта корҳои фаҳмондадиҳӣ ва вохӯриҳо бо шахсони масъули корхонаю муассисаҳои давлатӣ ва шаҳрвандон анҷом дода мешаванд.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва мониторингҳои пай дар пай аз ҷониби гурӯҳи корӣ, корхонаю муассисаҳои давлатӣ бо POS-терминал ё QR-рамзи ягона таъмин гардидаанд.

Бо мақсади вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ ва истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохтӣ, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ташкили аксияҳои бурднок, додани фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ, ба таври ройгон пешниҳод намудани кортҳои пардохтӣ ва дигар чораҳои ҳавасмандгардонии муштариён татбиқ шуда истодаанд. Чунин тадбирҳо минбаъд низ идома дода мешаванд.

Бо мақсади гузариши пурра ба низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва вусъат додани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ, инчунин иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», ташкилотҳои қарзии молиявӣ навъҳои гуногуни хизматрасонии пардохтиро бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ ва замимабарномаҳои мобилӣ пешниҳод намуда, имкон фароҳам овардаанд, ки тавассути низомҳо ва инфрасохтори пардохтӣ маблағи хизматрасонии музднoки давлатӣ ба таври ғайринақдӣ қабул карда шавад. Инчунин, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо ин мақсад дар сомонаҳои расмии як қатор вазорату идораҳои давлатӣ хизматрасонии интернет-эквайринг таъмин карда шуд. Дар натиҷаи ҳамгироии низомҳои иттилоотию билингии мақомоти давлатӣ бо замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ пардохти хизматрасонии музднoки давлатӣ барои муштариён имконпазир гардид. Ба таври нақдӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ қабул намудани пардохти хизматрасониҳои музднoки давлатӣ пурра манъ карда шудааст. Риояи талаботи мазкур таҳти назорати қатъии Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад.

Бо вуҷуди ин, ҷиҳати иҷрои сифатноки фармон ташкилотҳои қарзии молиявӣ вазифадор карда шудаанд, ки шумораи дорандагони кортҳои пардохтӣ ва истифодабарандагони замимабарномаҳои мобилиро зиёд намуда, баҳри таъмини инфрасохтори зарурии қабули пардохти хизматрасониҳои давлатӣ якҷо бо вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тадбирҳои амалӣ андешанд. Илова бар ин, бо назардошти дар ду соли минбаъда пурра ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ гузаштани ҳамаи соҳаҳо ташкилотҳои қарзии молиявӣ муваззаф гардидаанд, ки дар муҳлати кӯтоҳтарин таъминоти барномавӣ ва инфрасохтори пардохтии худро мукаммал намоянд.

Дар натиҷаи корҳои анҷомдода имрӯз аҳолии кишвар имкон дорад бо истифода аз суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтии бонкӣ, замимабарномаҳои мобилӣ, хизматрасонии интернет-эквайринг ва дигар воситаҳои пардохти ғайринақдӣ, ки аз ҷониби низоми бонкӣ таъмин карда шудаанд, маблағи аксари хизматрасониҳои давлатиро пардохт намояд.

Тибқи маълумоти оморӣ то санаи 30 июни соли 2024 миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 7,6 млн ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 29 фоиз зиёд мебошад. Қобили зикр аст, ки тайи солҳои охир истифодаи ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар кишвар босуръат афзуда, шумораи умумии онҳо то санаи 30 июни соли

2024 ба 10,4 млн адад расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 39 фоиз зиёд мебошад.

Барои қабули маблағи хизматрасонии давлатӣ 23 намуд замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

То санаи 30 июни соли 2024 дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, аз ҷумла муассисаю ташкилотҳои давлатӣ дар маҷмуъ 11 536 POS-терминал насб гардидаанд, ки аз онҳо 5 294 POS-терминал маҳз барои қабули пардохтҳои ғайринақдии хизматрасониҳои давлатӣ истифода мешаванд.

Инчунин, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз 1 августи соли 2023 то инҷониб наздик ба 1,6 млн кортҳои пардохтии бонкӣ ба таври ройгон ба аҳолӣ тақсим карда шуданд. Тибқи супориши Бонки миллии Тоҷикистон, мутахассисони ташкилотҳои қарзии молиявӣ мунтазам корҳои таблиғотиву фаҳмондадиҳиро вобаста ба истифодаи дурусти кортҳои пардохтии бонкӣ ва замимабарномаҳои мобилӣ дар байни сокинони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида истодаанд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади тавсеаи инфрасохтори пардохтӣ, зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон, лоиҳаи QR-рамзи ягонаро амалӣ карда, аз 1 августи соли 2023 имконияти пардохти молу хизматрасониҳоро бо истифодаи QR-рамзи ягона фароҳам овард. Татбиқи QR-рамзи ягона имкон дод, ки муштариён дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ бо истифода аз ҳамёнҳои электронии дилхоҳ ташкилоти қарзии молиявӣ тариқи QR–рамзи ягона пардохти молу хизматрасонӣ, инчунин дар вазорату идораҳо, муассисаю ташкилотҳои давлатӣ пардохти хизматрасониҳои музднoки давлатиро ба таври ғайринақдӣ бемамониат анҷом диҳанд.

То санаи 30 июн аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ 16 472 QR-рамзи ягонаи бо Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқашуда дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, аз ҷумла 2 717 адади онҳо махсус барои қабули пардохтҳои хизматрасонии давлатӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар баробари ин, барои пур кардани суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронии муштариён аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва агентҳои бонкии пардохтии онҳо дар маҷмуъ зиёда аз 10,3 ҳазор терминали худкор дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ насб карда шудаанд.

Бо мақсади боз ҳам сода, босуръат ва бехатар анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ, аз ҷониби яке аз бонкҳои ватанӣ дар ҳамкорӣ бо Низоми пардохтии байналмилалии Visa аз 25 июни соли 2024 хизматрасонии Google Pay дар Тоҷикистон роҳандозӣ гардид. Зикр бояд кард, ки низоми Google Pay дар кишварҳои дорои низомҳои пешрафтаи пардохтҳои ғайринақдӣ бомуваффақият фаъолият мекунад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон феълан 74-умин кишваре мебошад, ки ин намуди хизматрасонӣ дар он дастрас гардид. Ин хизматрасонӣ имкон медиҳад, ки шаҳрвандон дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ тавассути дастгоҳҳои мобилие

(смартфонҳое), ки дар низоми амалиётии Android кор мекунанд ва дорои модули NFC мебошанд, пардохтҳоро ба таври ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Бо мақсади гузарондани корҳои тавзеҳотӣ аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон дар саҳифаҳои иҷтимоии Фейсбук (http://fb.me/fingramtj), Инстаграм (@fingramtj) ва Телеграм (@fingramtj) саҳифаи «Саводнокии молиявӣ дар Тоҷикистон» кушода шуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ дар он мунтазам оид ба бартариятҳои пардохтҳои ғайринақдӣ наворҳо, аксҳо, брошураҳои электронӣ (постер) ва маводҳои дигари таблиғотӣ нашр карда мешаванд.

Бонки миллии Тоҷикистон аз оғози соли 2023 корҳои омодагиро вобаста ба татбиқи платформа/шлюзи ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ (минбаъд – Шлюзи пардохтӣ), ки яке аз ҷузъҳои муҳимми портали ягонаи пардохти хизматрасонии давлатӣ (минбаъд – Портал) мебошад, дар асоси Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 дарҷгардида амалӣ намуд. Санаи 18 майи соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи роҳбарони аввали мақомоту идораҳо ва бонкҳои давлатӣ баргузор гардид, ки дар он ҷиҳати таъсиси Шлюзи пардохтӣ рӯнамои муфассали Бонки миллии Тоҷикистон манзур карда шуд. Дар ҷаласаи корӣ зикр карда шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон омода аст дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ аз ҳисоби худ Шлюзи пардохтиро дар фурсати кӯтоҳтарин фаъол намояд. Мутаассифона, дар ҷаласаи мазкур пешниҳоди Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати созмон додани Шлюзи пардохтӣ ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори дахлдор дастгирӣ наёфт.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи татбиқи қисмати якуми лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ «Асосҳои рақамии Тоҷикистон» (рақамикунонии идораи давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ) созмон додани Шлюзи пардохтӣ (Payment Gateway) ва низоми мушаххаскунии фосилавии шаҳрвандон (Banking ID)-ро пешниҳод намуд. Пешниҳоди Бонки миллӣ аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ пазируфта шуда, ба нақшаи амали татбиқи лоиҳаи зикргардида ворид карда шуд. Дар робита ба иҷрои нақшаи амал Бонки миллӣ якҷо бо шахсони масъули Бонки Ҷаҳонӣ барои ҷалби мушовири байналмилалӣ ё ширкати консалтингӣ ҷиҳати арзёбии техникию иқтисодии созмондиҳии Шлюзи пардохтӣ ва низоми мушаххаскунии фосилавии шаҳрвандон дархости техникӣ (ToRs) таҳия карда, бо мактуб ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон тибқи супориши роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2024, №23/10-59(9) ҷиҳати ҳамоҳанг намудани мавқеи сохторҳои давлатӣ вобаста ба таъсиси Портал 16 апрели соли 2024 бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ҷаласаи корӣ баргузор намуд. Дар ҷаласа Бонки миллӣ ва вазорату идораҳои давлатӣ мавқеи худро вобаста ба таъсиси Портал, инчунин ҷузъҳои асосии он баён намуданд.

Тибқи қарори протоколи ҷаласа вазоратҳои молия, адлия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва Агентии инноватсия

ва технологияҳои рақамӣ бо мактубҳои расмии худ ба роҳ мондани ҳамкориро бо сохтори ваколатдори давлатӣ ҷиҳати таъсис додани Портал зарур ҳисобиданд. Дар ин раванд, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сохтори ваколатдори давлатӣ, ки яке аз вазифаҳои асосии он коркард ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи инноватсияи технологияи рақамӣ, идоракунӣ ва танзими раванди амалисозии ҳукумати электронӣ мебошад, созмон додани Порталро дар мактуби худ дарҷ карда, дар якҷояги бо Бонки миллӣ ва дигар мақомоти дахлдор дар амал татбиқ намудани онро иброз намуд.

Минбаъд, санаҳои 27, 29 ва 30 апрели соли 2024 бо иштироки намояндагони вазоратҳои адлия, молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук Бонки миллӣ ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ҷаласаҳои корӣ гузаронида шуданд ва дар онҳо пешниҳоди Агентӣ оид ба созмон додани Портал ва муайян намудани вазифаҳои субъектҳои он муҳокима карда шуд.

Бо мақсади татбиқи Фармон дар Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он гурӯҳҳои корӣ барои гузарондани мониторинг ва чорабиниҳои назоратӣ таъсис дода шуданд. Гурӯҳҳои кории мазкур вазифадор гардиданд, ки шуруъ аз 01.08 соли 2023 ҳамарӯза ба нуқтаҳои қабули маблағҳои давлатӣ дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташриф оварда, рафти иҷрои фармон ва мушкилиҳои ҷойдоштаро муайян намоянд. Ҳамчунин, аъзои гурӯҳҳои корӣ вазифадор гардиданд, ки дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ низ гузаронанд. Илова ба ин, дар замимабарномаи мобилии Telegram гурӯҳҳои алоҳида таъсис дода шуда, дар раванди анҷом додани корҳои назоратӣ аз ҷониби аъзои гурӯҳҳои корӣ додугирифти маълумот ва аксҳо гузаронида мешаванд.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2024 гурӯҳҳои корӣ зиёда аз 2500 маротиба ба нуқтаҳои қабули пардохтҳои муассисаҳои давлатӣ ва 450 маротиба ба воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ ташриф оварданд. Мушкилии асосие, ки дар рафти корҳои назоратӣ ошкор гардид, ин то ҳол қабул гардидани пули нақд аз ҷониби баъзе муассисаҳои давлатӣ мебошад.

Дар баробари ин, аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ дар ҷойҳо доир ба иҷрои талаботи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати аз байн бурдани мушкилоти ҷойдошта корҳои фаҳмондадиҳӣ ва вохӯриҳо бо шахсони масъули корхонаю муассисаҳои давлатӣ ва шаҳрвандон анҷом дода мешаванд.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва мониторингҳои пай дар пай аз ҷониби гурӯҳи корӣ, корхонаю муассисаҳои давлатӣ бо POS-терминал ё QR-рамзи ягона таъмин гардидаанд.

Бо мақсади вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ ва истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохтӣ, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ташкили аксияҳои бурднок, додани фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ, ба таври ройгон пешниҳод намудани кортҳои пардохтӣ ва дигар

чораҳои ҳавасмандгардонии муштариён татбиқ шуда истодаанд. Чунин тадбирҳо минбаъд низ идома дода мешаванд.

Банди 44 «Таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкӣ, аз ҷумла дар соҳаи низоми қарзӣ ва такмили онҳо»-ро пешбинӣ намудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон барои танзиму назорат ва батанзимдарории фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ масъул буда, дар ҳолати рушд ёфтани муносибатҳои гуногуни миёнаравии молиявӣ, ҷиҳати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи самти мазкур ва кам кардани хавфҳо, ба санадҳои меъёрии амалкунанда тағйиру иловаҳои дахлдор ворид менамояд ва ё онҳоро дар таҳрири нав қабул мекунад. Бинобар он, ки самти қарздиҳӣ дар ҷумҳурӣ то рафт равнақ ёфта, он сол аз сол вобастагии зичро аз технологияҳои иттилоотӣ касб намуда истодааст, зарурати қабул намудани дастурамали нав дар самти қарздиҳӣ ба миён омад.

Дар робита ба ин, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30.12.2022, №157, Дастурамали №255 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02.2023, №1213 ба қайд гирифта шудааст.

Дастурамали зикршуда, бо назардошти таклифу пешниҳодҳои ҳамаи воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC), инчунин ташкилотҳои қарзӣ таҳия гардида, дар он меъёрҳои нави қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти ба амал баровардани муносибатҳои қарздиҳӣ ба назар гирифта шудаанд.

Санади мазкур ғайр аз бонкҳо нисбат ба ташкилотҳои маблағгузории хурд низ татбиқ гардида, тартиби баррасӣ ва пешниҳоди қарз ба муштариёнро тариқи фосилавӣ муайян менамояд ва сатҳи хавфҳои дар ҷараёни пешбурди назорати бонкӣ маълумшударо кам мекунад. Ҳамзамон, ду дастурамали амалкунандаи Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла Дастурамали №186 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» ва Дастурамали №199 «Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз эътибор соқит карда шуда, барои ҳамаи ташкилоти қарзӣ дар самти қарздиҳӣ як дастурамали умумӣ мавриди амал қарор дода шуд.

Ҳамчунин, бо мақсади идоракунии самараноки хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ бо роҳи ташкил намудани низоми идоракунии хавфи қарзӣ Роҳнамо «Дар бораи восита ва усулҳои идоракунии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ» таҳия гардида, аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон санаи 19 ноябри соли 2021 қабул шудааст.

Ғайр аз ин, бо мақсади пурзӯр намудани танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонк миллии Тоҷикистон дар соли 2023 таҳия ва қабул гардиданд, аз ҷумла:

- Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда таҳия гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 06.05.2023, №52 тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.06.2023, №1240 ба қайди давлатӣ гирифта шуд;

- Қоидаҳои низоми пардохтии «ВАТАН» таҳия гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 15.02.2023, №17 тасдиқ карда шуд;

- Тартиби интиқоли фаромарзии маблағҳо ва фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи чунин интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои дахлдор ворид гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 23.08.2023, №86 тасдиқ  ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2023, №9921 ба қайди давлатӣ гирифта шуд;

- ҷиҳати татбиқи лоиҳаи QR-рамзи ягонаи Бонки миллии Тоҷикистон ба Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо тағйиру иловаҳои дахлдор ворид гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 18.03.2022, №30 тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.04.2022, №574 «д» ба қайди давлатӣ гирифта шуд. Лоиҳаи QR-рамзи ягона дар доираи қисми пардохтҳои босуръати Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон татбиқ гардида, шурӯъ аз 01 августи соли 2023 пурра дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ мавриди амал қарор дода шуд.

Кор дар самти таҷдиду такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мунтазам давом дода мешавад.

Дар робита ба таъмини иҷрои банди мазкур аз ҷониби КВД БА «Амонатбонк» лоиҳаи нави Сиёсати қарзии Амонатбонк бо назардошти тағйиру иловаҳо таҳия ва он ба шӯрои нозирон барои тасдиқ пешниҳод карда шудааст.  Тибқи лоиҳаи мазкур Низмономаи қарзӣ, Низомномаи гузаронидани таҳлили молиявӣ-иҷтимоӣ, Низомномаи таъминнокии қарзӣ, Низомномаи мониторинги қарзӣ, Низомномаи Кумитаи қарзӣ, Феҳристи маҳсулотҳои қарзӣ таҳия гардида, барои беҳтар намудани сиёсати қарзӣ заминаи мусоидро фароҳам меоваранд.

Инчунин дар доираи банди мазкур бо мақсади таъмини фаврияти дархостҳои қарзӣ ва рақобат бо ташкилотҳои қарзӣ бо қарори раёсати Бонк аз 330 апрели соли 2024, №24 ба Тартиби пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ ба кормандони КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» як қатор тағйироту иловаҳо низ ворид карда шудааст.

Банди 45 «Баланд бардоштани масъулияти кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ зимни додани қарзҳои бонкӣ ва дар ин замина такмили низомномаҳои қарзӣ»-ро пешбинӣ намудааст (мӯҳлати иҷро солҳои 2021-2023 муайян шуда буд).

Дар робита ба ин, ду дастурамали амалкунандаи Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла Дастурамали №186 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» ва Дастурамали №199 «Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз эътибор соқит карда шуда, барои ҳамаи ташкилоти қарзӣ дар самти қарздиҳӣ як дастурамали умумӣ, яъне Дастурамали №255 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» аз 30 декабри 2022, №157 ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02.2023, №1213 ба қайд гирифта шудааст.

Инчунин тибқи маълумотномаи КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» аз 17 майи соли 2024 дар ҳайати департаменти қарздиҳӣ шуъбаи пешниҳоди қарзҳои хурд ва омодасозии экспертони қарзӣ таъсис дода шудааст, ки яке аз вазифаҳои асосии он гузаронидани дарпсҳои

назариявӣ ва амалӣ бо кормандони самти қарздиҳии филиалҳо маҳсуб меёбад.

Дар банди 46 Нақша, ки муҳлати таъмини иҷрои он солҳои 2021-2023 пешбинӣ шуда буд, ба «Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба баҳодиҳии воқеии арзиши молу мулки багаравгузошташаванда» бахшида шудааст.

Вобаста ба иҷрои банди мазкур қайд намудан лозим аст, ки аз рӯйи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии воқеии арзиши молу мулки багаравгузошташаванда бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 07 августи соли 2020, №1720 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стандартҳои миллии баҳодиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22 октябри соли 2021, №440 ба танзим даровarda шудааст.

Инчунин, Дастурамали №255 дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30.12.с.2022, №157 дар таҳрири нав тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02 соли 2023, №1213 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, мавриди амал қарор гирифт, ки ба танзими муносибатҳо вобаста ба баҳодиҳии воқеии арзиши молу мулки ба гарав гузоштташаванда мусоидат менамояд.

Баҳодиҳии номувофиқи арзиши молу мулки ба гарав гузоштташаванда, ки метавонад дар ҷараёни додани қарз барои ба миён омадани унсурҳои коррупсионӣ сабаб гардад, яке аз мушкилиҳои низоми бонкӣ арзёбӣ мегардад.

Бинобар ин, дар рафти санҷишҳои ҳамаҷонибаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ масъалаи мавҷуд будани механизм, раванд ва ё санадҳои меъёрии дохилӣ вобаста ба баҳодиҳии арзиши молу мулки багаравгузоштташаванда мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ тавсияҳои дахлдор дода мешаванд.

Ҳамзамон тибқи итиллои Маркази миллии Қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва бонкӣ аз 13 июни соли 2023, №39/07 мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст.

Банди 47 «Баланд бардоштани самаранокии кори шӯроҳои ҷамъиятӣ, зинаҳои дигари машваратӣ, аз ҷумла комиссияҳои ҷамъиятӣ»-ро пешбинӣ намудааст, ки мақсади он пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва ба вуҷуд овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия муҳлати иҷрои банди мазкур мунтазам муқаррар гардидааст.

Дар мавриди иҷрои ин банд тибқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо маълум гардид, ки дар заминаи амалишавии Стратегияи болозикр ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳои ҷамъиятӣ доир ба масъалаи пешгирии коррупсия ва тақвият бахшидани дониши ҳуқуқӣ ва маърифатнокии аҳолӣ дар ин самт корбарӣ карда истода, оид ба ташкил ва баргузор кардани чорабиниҳо ҷиҳати муайян намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дарки хавфи оқибатҳои номатлуби он аз ҷониби кормандони мақомоти ҳокимияти

давлатӣ бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ мунтазам вохӯрию суҳбатҳо гузаронида истодаанд.

Рафти иҷрои корҳои таблиғотӣ ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ бо мақсади андешидани чораҳои зарурӣ баҳри истифодаи оқилона ва самараноки замин, бартараф намудани камбудию қонунвайронкуниҳо дар ин самт, пешгирии қабули қарорҳои ғайриқонунӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии мутобиқсозию методӣ оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар назди роҳбарияти МИҲД вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, инчунин маҷлисҳои ҷамъбастҳои натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар онҳо натиҷагирӣ карда шуда, дар ин самт дастуру супоришҳои мушаххас дода мешавад.

Дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҳудуди ҷумҳурӣ ҷиҳати пешгирии амалҳои хусусияти коррупсионидошта кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ, филиалҳои иттифоқҳои ҷавонон, кӯҳансолон ва ҷанговарони Тоҷикистон, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ корбарӣ карда истода, ҷиҳати паст кардани шиддати коррупсия ва ташвиқу таблиғи он дар байни ҷомеа дар асоси нақшаҳои кории комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроия ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо чорабиниҳои муштарак, мулоқоту вохӯриҳо бо аҳолӣ ва кормандони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёту иҷтимоиёт, семинару конфронсҳо, мизҳои мудаввар ва ҳамоишҳо бо ҷалби воситаҳои ахбори омма гузаронида шуда, дар ин самт аз ҷониби масъулин тадбирҳои зарурӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ шӯроҳои дигари назди Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, комиссияҳои ҷамъиятӣ ва комиссияҳои доимоамалкунандаи зерин дар соҳаҳои гуногуни сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ташкил карда шудаанд, аз ҷумла:

- Шӯро оид ҳамоҳангсозӣ ва рушди ҳунармандӣ дар назди МИҲД;
- Шӯрои кор бо ҷавонони назди Раис;
- комиссияи манзили назди МИҲД;
- комиссияи хусусигардонии фонди манзили давлатии назди МИҲД;
- комиссияи тендер (озмун) оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ;
- комиссияи қабули иншооти сохтмонаш анҷомёфта;
- комиссия оид ба интихоби қитъаи замин;
- комиссияи ҷамъияти оид ба тақсимоти қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд;
- комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак;
- комиссия оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- комиссияи озмун оид ба ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии МИҲД;
- комиссия оид ба амалигардонии қонунгузории забон;
- комиссияи назди МИҲД оид ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ;
- комиссияи ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим;
- комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании;
- комиссияи ҳудудии муқовимат ба савдои одамон дар назди МИҲД;
- комиссияи номгузорӣ дар назди МИҲД.

Ба ғайр аз комиссияҳои дар боло зикргардида боз дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои амали муайян ва баррасии мурочиатҳо комиссияҳои муваққатӣ ва гурӯҳҳои корӣ ташкил карда мешаванд.

Шӯроҳои назди раис ва МИҲД, комиссияҳои доимоамалкунанда, муваққатӣ ва гурӯҳҳои корӣ дар доираи қонунгузорӣ ва низомномаҳои дахлдор фаъолияти худро ба роҳ мондаанд. Ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо аз ҷониби шуъбаю бахшҳои дастгоҳи раисони вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо, инчунин воҳидҳои сохтории он (котибон) амалӣ карда мешаванд.

Баҳри беҳтар намудани фаъолияти комиссияҳо аз ҷониби раис ва котиб, бахусус Комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди МИҲД бо ҷамъбасти ҳар семоҳа ва ё шашмоҳа дар миёни ҳайат ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва роҳ надодан ба омилҳои коррупсионӣ чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад.

Дар навбати худ аз ҷониби комиссияҳои ҷамъиятӣ бо чорабиниҳои таблиғотию ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ ба роҳ монда шуда, баҳри пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва ба вуҷуд овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия саҳми назаррас мегузоранд.

Чунончи, аз ҷониби комиссияҳои ҷамъиятии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе соли 2024 бо ҷалби зиёда аз 3500 сокинони ҳудуди шаҳр бо истифода аз усул ва тарзҳои гуногун мулоқоту вохӯрӣ гузаронида шудааст, ки он барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон заминаи мусоидро фароҳам овардааст.

Дар банди 48-и Нақша, ки муҳлати иҷрои он мунтазам аст, масъалаи «Амалӣ намудани тарғиби ҳатмии оммавии зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, матбуоти даврӣ ва шабакаи интернет пешбинӣ шудааст.

Тибқи талаботи банди мазкур Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми масъул, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати фарҳанг, Хадамоти алоқа, ширкатҳои мобилӣ, вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои дигар ба ҳайси ҳамиҷрочӣ пешбинӣ карда шудаанд.

Дар робита ба таъмини иҷрои ин чорабиниҳо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2024 силсилаи хабару гузориш ва барномаву мизҳои мудавварро бо мақсади тарғибу ташвиқи оммавии зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, матбуоти даврӣ ва шабакаи интернет таҳия ва пахш намудааст.

Ҳамчунин, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини иҷрои бандҳои мазкур мунтазам тадбирҳо андешида, дар нимсолаи якуми соли 2024 дар ҳамкорӣ бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 6383753 муштариёни ширкатҳои мобилии «ZET-mobile», «Вавилон-М», «Мегафон» ва «Tcell» бо матни «Агар бо ҳолатҳои коррупсионӣ рӯ ба рӯ шудед, бо телефонҳои 224-23-23, 880-00-63-77 ё почтаи info@anticorruption.tj ба мақомоти Агентӣ муроҷиат намоед.» паёмак ирсол намудааст.

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои банди мазкур тавассути шабакаҳои телевизионию радиоии кишвар барномаву гуфтор, суҳбату мизи гирд, хабару гузориш ва роликҳои тарғиботиро мунтазам таҳия ва пахш менамоянд.

«Телевизиони Тоҷикистон» тариқи нашрҳои иттилоотӣ хабару гузориш аз ҷумла, гузоришҳо аз ҷараёни вохӯрии Агентии назорати

молиявӣ ва мубориза бо корупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо донишҷӯёну омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар, кормандони вазорату идораҳо (бахусус хизматчиёни давлатӣ), ташкилоту муассисаҳо, табақаҳои гуногуни ҷомеа ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия ва пахш карда шуд.

Ҳамчунин, бо ҷалби мутахассисон ва намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, хусусан Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи барномаҳои ҳуқуқии «Телевизиони Тоҷикистон» аз ҷумла «Маърифати ҳуқуқӣ» ва «Инсон ва қонун», Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» барномаҳои «Инсон ва ҳуқуқ» ва «Давр», Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - «Баҳористон», Муассисаи давлатии телевизиони «Илм ва табиат» барномаи «Дар мавзӯи рӯз», «Татбиқ», «Ҷозиба» , Идораи телевизион ва радиои «Бадахшон» барномаҳои «Иқтисод ва замон», «Инсон ва қонун» ва «Таҳлил», идораи телевизион ва радиои вилояти Суғд, барномаҳои телевизионии «Маърифати ҳуқуқӣ», «Суҳбати рӯз», «Дар мавзӯи рӯз», «Милитсия хабар медиҳад», «Гуфтугӯи мустақим» Телевизиони Кӯлоб барномаҳои «Масъулият», «Ҳадаф», «Рисолат» ва Радиои Тоҷикистон барномаҳои «Фурсати баён», «Суҳбати рӯз», «Ҳадаф», «Қонун - ҳомии ҷомеа», «Марворид» ва «Суҳбат дар мавзуи рӯз» таҳия ва пахш гардида, дар онҳо вобаста ба мавзӯъҳои «Вазъи содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ» камбудиҳои молиявии ошкоршуда, ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, сабабу шароитҳои ба амал омадани ҷиноятҳои коррупсионӣ, мурочиати шаҳрвандон, татбиқи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», инчунин доир ба дигар масъалаҳои мубрам ва рӯзмарра ба бинандагон маълумоти зарурӣ дода шудааст.

Ҳамзамон дар нимсолаи аввали соли 2024 дар рӯзномаи «Фарҳанги Тоҷикистон» №11-12 (668) аз 23.04.2024 мақолаи «Муқовимат бо коррупсия амали дастаҷамъист», дар маҷаллаи «Тоҷикистон №5-6 (1205) дар соли 2024 мақолаи «Мубориза бо коррупсия кори ҳамагонист» ва ҳамчунин ҳамин гуна мақолаҳо дар матбуоти даврии хусусӣ ва давлатии ҷумҳурӣ аз ҷумла, дар рӯзномаи «Тоҷикистон» №24 (1587) дар соли 2024 мақолаи «Мансабдорони порахӯр» рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» мақолаи «Муқовимат бо коррупсия - амали дастаҷамъона» ба нашр расиданд, ки ҷомеаи шаҳрвандиро барои даст кашидан аз порагирию порадиҳӣ огоҳ менамоянд.

Дар муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг дар байни хонандагон ва донишҷӯён, аз ҷумла дар Муассисаи давлатии «Коллеҷи ҷумҳуриявии хореографии ба номи М. Собирова» озмуни расми беҳтарин дар мавзӯъҳои «Нест бод коррупсия !», «Мо зидди коррупсия !», «Ҷаҳон бе амалҳои коррупсионӣ», дар муассисаи давлатии «Коллеҷи ҷумҳуриявии рассоми ба номи М. Олимов» байни донишҷӯён озмуни навиштани иншои беҳтарин дар мавзӯҳои «Ними нон, роҳати ҷон», «Оқибатҳои порахӯрӣ-беобрӯгист», «Ришвахурӣ-вабои аср», «Нафси бад-балои ҷон», «Тамаъкорӣ набвад нишони хирад» ва дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагонаи ба номи М. Миршакар» намоиши доимамалкунандаи китобӣ таҳти унвони «Коррупсия вабои аср» ташкил баргузор карда шуд.

Ҳамчунин, дар театру намоишгоҳҳои шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Турсунзода ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ зери унвони «Коррупсия ва оқибатҳои бади он», «Ришва - сабаби беобурӯгӣ», «Коррупсия ва сарнавишти миллат» намоиш доир гардида ки тавассути он оқибати номатлуби амалҳои коррупсионӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ расонида шуд.

Маврид ба зикр аст, ки пешгирии коррупсия як аз чораҳои таъсирноку самарабахши муқовимат ба коррупсия маҳсуб ёфта, он бо роҳҳои тарғибу ташвиқ, таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ, таҳлили хавфҳои коррупсионӣ, мониторинги зиддикоррупсионӣ, экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, чораҳои назорати давлатии молиявӣ, талаботи махсус нисбати довталабони вазифаҳои давлатӣ ва шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, мамониат барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашуда ва истифодаи таҷрибаи давлатҳои муваффақ дар асоси ҳамкориҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад.

Бо ин мақсад соли 2024 аз ҷониби кормандони Агентӣ дар вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, хусусан маҳалҳои дурдасти аҳолинишин ва дигар ташкилоту муассисаҳо бо қишрҳои гуногуни ҷомеа дар маҷмӯъ 1053 сӯҳбату вохӯриҳо, аз ҷумла 232 маротиба дар вазорату кумитаҳо ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, 140 маротиба дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, 272 маротиба дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва 409 маротиба дар дигар корхонаву ташкилотҳо анҷом додаанд.

Илова бар ин, бо ташаббуси Агентӣ доир ба мавзӯъҳои зиддикоррупсионӣ 50 мизи мудаввар, 70 семинар ва 20 конфронс баргузор гардида, кормандони мақомот дар 216 чорабиниҳои доирнамудаи дигар ниҳодҳои давлатӣ ва созмону ташкилотҳои байналмилалӣ иштирок ва бо маърӯзаҳо баромад намудаанд.

Бо мақсади иттилоотонӣ аз оқибатҳои зараровари коррупсия ва ҷалби ҳарчӣ бештари шаҳрвандон дар раванди муқовимат ба ин зуҳурот 69 намуд шиору овеза бо нишон додани суроға, рақамҳои телефонӣ ва почтаи электронии Агентӣ, 31 намуд буклет ва ёддошт бо теъдоди 10590 адад ва дар рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ 55 мақолаи зиддикоррупсионӣ таҳия ва нашр гардида, ба самъи ҷомеаи шаҳрвандӣ расонида шуд.

Ҳамчун чораҳои пешгирикунанда кормандони Агентӣ оид ба оқибатҳои зараровари коррупсия 22 видеоролики иҷтимоӣ таҳия ва манзури аҳолӣ гардонида, вобаста ба фаъолияти хизматӣ дар радио ва телевизион 92 ахбороти кӯтоҳ ва дар 52 барномаи телевизионӣ доир ба масоили муқовимат ба коррупсия мусоҳибаҳо анҷом додаанд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023 «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» ба масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии кормандони соҳаҳои аз нигоҳи коррупсия осебпазир ва қишрҳои гуногуни ҷомеа диққати махсус зоҳир карда шуда, дар ин самт бо ташаббуси кормандони Агентӣ панҷ конфронси сатҳи ҷумҳуриявӣ ташкил ва баргузор гардид.

Аз ҷумла, 5 марти соли 2024 дар толори маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино конфронси

ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Нақши соҳаи маориф ва илм дар ташаккули маърифати ҳуқуқӣ - зиддикоррупсионии аҳолӣ» доир гардид.

Дар чорабинӣ роҳбарият ва масъулини Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилотии кишвар иштирок намуда, фикру мулоҳизаҳои худро доир ба мавзӯъ баён карданд.

Ҳамзамон 30 августи соли 2024 бо ташаббуси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон дар толори маҷлисгоҳи Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Маърифати ҳуқуқии кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ - омили муҳими муқовимат ба коррупсия» доир гардид.

Дар чорабинӣ роҳбарият ва масъулини Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин тамоми ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ иштирок карда, оид ба мавзуъҳои мубрам баёни андеша намуданд.

Дар идомаи амалисозии сиёсати Ҳукумати мамлакат вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бо мақсади дар сатҳи дахлдор таҷлил кардани ҷашни 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24 октябри соли 2024 дар бинои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи А.Сино Конференсияи ҷумҳуриявиро дар мавзуи «Конститутсия – бахтномаи миллат, калиди маърифат ва ташаккули фазои зиддикоррупсионии ҷомеа» доир карда шуд.

Дар чорабинӣ Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Зариф Ализода, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Султонзода Сулаймон Саид, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - Саидзода Раҳим Ҳамро, Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло, Президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, инчунин масъулини ниҳодҳои болозикр, ректорону директорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, олимону устодон ва донишҷӯёни ин муассисаҳо ширкат варзиданд, ки теъдоди умумии иштирокчиёни чорабинӣ 1600 нафарро ташкил дод.

Мақсад аз баргузории Конференсия ин пеш аз ҳама нишон додани нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон хусусан дар руҳияи волоияти қонун тарбия намудани ҷавонон ва ташаккули фазои зиддикоррупсионӣ дар ҷомеа арзёбӣ мегардад.

Ғайр аз ин, дар ҳошияи таҷлили «Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия» бо ташаббуси Агентӣ 9 декабри соли 2024 дар Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим

Улуғзода ва Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ» бо иштироки донишҷӯён ҳамоишҳо доир гардиданд.

Ҳадаф аз баргузории ҳамоишҳои зикршуда таҳлили нақши занон ва ҷавонон дар муқовимат ба коррупсия, таҳкими мавқеи онҳо дар ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ роҷеъ ба ин мушкилот маҳсуб ёфта, дар доираи он муколамаи самимӣ бо таклифу тавсияҳои ҷолиб баргузор гардид.

Ҳамоишҳо муҳокимаи фаъол ва муфассали мавзуъҳои марбут ба нақши ҷавонон дар роҳи муқовимат ба коррупсияро миёни иштирокчиён ба вуҷуд оварда, бо пешниҳоди роҳҳои амалӣ барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таъмини поквиҷдонӣ ва ҷалби бештари ҷавонон дар раванди муқовимат ба коррупсия ба анҷом расиданд.

Банди 49-и Нақша «Рушди муназзами сомонаҳои расмӣ ва интишори маълумот оид ба пешгирии коррупсия бо мақсади тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия»-ро, ки муҳлати амали ин чорабинӣ мунтазам аст, пешбинӣ намудааст.

Бо мақсади иҷрои банди мазкур сомонаҳои вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» фаъол мебошанд, вале на ҳамаи ниҳодҳои давлатӣ дар сомонаҳои худ вобаста ба мавзӯҳои зиддикоррупсионӣ хабару маълумот ва дигар чорабиниҳои таблиғотию ташвиқотиро нашр менамоянд.

Аз ҷумла, соли 2024 бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкории мутақобила бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тақвияти ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба бо созмону ташкилотҳо фаъолияти сомонаи расмии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам тақвият ёфта, дар он 366 хабару иттилоот, натиҷаҳои хизматии мақомот, хусусан вобаста ба ошкори ҷиноятҳои коррупсионии мавриди таваҷҷуҳи ҷомеа қарордошта, натиҷаи тафтишу санҷишҳои молиявӣ, инчунин маълумотҳои таблиғотию ташвиқотӣ нашр карда шуданд. Инчунин, фаъолияти сомонаи Агентӣ дар баробари забони давлатӣ бо забони русӣ ба роҳ монда шудааст.

Тибқи маълумотномаҳои пешниҳодшуда дар тамоми вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ сомонаҳои расмӣ фаъол буда, дар он ҳамарӯза хабару гузоришҳо таҳия ва манзури аҳолӣ гардонида мешааванд. Вале таҳлилҳо собит намуданд, фаъолияти муназзами сомнаҳои расмиро на ҳамаи ниҳодҳои давлатӣ ба тариқи дахлдор таъмин менамоянд. Аз ҷумла, хабару гузоришҳо давоми якчанд моҳ як маротиба таҳия гардида, дар сомона нашр карда шудаанд, ки барои таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ин раванд дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ва судҳои шаҳру ноҳияҳои бештар мушоҳида гардид.

Банди 50 Нақша «Таҳия ва мавриди амал қарор додани замимаҳои мобилӣ ҷиҳати муқовимат ба коррупсия»-ро пешбинӣ намуда, ҳадафи асосии он пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва ба вуҷуд овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия мебошад (муҳлати иҷро то солҳои 2021-2022 пешбинӣ шуда буд).

Вобаста ба иҷрои чорабинии мазкур Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иҷрокунандаи асосӣ, ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва ба вуҷуд овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия бо ба инобат гирифтани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет» сомонаи расмии мақомот бо тарҳи нав ва шакли мобилӣ таҳия гардида, мавриди истифода қарор дода шудааст.

Айни ҳол замимаи мобилии сомона дар барномаҳои PlayMarket ва AppStore насб гардида, тамоми истифодабарандагони шабакаҳои интеренетӣ метавонанд онро боркашӣ намуда, аз навгонӣ ва руйдодҳо дар Агентӣ хабардор шаванд.

Фасли 4 Нақшаи Стратегия, ки панҷ банд, яъне бандҳои 51 - 55-ро дарбар мегирад, ба мукаммалгардонӣ ва ислоҳоти низоми идоракунии назорати давлатии молиявӣ бахшида шудааст, аз ҷумла:

Банди 51 Нақша «Таҷдиди назар кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти идораи молияи давлатӣ бо мақсади таҳти низоми ягонаи назорати давлатӣ ба зиммаи мақомоти ваколатдор вогузор кардани маҷмӯи функсияҳои назоратию санҷишии воҳидҳои аудитӣ»-ро (мӯҳлати иҷро то соли 2025) пешбинӣ кардааст.

Бо мақсади иҷрои банди мазкур дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри мавриди омӯзиш қарор додани қонунгузории самти молияи давлатӣ ва омода кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт Гурӯҳи корӣ ташкил карда шуда, ҷиҳати ба зиммаи мақомоти ваколатдор таҳти низоми ягонаи давлатӣ вогузор кардани маҷмӯи функсияҳои назоратию санҷишии воҳидҳои аудитӣ омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба роҳ мондааст.

Ҳамзамон, баҳри дар таҳрири нав таҳия намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси фармоиши директори Агентӣ аз 19 майи соли 2023, №30 аз ҳисоби мутахассисони ботаҷриба аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутахассисони воҳидҳои самти назорати давлатии молиявии Агентӣ гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шудааст.

Бо мақсади мавриди омӯзиш қарор додани қонунгузории самти молияи давлатӣ ва омода кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт дар вазорат санаи 18 июли соли 2023 ҷаласаи кории байниидоравӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор баргузор гардида, зимни он масъалаи таҳти низоми ягонаи давлатӣ ба зиммаи мақомоти ваколатдор вогузор кардани маҷмӯи функсияҳои назоратию санҷишии воҳидҳои аудитӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Ҳамзамон, дар ҳошияи амалигардонии Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030 ҷиҳати такмили самти аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ, айни замон бо ҷалби мушовирони байналмилалӣ корҳо дар самти қабули стандартҳои миллӣ дар заминаи

стандартҳои байналмилалии соҳа ва такмили тартиби сертификатсияи аудиторони дохилӣ идома дошта, инчунин татбиқи як қатор чорабиниҳои дигар дар назар дошта шудааст.

Айни замон дар доираи талаботи банди мазкур лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ» дар таҳрири нав мавриди таҳия қарор дода шуда, он барои мувофиқа унвонии вазорату идораҳои давлатӣ ирсол карда мешавад.

Банди 52 Нақша масъалаи «Андешидани чораҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ва дар ин замина таъмини шаффофият дар раванди иҷрои он»-ро пешбинӣ намудааст, ки масъули татбиқ вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар новобаста аз шакли моликият мебошанд ва муҳлати иҷро мунтазам муайян карда шудааст.

Тибқи маълумотномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини истифодаи самарабахшу мақсадноки маблағҳои буҷетӣ таҳти назорати қатъии доимӣ қарор дошта, дар соли ҷорӣ маблағгузории хароҷоти буҷети давлатӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» дар доираи маблағҳои дар сметаи хароҷотии ташкилотҳои буҷетӣ тасдиқшуда бо назардошти иҷрои воқеии қисми даромади буҷет амалӣ карда шудааст. Дар баробари ин, дар мадди аввал маблағгузории моддаҳои ҳимояшавандаи буҷетӣ, соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, маблағгузориҳои иншоотҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ, ҷудо намудани субвенсия ба буҷетҳои сатҳи поёнӣ ва хизматрасонии қарзи беруна, инчунин аъзоҳаққии ҷумҳурӣ дар созмонҳои байналмилалии молиявӣ таъмин карда шудааст.

Ҳамчунин, бо мақсади пешгирии хароҷоти ғайриқонунии маблағҳо, вайронкунии интизоми молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳо, пешгирии коррупсия дар соҳаи молия ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки пешгирии коррупсия ба шумор рафта, айни ҳол низоми пардохтҳои электронӣ дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷорӣ карда шуда, ин низом марҳила ба марҳила густариш ёфта истодааст. Инчунин, алоқаи электронӣ байни сарраёсати хазинадории марказӣ ва мақомотҳои маҳаллии он низ, амалӣ карда шудааст.

Вобаста ба ин, низоми нави банақшагирӣ ва иҷроиши буҷети давлатӣ ба воситаи барномаи нави иттилоотӣ (TFMIS SGB.net) ҷорӣ карда шуда, дар барномаи мазкур баҳисобгирии муҳосибӣ ба воситаи нақшаи ягонаи ҳисобҳо дар низоми хазинадорӣ ба қайд гирифта мешаванд ва чорабиниҳои мазкур имконият медиҳанд, ки ҳама гуна хароҷоти бесамар ва амалҳои номатлуб пешгирӣ карда шаванд.

Мақсадҳои асосии амалӣ намудани чорабиниҳои мазкур, ин таъмин намудани интизоми молиявӣ, мустаҳкам намудани тавоноии пардохтпазирии хазинавӣ ва саривақт маблағгузорӣ намудани хароҷоти ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ мебошад, то ин ки ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ тавонанд уҳдадориҳои худро сари вақт, бо сифат ва мақсаднок иҷро намоянд.

Дар асоси банди 1 қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №553 «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021» тамоми ташкилоту муасисаҳои буҷетӣ вазифадор карда шудаанд, ки ҷиҳати пардохти музди меҳнати кормандони мақомоти давлатӣ ва муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ бо кортҳои электронӣ тавассути КВД «Амонатбонк» ва дигар бонкҳои эътимотноки ҷумҳурӣ чораҷӯӣ намоянд.

Айни замон маблағгузории музди меҳнат, нафақа ва дигар таъминоти пулии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо кортҳои электронӣ тавассути КВД БД «Амонатбонк» ва дигар бонкҳои ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамчунин, ҳангоми баррасии дархостҳои буҷетии гирандагони маблағҳои буҷетӣ, раёсатҳои соҳавии Вазорати молия амалиётҳои зерин аз қабили таҳлили мувофиқатии дархостҳо ба нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар ҳисобҳо истифода бурдани нархҳои амалкунанда бо истифода аз меъёри таваррум, музди меҳнат, меъёрҳои нархномаҳои моддӣ ва хароҷоти пулӣ ҳангоми таҳияи сметаҳои хароҷотӣ ба меъёрҳои тасдиқгардида, стандартҳои амалкунандаи соҳаи дахлдорро иҷро менамоянд.

Яке аз вазифаҳои асосии низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» инъикос гардидааст, ин шаффофияти буҷет мебошад.

Барои ноил гардидан ба ин мақсад Вазорат бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо дар доираи лоиҳаи «Дастгирии самтҳои алоҳидаи идоракунии молияи давлатӣ» сомонаи расмии худро бо риояи талаботи «Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 тасдиқ шудааст, пурра аз нав таҳрезӣ гардида, дар суроғаи электронии www.moliya.tj ҷойгир намудааст. Дар сомона бо мақсади дастрасии аҳли ҷомеа ба иттилооти буҷетӣ, тамоми маълумот оид ба раванди таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ ва иҷрои он аз рӯи семоҳаҳо ба истисноии маълумоти дорои сирри давлатӣ ҷойгир карда мешаванд.

Дар ин робита, бо мақсади танзими масъалаи мазкур бо фармоиши Вазорати молия аз 30 сентябри соли 2020, №108 «Дастури методӣ оид ба таъмини шаффофият ва дастрасии ҷомеа ба иттилооти раванди буҷетӣ ва рӯйхати маълумоти дар сомонаи интернетии Вазорати молия ҷойгиршаванда» тасдиқ карда шуда, дар он номгӯи маълумот ва мӯҳлати нашр муайян гардидааст.

Ҳамзамон, бо мақсади баланд бардоштани шаффофият ва таъмини дастрасии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумотҳои буҷетӣ бо фармоиши Вазорат аз 29 сентябри соли 2020, №106 Дастурҳои методӣ «Оид ба таҳияи шарҳи иҷрои нимсолаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба таҳия ва ҷойгиркунии буҷети шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудаанд.

Дар ин робита, буҷети шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 омода гардида, дар сомонаи расмӣ (www.moliya.tj) ҷойгир карда шудааст.

Буҷети шаҳрвандӣ шарҳи мухтасари буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки сатҳи огоҳии шаҳрвандонро дар бораи самтҳои фаъолияти Ҳукумати ҷумҳурӣ дар соли молиявии нақшавӣ баланд мебардорад. Дар он сарчашмаҳои даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои хароҷоти он ба таври мухтасар дарҷ карда мешаванд. Ҳуҷҷати мазкур ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар бораи буҷети давлатӣ маълумоти бештар пайдо кунанд.

Новобаста аз тадбирҳои андешида то ҳол камбудиву норасоиҳои назаррас дар фаъолияти вазорату идораҳои дида мешавад.

Аз ҷумла, соли 2024 аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст дар маҷмуъ 484 тафтишҳои маҷмӯӣ, тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагидорию сметаи хароҷотӣ ва санҷишҳои алоҳида гузаронида шуда, ба маблағи 425,7 млн. сомонӣ зарари молиявӣ ошкор гардидааст.

Дар маҷмӯъ, ҳаҷми маблағҳои барқароршуда бо натиҷаи тафтишу санҷишҳои молиявӣ 411,9 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 296,1 млн. сомонӣ ва ба корхонаву ташкилотҳо 115,8 млн. сомонӣ рост меояд.

Бинобар ин аз роҳбарияти вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ тақозо мегардад, ки фаъолиятро дар самти болозикр ба таври дуруст ба роҳ монда, ҷиҳати пешгирии тасарруфи маблағҳои буҷетӣ тамоми тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намоянд.

Дар бандҳои 53, 54 ва 55 Нақша масъалаи «Марҳила ба марҳила мукаммал гардонидани шаклу усулҳои гузаронидани чорабиниҳои назорати давлатии молиявӣ бо ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои муваффақ дар ин самт, ба нашр расонидани натиҷаи тафтишу санҷишҳои молиявӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ва сомонаҳои интернетӣ, пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаи назорати давлатии молиявӣ» пешбинӣ гардидаанд, ки дар онҳо иҷрокунандаи асосӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳо дахлдор ба ҳайси ҳамиҷрокунанда муқаррар гардидаанд ва муҳлати иҷрои ин бандҳо низ ба таври мунтазам муқаррар гардидааст.

Дар иртиботи иҷрои бандҳои болозикр мутахассисони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи пешқадами мақомотҳои назорати давлатии молиявии давлатҳои муваффақро мунтазам мавриди омӯзиш қарор дода истодаанд. Ҳамзамон, мақомоти Агентӣ аз натиҷаи тафтишу санҷишҳои молиявии анҷомдодашуда давра ба давра тавассути сомонаи интернетии худ, хабару маълумотҳоро ҷойгир менамояд, ки чунин тадбир ҷиҳати пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаи назорати давлатии молиявӣ мусоидат менамояд.

Боиси қайд аст, ки 30 августи соли 2024 бо ташаббуси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон дар толори маҷлисгоҳи Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» Конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Маърифати ҳуқуқии кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ - омили муҳими муқовимат ба коррупсия» доир гардид.

Дар чорабинӣ роҳбарият ва масъулини Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин тамоми ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ иштирок карда, оид ба мавзуъҳои мубрам баёни андеша намуданд.

Чорабинии мазкур дар партави «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 ҷараён гирифта, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ - зиддикоррупсионии кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ ҳадафи асосии баргузории он буда, интизор меравад, ки барои боз ҳам муттаҳид намудани иродаву амалҳо дар роҳи пешгирии содиршавии кирдорҳои коррупсионӣ дар ин соҳаҳои ба иқтисодиёти мамлакат басо муҳим, мусоидат хоҳад кард.

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳо бо Шурои машваратӣ оид ба фаъолияти аудитории бонкҳои марказии (миллии) АврОсиё, департаменти аудити дохилии бонк бо сохторҳои назоратии бонкҳои марказии аъзои Шурои мазкур мунтазам мубодилаи таҷриба намуда, ҳамзамон дар видео-конференсияҳои фосилавӣ аз рӯи мавзуъҳои гуногуни соҳавӣ ширкат варзиданд ва санадҳои меъёрии ба талаботи замон ҷавобгӯйиро таҳия намуда, дар фаъолияти худ таҷрибаи пешқадам ва усулҳои муосири кориро ҷорӣ намуда истодаанд.

Ҳамчунин, дар доираи кӯмаки техникии ширкати Корпуси волонтёрони хизматрасонии молиявӣ (ИМА) коршиносони байналмилалӣ ҷалб карда шуда, кор дар самти аз санҷиши аудитории сохторӣ ба аудит аз рӯи равандҳои корӣ (бизнес-равандҳо) гузаштани аудити дохилӣ идома дорад. Ин усули чорабиниҳои назоратӣ дар тамоми бонкҳои марказии кишварҳои пешқадам ҷорӣ карда шуда, имкон медиҳад, ки тамоми соҳаҳои фаъолияти бонки марказӣ бо аудиту назорати доимӣ фаро гирифта шаванд.

Ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 73 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» оид ба пешниҳод ва нашри ҳисобот, Бонки миллии Тоҷикистон баъди анҷоми ҳар соли молиявӣ ҳисоботи солонаи худро бо хулосаи аудиторӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, сипас дар воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла сомонаи Бонки миллӣ нашр мекунад. Ҳисоботи молиявии маҷмуии аудитшудаи Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои қаблӣ дар сомонаи бонк интишор гардида, дастраси умум мебошанд.

Ҳамзамон, бо мақсади таъмини шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ, инчунин бо назардошти талаботи қонунгузорӣ, ҳисоботи молиявии солонаи онҳо ба санҷиши аудиторӣ фаро гирифта шуда, баъд аз соли ҳисоботӣ якҷоя бо хулосаи аудиторӣ дар сомонаи расмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ ҷойгир ё дар воситаҳои ахбори омма нашр карда мешаванд.

Кормандони Агентӣ ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаи баҳисобгирии молиявии вазорату идораҳо пайваста чорабиниҳои таблиғотию ташвиқотӣ баргузор намуда, мазмуну моҳияти

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва оқибатҳои ногувори ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсиониро дар ин самт фаҳмонида медиҳанд.

Чунончи 26 декабри соли 2023 дар ҳамкорӣ бо намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон конфренсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Муқовимат ба коррупсия кафили рушди соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ» бо иштироки вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони директори Агентӣ, муовини якум ва муовинони вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Агентӣ ва роҳбарони минтақавии Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳо, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, сардорони хадамотҳои назоратии давлатии вазорат ва директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сардорон ва сармуҳосибони раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, сардорони марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, роҳбарон ва сармуҳосибони муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, роҳбарон ва сармуҳосибони муассисаҳои тиббии шаҳри Душанбе ташкил ва баргузор карда шуд.

Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани мафкураи зиддикоррупсионии кормандони соҳаи аудити дохилӣ курси такмили ихтисос аз рӯи барномаи «Сиёсати давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, бо натиҷаи он иштирокчиён гувоҳнома дода шудааст.

Фасли 5 Нақшаи Стратегия, муқовимат ба коррупсияро тавассути татбиқи чораҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ ташкил медиҳад. Дар Нақша вобаста ба самти болозикр 8 намуд чорабинӣ пешбинӣ карда шудааст, ки онҳо дар бандҳои 56-63 муқаррар карда шудаанд.

Банди 56 Нақша масъалаи «Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба коррупсия, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ ва ҷавобгарӣ барои кирдорҳои коррупсионӣ»-ро пешбинӣ намудааст, ки муҳлати иҷрои он то соли 2025 муқаррар гардидааст.

Вобаста ба амалӣ гардонидани талаботи банди мазкур ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии кишвар дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиш аз 16 ноябри соли 2023, №52 гурӯҳи кории байниидоравӣ ва бо фармоиш аз 26 ноябри соли 2023, №57 гурӯҳи кории дохилиидоравӣ таъсис дода шудааст, ки фаъолияти онҳо дар ин самт идома дорад.

Дар банди 57 Нақша, ки муҳлати иҷрои ин мунтазам аст, «Мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдароварандаи соҳаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ» пешбинӣ карда шудааст. Масъули иҷрои банди мазкур Бонки миллӣ буда, Вазорати адлия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Маркази миллии қонунгузорӣ, БДА ҶТ «Амонатбонк» ва ташкилотҳо қарзӣ ҳамиҷрокунанда мебошанд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои банди мазкур дар Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади танзиму назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ҷиҳати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботҳои Кумитаи Базелӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ вобаста ба кифоятии сармоя ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ пайваста кор бурда шуда, чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Дар самти мазкур дар доираи кӯмакҳои техникии пешниҳоднамудаи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҷдиди назар ва такмил қарор дода шуданд.

Бо мақсади ташкили низоми самарабахши идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ Дастурамали №240 «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ» таҳия ва тасдиқ шуд, ки ҳуҷҷати мазкур талаботи ҳадди ақалро барои ташкили фаъолияти низоми идоракунии хавфи амалиётӣ, усулҳои идоракунӣ ва назорати фаъолияти низоми мазкурро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ муайян менамояд.

Дар баробари ин, бо ҳадафи ташкили низоми самарабахши идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ Дастурамали №247 «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ» бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз санаи 19 ноябри соли 2021, №168 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12 соли 2021, №1111 ба қайд гирифта шудааст.

Мавриди зикр аст, ки бинобар самти нави фаъолият будани танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ, айни замон, Бонки миллӣ мунтазам бо таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, инчунин такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи самти мазкур дар заминаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ машғул мебошад.

Ҳамчунин, ҷиҳати мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдаровандаи соҳаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ба ин васила таҳким бахшидани низоми миллии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар давраи нимсолаи якуми соли ҷорӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби гузарондани чорабиниҳо оид ба ғайрифаъолгардонӣ ва фаъол гардондани воситаҳои молиявӣ ё молу мулки дигари шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд» ва лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешбурди маълумоти оморӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва шакли ҳисоботдиҳии он» таҳия гардида, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст, ки айни замон лоиҳаи мазкур дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Департаменти мониторинги молиявӣ ҳамчун мақоми ваколатдор хабарҳо дар бораи амалиёту аҳди шубҳанок, иттилоот дар бораи амалиёти ҳатман назоратшаванда, инчунин иттилоот оид ба амалиёту аҳд ва молу мулки (воситаҳои) боздоштшуда, ғайрифаъолгардондашуда ва фаъолгардондашудаеро, ки субъектҳои ҳисоботдиҳанда, алалхусус

ташкилотҳои қарзии молиявӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ирсол менамоянд, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва таҳлил намуда, аз натиҷа пешбурди маълумоти омориро анҷом медиҳад;

- лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» дар таҳрири нав таҳия гардида, барои баррасӣ ба вазорату идораҳои марбута ирсол карда шуд (мактуби БМТ №27.3-259/1281 аз 02 апрели соли 2024). Айни замон лоиҳаи мазкур дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад;

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, №443 «Дар бораи таъсиси Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» таҳия гардида, бо назардошти пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдор такмил дода шуд ва ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Лоиҳаи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2024, №186 тасдиқ гардид.

Дар робита ба таҷдиди назар ва мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдаровarандаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ пайваста кор бурда шуда, қонунҳо ва қарорҳои зерини таҳиянамудаи Бонки миллии Тоҷикистон қабул гардиданд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- Қонуни Ҷумҳурии «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ».

Инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи зерини Бонки миллии Тоҷикистон дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шуда, мавриди амал қарор гирифтанд, аз ҷумла қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон:

- «Дар бораи Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ»;

- «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22.04.с.2014, №69»;

- «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 03 июли соли 2006, №229»;

- «Дар бораи Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда»;

- «Дар бораи аз эътибор соқит донистани қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2007, №52»;

- «Дар бораи Талабот оид ба таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ»;

- «Оид ба Дастурамали №257 дар бораи санҷиши дахлдори муштарӣ»;

- «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2019, №117»;

- «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2019, №58».

- «Оид ба Дастурамали №258 дар бораи тартиби пешниҳод намудани шакли ҳисоботи омории №1-А «Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет».

Бояд тазаккур дод, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади танзиму назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ҷиҳати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботҳои Кумитаи Базелӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ вобаста ба кифоятии сармоя ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ пайваста кор бурда шуда, чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Дар самти мазкур дар доираи кӯмакҳои техникии пешниҳоднамудаи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҷдиди назар ва такмил қарор дода шуданд.

Қобили тазаккур аст, ки дар соли 2023 як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабул гардиданд ва якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар такмил дода шуда, мавриди истифода қарор гирифтанд, аз ҷумла:

- Дастурамали №253 «Оид ба талаботҳои тахассусии муассисон ва роҳбарони Бюрои таърихи қарз»;

- Дастурамали №255 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ»;

- Дастурамали №256 «Оид ба тартиб, мухлат ва ҳаҷми иттилооту маълумоте, ки аз ҷониби Бюрои таърихи қарз ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд»;

- Дастурамали №150 «Дар бораи тартиби гузаронидани амалиёти сейфӣ аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (тағйиру иловаҳо);

- Талабот оид ба таҳияи нақшаи барқарорсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ.

Ҳамзамон, лоиҳаҳои Роҳнамо оид ба идоракунии хавфи пардохтпазирӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, Роҳнамои дохилӣ оид ба чораҳои эътинои назоратӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ва Роҳнамо барои амалӣ

намудани амалиётҳои бонкии исломӣ дар раванди таҳия ва баррасӣ қарор доранд, ки дар сурати мавриди амал қарор гирифтанашон бевосита ҷиҳати паст кардани хавфҳои бонкӣ ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ заминаи мусоид фароҳам хоҳанд овард.

Бо мақсади ташкили низоми самарабахши идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ Дастурамали №240 «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ» таҳия ва тасдиқ шуд, ки ҳуҷҷати мазкур талаботи ҳадди ақалро барои ташкили фаъолияти низоми идоракунии хавфи амалиётӣ, усулҳои идоракунӣ ва назорати фаъолияти низоми мазкурро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ муайян менамояд.

Дар баробари ин, бо ҳадафи ташкили низоми самарабахши идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ Дастурамали №247 «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ» бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз санаи 19 ноябри соли 2021, №168 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.с.2021, №1111 ба қайд гирифта шудааст.

Мавриди зикр аст, ки бинобар самти нави фаъолият будани танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ, айни замон, Бонки миллӣ мунтазам бо таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, инчунин такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи самти мазкур дар заминаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ машғул мебошад.

Ҳамчунин, ҷиҳати мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдаровандаи соҳаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ба ин васила таҳким бахшидани низоми миллии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (минбаъд – МҚД/МТ/МПСҚО) дар давраи нимсолаи якуми соли ҷорӣ корҳои зерин анҷом дода шуданд:

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби гузарондани чорабиниҳо оид ба ғайрифаъолгардонӣ ва фаъол гардондани воситаҳои молиявӣ ё молу мулки дигари шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд» таҳия гардида, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд (мактбуи БМТ №27.3-417/1972 аз 18 майи соли 2024). Айни замон лоиҳаи мазкур дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Қобили қайд аст, ки мутобиқи Тартиби мазкур субъектҳои ҳисоботдиҳанда, аз ҷумла ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадоранд барои масъалаҳои муқовимат ба маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом корманди масъул ва шахси ӯро ивазкунандаро таъин намоянд. Инчунин, субъектҳои ҳисоботдиҳанда, бахусус ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ва анҷом додани амалиёт (аҳд) ва гузаронидани чораҳо оид ба санҷиши дахлдори муштарӣ уҳдадоранд муштариён, контрагентҳо ва молик-бенефитсиарони онҳоро бо рӯйхатҳои таҳримӣ (рӯйхатҳои шахсони бо

терроризм алоқаманд) муқоиса намоянд, инчунин мунтазам (ҳар боре, ки ба рӯйхатҳо тағйирот дароварда мешавад ва як маротиба дар се моҳ) мониторинги махзани маълумот оид ба муштариён ва молик-бенефитсиаронро бо рӯйхатҳо ҷиҳати ошкор намудани молу мулк (воситаҳо)-и шахсоне, ки бояд ғайрифаъол гардонида шаванд, ба роҳ монанд;

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешбурди маълумоти оморӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва шакли ҳисоботдиҳии он» таҳия карда шуда, барои баррасӣ ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол гардид (мактуби БМТ №27.3-439/2055 аз 23 майи соли 2024). Айни замон лоиҳаи мазкур дар барррасии вазорату идораҳо қарор дорад.

Мавриди зикр аст, ки Департаменти мониторинги молиявӣ ҳамчун мақоми ваколатдор хабарҳо дар бораи амалиёту аҳди шубҳанок, иттилоот дар бораи амалиёти ҳатман назоратшаванда, инчунин иттилоот оид ба амалиёту аҳд ва молу мулки (воситаҳои) боздоштшуда, ғайрифаъолгардондашуда ва фаъолгардондашудаеро, ки субъектҳои ҳисоботдиҳанда, алалхусус ташкилотҳои қарзии молиявӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти МКД/МТ/МПСҚО ирсол менамоянд, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва таҳлил намуда, аз натиҷа пешбурди маълумоти омориро анҷом медиҳад;

- лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» дар таҳрири нав таҳия гардида, барои баррасӣ ба вазорату идораҳои марбута ирсол карда шуд (мактуби БМТ №27.3-259/1281 аз 02 апрели соли 2024). Айни замон лоиҳаи мазкур дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад;

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, №443 «Дар бораи таъсиси Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» таҳия гардида, бо назардошти пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдор такмил дода шуд ва ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Лоиҳаи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2024, №186 тасдиқ гардид.

Қобили қайд аст, ки ҳайати Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ таҷдид гардида, ба он роҳбарони як қатор мақомоти давлатӣ, ки метавонанд ба фаъолияти Комиссия ва иҷрои вазифаву мақсадҳои он мусоидат намоянд, аз ҷумла Вазорати корҳои хориҷӣ, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, Хадамоти иҷро, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳо, инчунин Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон илова карда шуданд.

Бояд таъкид намуд, ки дар раванди таҳия, таҷдиди назар ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба масъалаи пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои бавуҷудоварандаи омилҳои коррупсионӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуда, барои таъмин гардидани шаффофият ва қонунияти меъёрҳою амалиёти татбиқшаванда чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Тибқи маълумоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии Вазорат лоиҳаи Қарордоди сетарафа байни Шурои Аврупо, Бонки миллии Тоҷикистон ва Ширкати барномасозии ЕШрйк ЕШегрпзез Е1тйес1 ворид гардида, доир ба он хулосаи дахлдор 23-юми майи соли 2024-ум, №3-3-619 ба Бонки миллии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Ба иттилои Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии аз ҷониби Марказ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» 5 июни соли 2024, №0748 аз экспертиза гузаронида шуда, вобаста ба он хулосаи дахлдори ҳуқуқӣ дода шудааст.

Бандҳои 58, 59, 60 ва 61 Нақша «Такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ бо мақсади таъмин намудани татбиқи дурусти меъёрҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноятии ба коррупсия алоқаманд, омӯзиши масъалаҳои дар Кодекси ҷиноятӣ ба фасл ё боби алоҳида ҷудо намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта (аз ҷумла ҳама гуна шакли тасарруфи молу мулки ғайр) ва ба андоз алоқаманд, криминализатсия ва декриминализатсияи баъзе ҷиноятҳои коррупсионӣ ва муқаррар намуди дигари ҷавобгарӣ барои онҳо, инчунин пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои рӯйпӯш намудани ҳолатҳои тасарруфи маблағҳои буҷети давлатӣ, андоз, пардохтҳои гумрукӣ ва дигари ҳатмӣ, кам ё зиёд нишон додани онҳо»-ро муқаррар намудаанд, ки муҳлати иҷрои онҳо солҳои 2021-2022 ва 2025 мебошанд.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба инобат гирифтани фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ вобаста ба таҳия ва қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав имконнопазир мешуморад.

Новобаста аз ин, Агентӣ масъалаҳои болозикрро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, мавқеи худро вобаста ба зарурати ворид намудани меъёри нав ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бинобар сабаби фаъолияти гурӯҳи корӣ вобаста ба таҳияи Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мақомот) манзур намудааст.

Тибқи таклифи мазкур пешниҳод гардид, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри нав, яъне моддаи $253^1$ барои вайрон кардани қоидаю меъёрҳои истифодаи қувваи барқ ё назорати истифодаи қувваи барқ, пайвасткунии барқ ё ҷамъоварии маблағи он ворид карда шавад.

Зарурати пешниҳоди лоиҳаи мазкур дар он мебошад, ки таҷрибаи тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятии солҳои охир нишон дод, ки кормандон ва шахсони масъули соҳаи барқ зимни фаъолият бо мақсади рӯйпӯш намудани талафоти аз меъёри муқарраршуда зиёди қувваи барқи дар минтақаи назоратиашон бааламаломадаро бидуни муайян намудани сабабҳои пайдоиши он, ки баръало аз ҷой доштани аломатҳои тасарруфи

қувваи барқ шаҳодат медиҳад, бе чораҷӯии дахлдор қувваи барқро ба суратҳисобҳои қалбакии дар асл мавҷуднабудаи муштариён ворид карда, бо ин роҳ қувваи барқи масрафшударо рӯйпӯш ва дар ин замина манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи давлатро поймол менамоянд.

Ғайр аз ин, кормандон ва шахсони масъули шабакаҳои барқӣ аз рӯйи сохтор ва вазифаи ишғолнамудаашон ба шумули хизматчиёни давлатӣ ва шахсони мансабдор дохил набуда, зимни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ кирдорҳои онҳоро бо моддаҳои 245, 295, 314, 316 ва 322 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст кардан нодуруст ва ғайриимкон мебошад.

Дар заминаи муаммоҳои ҷойдошта ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардани моддаи иловагӣ вобаста ба ҷавобгарии пурраи шахсони мутасаддии шабакаҳои барқ, имконияти давра ба давра баланд шудани масъулияти назоратчиёну нозирон оид ба назорати истифода ва ҷамъоварии ҳаққи истифодаи қувваи барқ такони ҷиддӣ бахшида, омили таъсиррасонандаи пешгирии ҳолатҳои тасарруфи қувваи барқ хоҳад шуд.

Вобаста ба такмил додани қонунгузории маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қайд кард, ки фаъолият дар ин самт низ тибқи ҳадафҳои дар Стратегия пешбинигардида идома дорад.

Бояд қайд кард, ки Агентӣ нуқтаи назари худро оид ба масъалаи дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фасл ё боби алоҳида ҷудо намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта (аз ҷумла ҳама гуна шакли тасарруфи молу мулки ғайр) ва ба андоз алоқаманд, ба гӯруҳи корӣ оид ба таҳияи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав пешниҳод намудааст. Бо инобат гирифтани таклифҳои Агентӣ дар назар аст, ки ҷиноятҳои болозикр дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳиямешуда ба фасл ё боби алоҳида ҷудо карда шаванд.

Маврид ба зикр аст, ки бо ворид гардидани тағйиру илова ба моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи соли 2020, № 1715 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон») ҷавобгари дар санксияи моддаи 245 пешбинигардида вазнин гардонида шуд, ки дар мавриди хусусияти коррупсионӣ доштан он ба категорияҳои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мансуб мебошад.

Бо назардошти тағйиру иловаҳои воридшуда тибқи моддаи 347 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне, ки бораи ҷинояти вазнин ё махсусан вазнини тайёршудаистода ё содиршуда, хабар намедиҳанд тибқи моддаи мазкур ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Яъне, рӯйпӯш намудани ҳолатҳои тасарруфи маблағҳои буҷети давлатӣ, андоз, пардохтҳои гумрукӣ ва дигари ҳатмӣ, кам ё зиёд нишон додани онҳо ҳамчун ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин ҳисобида шуда, минбаъд шахсоне, ки ба чунин кирдор даст мезананд, тибқи тартиби муқаррааргардида ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Новобаста аз ин, Агентӣ масъалаҳои болозикрро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, мавкеи худро вобаста ба зарурати ворид намудани меъёри нав ба КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бинобар сабаби фаъолияти гурӯҳи корӣ вобаста ба таҳияи Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) манзур намудааст.

Вобаста ба таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии соҳавӣ оид ба муайян намудани механизмҳои муосири ошкор ва тафтиши бархе аз ҷиноятҳои коррупсионӣ, бахусус ҷиноятҳо марбут ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ки аз талаботи банди 62 Нақша бармеояд (муҳлати иҷро то солҳои 2021-2022), қайд кардан ба маврид аст, ки бо фармоиши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2022, №07 Дастурамали илмӣ-амалӣ оид ба тарзу усули ошкор ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба қаллобӣ бо истифодаи мақоми хизматӣ (моддаи 247 қисми 2 банди «г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва қаблан Дастурамалҳои илмӣ-амалӣ оид ба тарзу усули ошкор ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои марбут ба гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ, оид ба тарзу усули ошкор ва тафтиши пешакии ҷиноятҳо марбут ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ тасдиқ ва мавриди истифодабарӣ қарор дорад, ки дар онҳо хусусиятҳои хоси тарзу усули ошкор ва тафтиши пешакии ин қабил ҷиноятҳо шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки яке аз ҷанбаҳои муҳими Дастурамалҳои болозикр, ин зимни тафтиши пешакии ҷиноятҳои қайдгардида бо роҳи тафтишотӣ ошкор намудани ҷиноятҳо марбут ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада (моддаи 262 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба ҳисоб меравад. Зеро ҷинояти дар моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҳамчун ҷинояти асосӣ ба ҳисоб нарафта, он натиҷаи содир намудани дигар кирдорҳои ҷиноятӣ, аз қабили гирифтани пора ва ришвагирии тиҷоратӣ, азонихудкунию исрофкорӣ, қаллобӣ ва ғайра мебошад.

Тибқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таҳияву такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва мутобиқ намудани онҳо ба тавсияҳои Гурӯҳи таҳияи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, мавриди амал қарор дода шуданд, аз ҷумла:

- дар асоси фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи 2020, №5-115 аз ҷониби гурӯҳи кории байниидоравӣ дар ҳайати кормандони Суди олӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Вазорати адлия, Кумитаи андоз ва Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон «Тартиби гузаронидани тафтишоти молу мулкӣ (молиявии қиёсӣ)» таҳия гардида, бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5-39 аз 20 апрели соли 2021 тасдиқ карда шуд. Вазифаи асосии тафтиши молумулкӣ (молиявии қиёсӣ) таъмини амнияти иқтисодӣ бо роҳи пешгирӣ, ошкорсозӣ, кушодан ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин бо ҷиноятҳои асосӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд, ба ҳисоб меравад;

- бо мақсади мусоидат ба ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, баҳри иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» вобаста ба пешниҳод намудани маълумот оид ба аҳд ва амалиёти шубҳанок “Роҳнамо

дар бораи тартиби ошкор ва ирсол намудани маълумот оид ба аҳд ва амалиёти шубҳанок» таҳия гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2022, №11 тасдиқ шуд;

- бо ҳадафи аз байн бурдани зарурати пешниҳоди баъзе аз ҳисоботҳои мансуб ба ҳисоботҳои оморӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ манзур мегарданд, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 феврали соли 2022, №21 ба «Феҳрасти ҳисоботи оморӣ ва дигар ҳисоботҳое, ки ташкилотҳои қарзӣ ва субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд», тағйирот ворид карда шуд;

- ҷиҳати мукаммал намудан ва таъмини шаффофият дар татбиқи чораҳои таъсиррасонӣ вобаста ба вайрон кардани муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳо тавассути Ҳисоботи №101 «Оид ба аҳди/амалиёти шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда» бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 июли соли 2022, №86 ба «Тартиби татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Ҳамчунин, кор дар самти таҳкими низоми миллии МКД/МТ/МПСҚО идома дода шуда, дар соли 2023 санадҳои зерин қабул карда шуданд:

- дар ҳамкорӣ ва бо кумаки техникии Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» дар таҳрири нав таҳия гардида, аз 15 марти соли 2023, №1950 қабул шуд.

Дар Қонуни мазкур чораҳои пешгирикунандаи МКД/МТ/МПСҚО мушаххасан оварда шуда, дар баробари ин ба субъектони ҳисоботдиҳанда, аз ҷумла ташкилотҳои қарзии молиявӣ сабукиҳо дар амалӣ кардани ин чораҳо пешбинӣ гардидаанд. Аз ҷумла, дар Қонуни мазкур бо назардошти равиши ба хавф нигаронидашуда гузаронидани санҷиши дахлдори муштарӣ пешбинӣ гардидааст. Талаботи мазкур барои рушди босуботи хизматрасониҳои молиявӣ равона гардида, он имкон медиҳад, ки ҳангоми дараҷаи баланди хавф чораҳои қатъии санҷиши дахлдори муштарӣ андешида шуда, дар ҳолати паст будани хавфҳо сабукиҳо дар амалӣ кардани ин чораҳо муқаррар карда мешаванд.

Инчунин, дар Қонуни мазкур ҷалби миёнаравон ё тарафи дигари сеюм барои гузаронидани санҷиши дахлдори муштарӣ иҷозат дода шудааст, ки он барои васеъ гардидани доира ва маҳалли хизматрасонии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, беҳтар гардонидани сатҳи хизматрасонии онҳо, коҳиш додани хароҷотҳои онҳо ва мувофиқан баланд гардидани қобилияти рақобатпазирӣ мусоидат менамояд;

Дар ҳамкорӣ ва бо кумаки техникии ХБА Дастурамали №257 дар бораи санҷиши дахлдори муштарӣ таҳия гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2023, №85 тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 сентябри соли 2023, №1254 ба қайди давлатӣ гирифта шуд.

Мавриди зикр аст, ки Қонуни соҳавӣ гузаронидани санҷиши дахлдори муштарӣ ва ҷалби миёнаравон ё тарафҳои дигари сеюмро барои

гузарондани чунин санҷиш ба таври умумӣ танзим намуда, тартиби гузаронидани санҷиши дахлдори шахсияти муштарӣ ва молик-бенефитсиар аз ҷониби субъектҳои ҳисоботдиҳанда, бахусус ташкилотҳои қарзии молиявӣ, инчунин шартҳои ҷалби тарафҳои сеюм барои гузаронидани чораҳои мазкур мушаххасан тибқи Дастурамали №257 ба танзим даровarda мешаванд.

Яке аз навгониҳои дигаре, ки дар Дастурамали №257 пешбинӣ гардидааст, ин танзими механизми ба таври фосилавӣ гузаронидани санҷиши дахлдори муштарӣ ҳангоми анҷом додани амалиёт (аҳдҳо)-и алоҳида, аз ҷумла кушодани суратҳисобҳои бонкӣ ё ҳамёнҳои электронӣ ва додани қарзҳои хурд (қарзҳои исломӣ) мебошад, ки он барои рушди хизматрасониҳои молиявӣ равона гардида, ҳамзамон баҳри татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» мусоидат менамояд;

- бо мақсади гузарондани расмиёти дохилидавлатӣ барои эътибор пайдо намудани Шартномаи давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи МКД/МТ/МПСҚО, ки 15 октябри соли 2021 ба имзо расидааст, лоиҳаҳои пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тасдиқи Шартномаи зикргардида, инчунин лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номгӯи мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои амалӣ намудани Шартнома масъуланд» таҳия гардид. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тасдиқи Шартномаи мазкур аз 2 октябри соли 2023, №1062 ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи номгӯи мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои амалӣ намудани Шартнома масъуланд" аз 13 декабри соли 2023, №656 қабул гардиданд;

- лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси лоиҳаи Созишнома дар бораи таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои КД/МТ/МПСҚО таҳия гардид, ки он 04.09.2023 №623 қабул карда шуд;

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ва илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, №443 «Дар бораи таъсиси Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МКД/МТ/МПСҚО» таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.с.2024, №186 қабул гардид;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» таҳия гардид, ки он айни замон дар раванди мувофиқасозӣ бо вазорату идораҳо қарор дорад;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» таҳия гардид, ки он айни замон дар раванди мувофиқасозӣ бо вазорату идораҳо қарор дорад.

Ҳамзамон, боиси зикр аст, ки бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» зарурати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва/ё қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав ба миён омадааст, ки ҳамкорӣ дар ин самт бо ХБА идома дорад.

Тибқи иттилои Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши масъалаи дар Кодекси ҷиноятӣ ба фасл ё боби алоҳида ҷудо намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта (аз ҷумла, ҳама гуна шакли тасарруфи молу мулки ғайр) ва ба андоз алоқаманд, тибқи нақшаи дохилиидоравӣ дар нимсолаи дуюми соли 2024 пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон 24 октябри соли 2023, №4/1-126 масъалаи криминализатсия ва декриминализатсияи баъзе ҷиноятҳои коррупсионӣ бо дарназардошти талаботи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия ва муқаррароти қонунгузории давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла давлатҳои Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Озорбойҷон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар назар аст, ки таҷрибаи кишварҳои болозикргардида бо назардошти манфиатҳои миллӣ дар доктринаи ҳуқуқии кишвар мавриди истифода қарор дода шавад.

Ҳамзамон Бо мақсади муайян намудани заминаи ҳуқуқӣ ва муқаррар кардани тартиби ягонаи бақайдгирӣ ва баҳисобгирии мутамарказ, шахсони содирнамудаи ҳуқуқвайронкунӣ ва варақаҳои баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия дар мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кормандони раёсати муқовимта ба коррупсия дастурамал дар бораи тартиби бақайдгирӣ ва баҳисобгирии мутамаркази ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд, ки он бо фармоиши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «15» январи соли 2024, №4 тасдиқ гардида, барои корбарии минбаъда ба воҳидҳои сохтории Агентӣ ирсол карда шудааст.

Боиси қайд аст, ки дар доираи банди мазкур соли 2024 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, ки бевосита дар ин самт мақоми ваколатдори давлатӣ ба ҳисоб меравад, 2 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст. Яъне оид ба манзур намудани таклифу пешниҳодҳо вобаста ба лоиҳаи ҳисоботи такмилёфтаи «Баҳодиҳии хавфи миллии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» аз ҷониби кормандони раёсат мавриди экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ қарор дода шуда, вобаста ба он бинобар мавҷуд будани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ шудааст, ба субъектони ҳуқуқэҷодкунанда баҳри бартараф намудани омилҳо хулосаи дахлдор манзур карда шуд. Инчунин, вобаста ба лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани

мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ба субъекти ҳуқуқэҷодкунанда хулосаи экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ манзур гардидааст.

Банди 63 Нақша, ки мӯҳлати иҷрои он соли 2025 пешбинӣ шудааст, тақвият додани фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти муборизабаранда бар зидди коррупсия ва дар ин замина муайян намудани роҳу усулҳои муосир оид ба ошкор ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои мураккаби коррупсиониро дарбар мегирад, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, мудофиа, амнияти миллӣ, назорати маводи нашъаовар, гвардияи миллӣ, гумрук ва судро ҷиҳати пешбурди кори таҳлилӣ, пешгирӣ, сари вақт ошкор намудану тафтиш кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти ба коррупсия алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда ҳамоҳанг месозад ва дар асоси нақшаҳои ҳамасола фаоълияти муназзамро ба роҳ мемонад.

Дар ин зимн, баҳри бартараф намудани ихтилофҳои меъёрӣ, мукаммалгардонӣ ва мутобиқсозии Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия аз ҷониби Агентӣ ба лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2015, №587» аз 18 августи соли 2023, №617 тағйиру илова ворид карда шуда, фаъолият дар ин самт идома дорад.

Фасли 6 Нақшаи Стратегия экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо унвон дошта, аз ду банд, яъне бандҳои 64 ва 65 иборат мебошад.

Бандҳои зикргардидаи Нақша масъалаи «Тақвият бахшидани фаъолият дар самти экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва ҷамъиятии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо, аз ҷумла ҳатмӣ гардонидани иҷрои талаботи хулосаҳои экспертизаи зиддикоррупсионӣ ва гузаронидани мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»-ро муқаррар менамоянд. Таъмини иҷрои бандҳои нақша мунтазам муайян шуда, мақоми иҷрокунандаи асосӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамиҷрокунандагон Вазорати адлия, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликияташон муқаррар гардидаанд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои банди 64 Нақша ва баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо, такмили механизми иҷрои онҳо ва муайян намудани ҳолати мутобиқати қонунгузории мамлакат ба ҳадафҳои сиёсии пешбинигардида Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунҳои амалкунандаро мунтазам бо роҳи гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор медиҳад.

Дар низоми чораҳои маҷмуии пешгирии коррупсия гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва

лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамзамон мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда нақши муҳим дорад.

Дар соли 2024 ба Агентӣ ҷиҳати гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ дар маҷмӯъ 1457 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла 20 лоиҳаи мукаммал дар таҳрири нав ворид гардида, бо 1426 адади он экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ гузаронида шуда, аз натиҷа ба субъектони ҳуқуқэҷодкунанда хулосаи экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва ҷиҳати бартараф намудани дигар камбудиҳо таклифу пешниҳодҳои дахлдор ирсол гардидааст.

Дар ҷараёни гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ дар 293 лоиҳа омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шуда, оиди 97 лоиҳа бошад, унвонии субъектони ҳуқуқэҷодкунанда ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида, ки хавфу омилҳои коррупсионӣ маҳсуб намеёбанд, эроду пешниҳодҳои дахлдор ирсол карда шудааст.

Инчунин ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо оиди 232 санади байналмилалӣ, аз ҷумла созишномаҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил - 24, дуҷониба - 136 ва ёддоштҳои тафоҳум - 72 адад хулоса ва пешниҳодҳо ирсол шудааст.

Дар давраи таҳлилӣ дар вазоратҳои маориф ва илм, мудофиа, кумитаҳои давлатии идораи замин ва геодезӣ, андоз, хоҷагии манзилию коммуналӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рудакӣ ва Агентии захираҳои моддии давлатӣ мониторинги санадҳои меъёри ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта гузаронида шуда, дар раванди он 87 санади меъёри ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта мавриди омӯзиш, таҳлил ва экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ қарор дода шуда, дар 41 адади он 197 омили бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шуд.

Инчунин, 150 Низомнома, 15 Оиннома, 21 уҳдадориҳои хизматӣ ва 284 дастурамалҳои мансабии кормандони вазорату идораҳои болозикр мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирфита, дар онҳо 486 омили коррупсионӣ ошкор карда шуданд.

Аз натиҷаи мониторингҳои гузаронидашуда 27 хулоса ва 24 санади эътиноӣ, аз ҷумла 9 пешниҳод ва 15 дастури хаттӣ ирсол карда шудаанд.

Дар ҳафт моҳи соли 2024 Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон экспертизаи зиддикоррупсионии 69 санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро гузаронд. Аз 69 санад дар 16 санад омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор гардида, дар 47 санад чунин омил ошкор нагардид.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 10 августи соли 2024, 70 адад лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро бо риояи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 «Дар бораи Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии

зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия намуда, онҳоро ҷиҳати гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиб манзур намудааст.

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, ки аз ҷониби Кумитаи давлатӣ таҳия карда шудааст, мувофиқи қисми дуюми моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», банди 4 «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст барои шиносоӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва бо мақсади таъмини имконияти гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионӣ лоиҳаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав дар сомонаи расмии Кумитаи давлатӣ (zamin.tj) интишор карда шудааст.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудааст, ки соли лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи лоиҳаи Барномаи рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2030» лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори расмӣ» ва лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи корҳои омори барои соли 202-» таҳия гардида, бо ҳамаи вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ мувофиқа ва аз ҷониби Агентии назодати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ гирифта шудааст. дар назар аст, ки он дар ояндаи низдик бо ворид намудани таклифу пешниҳоди мақомоти давлатӣ такмил дода шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардад.

Аз ҷониби Маркази милли қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда экспертизаи онҳо гузаронида доир ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», 12 пешниҳод, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири нав), 20 пешниҳод, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», 12 пешниҳод, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидоракунии шаҳрак ва деҳот», 10 пешниҳод, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», 8 пешниҳод. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҷлисҳо, гардиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳо», 14 пешниҳод, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил», 8 пешниҳод, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», 7 пешниҳод, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», 5 пешниҳод, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин», 8 пешниҳод, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», 17 пешниҳод, Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифода ва ҳимояи аломату номҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», 26 пешниҳод, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», 25 пешниҳод, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа», 13 пешниҳод, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 12 пешниҳод ва Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 45 пешниҳод манзур намудааст.

Қоибили қайд аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, алалхусус хусусияти зиддӣкорупсионӣ дошта, мунатазам тахти омӯзиш ва таҳлили дохилиидоравӣ қарор дода шуда, доир ба он хулосаи ҳуқуқӣ дода шуда, барои чораҷӯӣ ба масъулини соҳа, МИҲД-и шаҳру ноҳияҳо ирсол карда мешаванд.

Комиссия оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бо мақсади иҷро намудани банди мазкур фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меърии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012, №925 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ» аз 29 декабри соли 2018, №619 ба роҳ монда, зимни таҳия шудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии аҳамияти умумиҳатмидошта ва лоиҳаҳои онҳоро мавриди муҳокима қарор дода, хулосаи дахлдори худро пешниҳод менамояд.

Қайд бояд кард, ки экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меърии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке рукнҳои асосии фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятии назди мақомоти иҷроиияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб равад ҳам, вале фаъолият дар ин самт беҳбудиро тақозо менамояд. Зеро дар аксар маврид аъзоёни комиссия натанҳо аз салоҳияти болозикр балки аз таъсиси чунин комиссия умуман маълумот надоранд.

Банди 65 Нақша Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намудааст, ки ҷиҳати бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мунтазам анҷом диҳад.

Бо мақсади таъмини иҷрои банди мазкур дар ҷараёни гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ дар 293 (286) лоиҳа омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шуда, оиди 97 (60) лоиҳа бошад, унвонии субъектони ҳуқуқэҷодкунанда ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида, ки хавфу омилҳои коррупсионӣ маҳсуб намеёбанд, эроду пешниҳодҳои дахлдор ирсол карда шудааст.

Аз шумораи умуми лоиҳаҳои воридгардида 76 (74) адади он ба гирифтан ва ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ додани қитъаҳои замин алоқаманд буда, аз ин теъдод зимни гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ дар 28 (26) лоиҳа омилҳои бавуҷудовардандаи коррупсия ошкор карда шуда, дар натиҷа ҳолати хилофи муқаррароти қонунгузорӣ додан ва вобаста карда шудани 204,080 (9742,785) гектар замин пешгирӣ карда шудааст.

Инчунин ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо оиди 232 (152) санади байналмилалӣ, аз ҷумла созишномаҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил – 24 (27), дуҷониба – 136 (86) ва ёддоштҳои тафоҳум – 72 (39) адад хулоса ва пешниҳодҳо ирсол шудааст.

Таҳлили ҳолати ошкори омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо вобаста ба соҳаҳо нишон дод, ки аз 293 (286) лоиҳаи дар онҳо омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкоргардида ба вазоратҳои адлия - 3, молия - 26, корҳои дохилӣ - 6, корҳои хориҷӣ - 4, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - 11, энергетика ва захираҳои об - 3, мудофиа - 5, саноат ва технологияҳои нав - 14, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ - 6, маориф ва илм - 18, рушди иқтисод ва савдо - 11, кишоварзӣ - 5, нақлиёт - 4, фарҳанг -2, кумитаҳои давлатии амнияти миллӣ -1, идораи замин ва геодезӣ - 33, сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ - 14, андоз - 6, ҳифзи муҳити зист - 11, кор бо занон ва оила- 1, ҷавонон ва варзиш - 1, телевизион ва радио - 1, хадамотҳои гумрук - 6, алоқа - 4, иҷро -1, агентиҳои назорати маводи нашъаовар - 4, захираҳои моддии давлатӣ - 1, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ - 1, хоҷагии ҷангал - 1, авиатсияи гражданӣ - 7, омор - 1, инноватсия ва технологияи рақамӣ - 1, назорат дар соҳаи маориф ва илм - 2, беҳдошти замин ва обёрӣ - 1, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо - 4, суғуртаи иҷтимоӣ -2, Прокуратураи генералӣ - 4, саридораҳои геология - 6, ҳифзи сирри давлатӣ - 1, Бонки миллӣ - 7, марказҳои тадқиқоти стратегӣ - 1, миллии қонунгузорӣ - 2, комиссияи олии аттестатсионӣ - 2, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - 1, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ - 1 ва ба дигар субъектони ҳуқуқэҷодкунанда - 46 лоиҳа рост меояд.

Дар раванди гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 16 ҳолати бидуни риояи талаботи боби 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешбурди портали интернетии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 декабри соли 2018, №617 ва «Дар бораи Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 июли соли 2018, №355 вобаста ба таҳлили таъсири танзимкунӣ, ки иштироки вазорату идораҳо ва шаҳрвандонро барои ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд месозад, ошкор карда шуда, лоиҳаҳои таҳиягардида барои ислоҳ ва бартарафсозии омилҳои мавҷуда ба субъектон бозпас гардонида шуданд.

Дар давраи таҳлилӣ дар вазоратҳои маориф ва илм, мудофиа, кумитаҳои давлатии идораи замин ва геодезӣ, андоз, хоҷагии манзилию коммуналӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рудакӣ ва Агентии захираҳои моддии давлатӣ мониторинги санадҳои меъёри ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта гузаронида шуда, дар раванди он 87 санади меъёри ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта мавриди омӯзиш, таҳлил ва экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ қарор дода шуда, дар 41 адади он 197 омили бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шуд.

Инчунин, 150 Низомнома, 15 Оинннома, 21 Уҳдадориҳои хизматӣ ва 284 дастурамалҳои мансабии кормандони вазорату идораҳои болозикр мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирфита, дар онҳо 486 камбудию омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсионӣ ошкор карда шуданд.

Аз натиҷаи мониторингҳои гузаронидашуда 27 хулоса ва 24 санади эътиноӣ, аз ҷумла 9 пешниҳод ва 15 дастури хаттӣ ирсол карда шудаанд.

Таҳлил нишон дод, ки ҳарчанд фаъолияти субъектони ҳуқуқэҷодкунанда дар самти таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар татбиқи қонунгузории амалкунанда тақвият ёфта бошад ҳам, вале камбудиҳои ҷойдошта андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамоянд.

Аз ҷумла, ҳоло ҳам зимни таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ субъектони ҳуқуқэҷодкунанда ба ҳолатҳои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ, поймол ва ё маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои давлату ҷамъият ва шаҳрванд, ба инобат нагирифтани манфиатҳои давлатӣ ва идоравӣ, кӯшиши ба худ гирифтани ваколату салоҳияти дигар сохтору идораҳои давлатӣ, номукаммалу бидуни асосноккунии зарурати қабули санад таҳия намудани лоиҳаҳо, бартараф накардани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар онҳо, бо риояи ҳамаи талаботҳо нагузаронидани арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бартараф накардани мухолифатҳо, сари вақт таҳия накардани санадҳо, риоя накардани муҳлати мувофиқаи лоиҳаҳо ва ғайраҳо, ки тибқи талаботи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия маҳсуб меёбанд, роҳ медиҳанд, ки яке аз сабабҳои роҳ додан ба чунин камбудиҳо нагузаронидани арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи муқаррароти «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мақомоти давлатии таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ уҳдадоранд, ки арзёбии идоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳоро гузаронанд.

Нобобаста аз ин аксари субъектони таҳиякунанда ин талаботро риоя накарда, танҳо дар тавзеҳнома ва ё маълумотномаи асосноккунӣ қайд мекунанд, ки лоиҳа мавриди арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ қарор дода шуда, омилҳои бавуҷудовардандаи коррупсия ошкор нагардид. Ин ишораи тавзеҳнома қолабӣ буда, чунин тарзи муносибат метавонад, ба сарфи назар шудани мавҷудияти хавфҳои эҳтимолии коррупсионӣ дар лоиҳаи пешниҳодгардида мусоидат намояд ва омилҳои дигари коррупсиониро бавуҷуд оварад.

Фасли 7 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия, ҷиҳати тақвият бахшидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ бахшида шуда, ҳамагӣ як банд (банди 66)-ро фаро гирифтааст.

Аз ҷумла, банди 66 Нақша «Мунтазам гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва татбиқи амалии нақшаҳои мукаммал тибқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)»-ро пешбинӣ намудааст.

Таъмини иҷрои бандҳои Нақша мунтазам муайян шуда, ҳадафи он ошкор намудани хавфҳои идоравӣ ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф

намудани онҳо мебошад. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаботи банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)» (минбаъд Методология) аз 28 октябри соли 2016, №465 ҳолати дар амал татбиқ намудани Методологияи мазкурро аз ҷониби вазоратҳо, ташкилотҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоту ташкилоти давлатӣ дар давраи соли 2024 мавриди таҳлилу ҷамъбаст қарор дод.

Маврид ба зикр аст, ки баҳодиҳии хавфҳои коррупсия яке аз роҳҳои дигари самарабахш дар самти пешгирии коррупсия маҳсуб ёфта, он бо мақсади ошкор намудани сабабу шароитҳое, ки ба коррупсия мусоидат менамоянд ё метавонанд ба он шароит фароҳам оваранд, гузаронида шуда, аз натиҷаи он ҷиҳати аз байн бурдани таъсири хавфҳои коррупсионӣ тавсияҳо таҳия карда мешаванд.

Дар ин замина дар нимсолаи якуми соли 2024 аз ҷониби кормандони Агентӣ дар Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт ва Файзобод, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамотҳои давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ, алоқа ва иҷрои  назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк», Филиали Донишкадаи энергетикии Москва (Донишгоҳи техникӣ) дар шаҳри Душанбе, Муассисаи давлатии «Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ» гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ таъсис дода шуда, таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва дар Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» азнавтаҳлилкунии фаъолият гузаронида шуда истодааст, ки аз натиҷааш бо ҷамъбасти сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот манзур карда шуд.

Фасли 8 Нақшаи Стратегия мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар раванди пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия маҳсуб ёфта, бандҳои 67 ва 68-ро дарбар гирифтааст.

Чунончи, масъалаи «Чораҷӯӣ кардан ҷиҳати таъмини иҷрои тавсияҳои нави Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳои Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ» аз банди 67 Нақша бармеояд (муҳлати иҷро солҳои 2021-2025).

Бо мақсади таъмини иҷрои тавсияҳои даври 5-уми мониторинги Шабакаи зиддикоррупсионии Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд дар доираи Нақшаи амалҳои Истамбулии мубориза бо коррупсия ва минбаъд таҳияи ҳисоботи давлатӣ, инчунин, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ ё қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав дар ин самт Гурӯҳи кории байниидоравӣ аз ҳисоби роҳбарият ва намояндагони вазорату идораҳои дахлдор бо фармоиши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 ноябри соли 2023, №52 таъсис дода шуд.

Дар ин замина ҳайати гурӯҳ моҳи январи соли 2024 вобаста ба 9 самти баҳодиҳӣ ба саволномаи пешниҳоднамудаи Созмони мазкур ҷавобҳоро таҳия ва ирсол намуданд.

Дар асоси розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2024, №29/10-318 ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники адлия Расулӣ Барот ҳамроҳ бо сардори раёсати муқовимат ба коррупсия - Муқимӣ Нигора Аминзода, муовини сардори раёсати тафтишотӣ - Қосимзода Маъруф, муовини сардори раёсати таҳлил, иттилоот ва омор - Асилзода Парвизи Мирзогайбулло, сарнозирони раёсати муқовимат ба коррупсия - Раҳмонзода Фаромарз Назришо ва Файзуллозода Баҳрулло Иззатулло, сардори раёсати ташкил ва анҷом додани хариди давлатии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Мирҳакимзода Фаррух ва сардори шуъбаи шартномавӣ-ҳуқуқии Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» - Иззатуллоев Шараф Мастонович дар ҷаласаҳои пленарии Шабакаи зиддикоррупсионии Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР), ки рӯзҳои 16-19 сентябри соли 2024 дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса, вобаста ба ҳимояи ҳисоботи кишвар дар доираи даври 5-уми мониторинги Нақшаи Истамбулии амалҳои мубориза бар зидди коррупсия барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ баргузор гардид, иштирок намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳои Шабакаи зиддикоррупсионии СҲИР барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ шурӯъ аз соли 2004 инҷониб ҳисоботҳои даврӣ ва фосилавии худро вобаста ба иҷрои тавсияҳои пешниҳодгардида ба Созмони мазкур манзур менамояд ва ба ҳолати имрӯза 4 даври мониторингиро сипарӣ кардааст.

Соли 2021 аз ҷониби Шабакаи зиддикоррупсионӣ механизми нави баргузории арзёбии даври 5-уми мониторинг таҳия карда шуд, ки он воқеан аз арзёбии давраҳои мониторингии қаблӣ фарқияти куллӣ дорад. Дар мавриди аввал давлатҳои Арманистон, Гурҷистон, Молдова, Озарбойҷон ва Украина барои арзёбии пилотӣ бо чунин шакл ризоияти худро иброз дошта буданд, вале раванди гузаронидани мониторинг нишон дод, ки барои чунин тартиби арзёбӣ талаботҳои зиёде пешбинӣ карда шуда, дар мавриди баҳодиҳӣ духӯрагиҳо ва мушкилоти зиёде ба миён омаданд.

Бо ба инобат гирифтани ин камбудиҳо моҳи ноябри соли 2022 дар ҷаласаи навбатии СҲИР Барномаи кории Шабака барои солҳои 2023-2026, тавсияҳои методӣ ва Тартиби баҳодиҳии даври 5-уми мониторинг дар таҳрири нав тасдиқ гардида, дар ин замина ба мақсад мувофиқ дониста шуд, ки кишварҳои Арманистон, Гурҷистон, Молдова, Озарбойҷон ва Украина аз нав арзёбӣ карда шаванд. Дар натиҷа соли 2023 дар ҷаласаи пленарии Шабакаи мазкур ҳисоботи ин давлатҳо (ба ҷуз аз Гурҷистон) оид ба даври 5-уми мониторинги Нақшаи Истамбулии амалҳо тасдиқ карда шуд.

Илова бар ин, дар ҷаласаи мазкур тибқи барномаи кории тасдиқгардида раванди гузаронидани мониторинги даври 5-уми давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон оғоз гардид. Бо ин мақсад 15 апрели соли 2024 гурӯҳи мониторингии Шабакаи зиддикоррупсионии СҲИР дар ҳайати 7 нафар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, дар доираи мулоқотҳои корӣ бо масъулини вазорату

идораҳои дахлдори кишвар ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба саволномаи намунавии матраҳгардида таҷрибаи дохилидавлатиро таҳлил намуданд.

Мониторинг ҷараёни иҷрои тавсияҳоро вобаста ба 9 самт, аз ҷумла сиёсати зиддикоррупсионӣ (масъул-Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), бархӯрди манфиатҳо ва эъломиякунонии дороиҳо (масъул-Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҳимояи хабаррасонҳо (масъул-Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон), покниҳодӣ дар тиҷорат (масъул-Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон), покниҳодӣ дар самти хариди давлатӣ (масъул-Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), мустақилияти ҳокимияти судӣ (масъул-Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон), мустақиляти мақомоти прокуратура (масъул-Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ниҳодҳои махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия (масъул-Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдори кишвар) ва ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ (масъул-Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар бар гирифта, аз вазорату идораҳои дахлдори мамлакат тақозо мегардид, ки доир ба ҳар як унсури он ба гурӯҳи мониторингӣ ҷавобҳои мушаххас манзур карда, бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи фаъолияти худ мавқеи кишварро дар арсаи байналмилалӣ дуруст муаррифӣ намоянд.

Гурӯҳи мониторингӣ дар заминаи саволномаҳои намунавии пешакӣ ва дар ҷараёни ташрифоти давлатӣ пешниҳодгардида, ҳамзамон дар асоси пурсишномаҳои иловагӣ, ки 4 маротибаи дигар манзур гардид, лоиҳаи ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистонро омода намуда, онро барои шиносоӣ ва пешниҳоди таклиф ба мақомоти Агентӣ, ки ба ҳайси ҳамоҳангсози миллӣ эътироф шудааст, пешниҳод намуд.

Баъди баррасии ниҳоии ҳисобот аз ҷониби вазорату идораҳо, Котиботи Шабака санаи 5 сентябри соли 2024 лоиҳаи ҳисоботи пешакии кишварҳоро омода намуда, онҳоро барои шиносоӣ ба давлатҳои арзёбишуда манзур намуд, ки бо натиҷаи баҳодиҳии пешакӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон байни давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон ва Ӯзбекистон аз рӯи холгузорӣ дар самтҳои арзёбишаванда мавқеи пасттаринро ишғол мекард.

Яъне аз ҳисоби 9 самти баҳодиҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи натиҷаҳои пешакӣ танҳо бо 2 самт, аз ҷумла сиёсати зиддикоррупсионӣ (самти - 1) 59,7 хол ва покниҳодӣ дар самти хариди давлатӣ (самти - 5) 61,3 холро соҳиб гардида, вобаста ба 7 самти дигар бошад, фаъолияти кишвар ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ карда шуда буданд.

Мусаллам аст, ки чунин баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ тамоми паҳлуҳои сиёсати зиддикорруспионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро нагирифта, ба обурӯву эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ таъсири манфии хешро мерасонид.

Бинобар ин, ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои иштирок дар ҷаласаҳои пленарии СҲИР барои ҳимояи ҳисоботи кишвар сафарбар гардида буданд, тасмим гирифтанд, ки бо назардошти манфиатҳои миллӣ қабл аз тасдиқи ҳисоботи ниҳоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарҳи назарияю

амалияи низоми ҳуқуқии кишвар ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда бо гурӯҳи мониторингӣ мубоҳиса намуда, дар доираи имконияти мавҷуда бархе аз мухолифатҳои ҷойдошта баратараф ва мақеи кишвар дуруст муаррифӣ карда шавад.

Бо ин мақсад санаҳои 16-17 сентябри соли 2024 дар қароргоҳи Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд мулоқоти ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гурӯҳи мониторингии Шабакаи зиддикоррупсионии ин Созмон доир гардид. Зимни мулоқоти корӣ атрофи саволҳои иловагии коршиносон ва дигар масоили ба тавофуқнаомада доир ба 5 самти баҳодиҳии даври 5-уми мониторинги тавсияҳои Нақшаи Истамбулии амалҳои мубориза бар зидди коррупсия барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказии Шабакаи мазкур мубоҳисаи ҷонибҳо доир гардида, дар натиҷаи баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ, ки дар се марҳила ҷараён гирифт, ваҷҳҳои воқеии пешниҳоднамудаи ҳайати расмии Тоҷикистон пазируфта шуданд.

Бо қаноатмандӣ метавон иброз намуд, ки аз натиҷаи мубоҳисаҳо дар муқоиса ба дигар давлатҳои арзёбишаванда, танҳо ба ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки бо истодагарии қотеъонаи худ ба натиҷаи баҳогузории ниҳоии коршиносон тағйироти назаррас ворид карда шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавқеи охирин ба зинаҳои болотар бароварда шавад.

Бо ворид кардани тағйиру иловаҳо ба ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолият дар самтҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ 63,3 хол, бархӯрди манфиатҳо ва эъломиякунонии дороиҳо 5,6 хол, покниҳодӣ дар тиҷорат 6,1 хол, покниҳодӣ дар самти хариди давлатӣ 69,6 хол, мустақилияти ҳокимияти судӣ 28,1 хол, мустақиляти мақомоти прокуратура 11,5 хол ва дар самти ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ 33,7 хол дода шуд.

Бо ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас ва муаррифии сазовори кишвар дар чорабинии болозикр намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки ҷаҳонӣ ва як қатор созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ҳавасмандии хешро аз тақвияти ҳамкории мутақобилаи судманд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия ва дигар масоили иқтисодию иҷтимоӣ изҳор намуданд.

Тибқи барномаи кории чорабинӣ 17 сентябри соли ҷорӣ ҳисоботи давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Муғулистон ва санаи 18 сентябр бошад, ҳисоботи ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон расман тасдиқ гардид. Дар ин раванд, роҳбари ҳайати расмии кишвар-муовини якуми директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мавзӯъ баромад карда, азму иродаи қотеонаи мақомоти Агентӣ ва дигар ниҳодҳои кишварро дар амалигардонии сиёсати байналмилалии зиддикоррупсионӣ ва муқовимат ба ин падидаи номатлуб дар доираи қонунгузории мамлакат баён дошта, тақвияти кӯшишҳои дастаҷамъона ва ҳамкориҳои густурдаро дар ин самт яке аз роҳҳои муассири ноил гардидан ба ҳадафҳои банақшагирифта арзёбӣ намуд.

Зимнан намояндагони Ҷумҳуриҳои Булғористон, Арманистон, Босня ва Ҳерсеговина дар доираи барномаи ҷаласаи пленарӣ доир ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалӣ намудани сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ, ба роҳ мондани хариди давлатии мол кор ва хизматрасонӣ, таҳкими фазои мусоиди сармоягузорӣ, инчунин, фаъолияти

мақомоти бо коррупсия мубориза баранда ба ҳайати расмии кишвар саволҳои худро пешниҳод карда, посухҳои мушаххас ва қонеъкунанда гирифтанд.

Дар қатори ҳайати расмии кишвар, инчунин намояндагони ташкилоҳои ғайридавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад карда, дар қаламрави мамлакат аз раванди ҳамкориҳои ниҳодҳои давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Ҳамзамон, Раиси Шабакаи зиддикоррупсионӣ - Драго Косс ба тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои баланд дода, изҳори боварӣ намуд, ки раванди татбиқ намудани тавсияҳои пешниҳодгардида дар оянда низ дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда мешавад.

Инчунин, дар чорабинӣ дар қатори кишварҳои болозикр намояндагони давлатҳои Амрико, Гурҷистон, Озарбойҷон, Малдова, Фаронса, Олмон, Украина, Арманистон ва дигар давлатҳои манфиатдору ташкилотҳои сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар умум, чорабинӣ дар фазои ҳусни тафоҳум ба анҷом расида, иштирокчиён изҳори боварӣ намуданд, ки таҷрибаи андӯхта барои густариши ҳамкориҳои судманд ҷиҳати ба роҳ мондани муқовимати дастаҷамъона ба коррупсия дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон заминаи мусоидро фароҳам меоварад.

Аъзоёни ҳайатҳо аз иштирок дар ин чорабинӣ таассуроти хуб бардошта, итминон дорем, ки иттилооти бадастоварда минбаъд барои дуруст муаррифӣ намудани сиёсати зиддикоррупсионии кишвар дар арсаи байналмиалӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти дастаҷамъонаи ниҳодҳои кишвар муфид хоҳад буд.

Маврид ба зикр аст, ки воқеан солҳои охир ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ дар асоси шохисҳои ҷудогона соҳаҳои муайяни давлатҳоро дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, аз рӯи он мавқеи ҳар як давлатро вобаста ба холҳои оид ба ин ё он шохис додашуда радабандӣ мекунанд ва новобаста аз он ки чунин ташкилотҳо ғайридавлатӣ ҳастанд, вале натиҷаи арзёбии онҳо байни ҷомеаи ҷаҳонӣ афкори ҷамъиятиро ба миён оварда, хулосаҳои манфии ин ташкилотҳо дар мавридҳои алоҳида монеаи пешрафт ва ташаккули баъзе кишварҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ мегарданд.

Ба ҳолати имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи 26 шохис арзёбӣ ва байни давлатҳо радабандӣ карда мешавад ва таъкид ҷоиз аст, ки ҳар як шохис оиди дилхоҳ ҷанбаҳои ҷудогонаи арзёбишаванда, вобаста ба «вазъу сатҳи коррупсия» тариқи ҳатмӣ суоли алоҳида пешбинӣ кардааст ва мусаллам аст, ки натиҷаи он аз рӯи холҳои гирифташуда баҳогузорӣ карда шуда, дар радабандии кишварҳо таъсири худро нарасонида наметавонад.

Маҳз ба ҳамин хотир бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2022, №240 оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радабандиҳои байналмилалӣ, ташвиқи ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва таҳкими симои кишвар дар арсаи байналмилалӣ Комиссияи доимамалкунанда таъсис дода шуда, ба аъзогии он тибқи замимаи 2 ҳамаи роҳбарони аввали вазорату идораҳо шомил карда шуданд.

Зимнан вазорату идораҳои дахлдор, дар баробари роҳандозии пайвастаи тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати беҳтар намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радабандиҳои байналмилалӣ, муваззаф гардонида шудаанд, ки арзёбии мавқеи Тоҷикистонро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, омилҳо ва мушкилоти ҷойдоштаро муайян намоянд.

Ҳамзамон, бо мақсади расонидани иттилооти саҳеҳ оид ба ислоҳоти дар кишвар гузаронидашаванда, ҳангоми арзёбии кишварҳо ҷиҳати беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар радабандиҳои байналмилалӣ, робита ва ҳамкориро бо созмонҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ, ки радабандиҳои байналмилалиро ташкил менамоянд, ба роҳ монанд.

Бояд тазаккур дод, ки қаблан, бо мақсади таъмини иҷрои тавсияҳои нави Шабакаи зиддикоррупсионии СҲИР, ки дар радабандиҳои байналмилалӣ таъсироти худро мегузорад, бо супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 2023 дар назди мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши директори Агентӣ аз 16 ноябри соли 2023 дар ҳайати намояндагони вазорату идораҳои дахлдор гурӯҳҳои кории байниидоравию дохилиидоравӣ таъсис дода шуда, аз ҷониби кормандони Агентӣ то давраи баргузории ҷаласаи пленарӣ бо аъзоёни гурӯҳи кории байниидоравӣ бо баргузории зиёда аз 20 семинару мизҳои мудаввар муҳиммияти масъалаи матраҳшаванда бо шарҳу тавзеҳоти татбиқи тавсияҳо фаҳмонида дода шуданд.

Вале новобаста аз ин, аъзоёни гурӯҳи корӣ ва масъулини вазорату идораҳои дахлдор ба дархостҳои пайвастаи кормандони Агентӣ маълумоти заруриро сари вақт манзур накарда, дар баъзе мавридҳо умуман аз пешниҳоди он худдорӣ менамуданд. Дар баробари ин, маълумотҳои додашуда носаҳеҳ, мухтасар ва қолабӣ буда, омори ягонаи расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва низоми судӣ вобаста ба ошкор ва натиҷаи баррасии парвандаҳои чиноятии хусусияти коррупсионидошта, бо нишондиҳандаҳои дуруст дарёфт нагардиданд.

Зимни таҳлили маълумотҳои оморӣ муайян карда шуд, ки вазъи пешбурди ҳисоботи оморӣ дар ниҳодҳои болозикр то ҳол нигаронкунанда буда, маълумотҳои пешниҳодшуда хилофи ҳамдигар ва натиҷаи ниҳоии онҳо номуайян буданд, ки ҳолати мазкур дар раванди арзёбии самтҳои баҳодиҳӣ мушкилоти зиёдеро ба миён оварда, бинобар сабаби вобаста ба як ҳолат пешниҳод намудани ҳисоботҳои мухталиф гурӯҳи мониторингӣ дурустии омори расмии кишварро зери шубҳа қарор доданд.

Ҳамзамон, монеаи дигаре, ки ҳангоми арзёбии пешакии гурӯҳи мониторингӣ барои дуруст баҳогузорӣ нагардидани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва низоми судии кишвар вобаста ба ошкор ва баррасии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти коррупсионидошта мусоидат намуд, дар он мебошад, ки дар воқеъ омори ниҳоии мутамарказ дар ин самт ба як низоми муайян даровarда нашудааст.

Новобаста аз он, ки банди 67 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) вазорату идораҳоро муваззаф гардонидааст, ки ҷиҳати таъмини иҷрои тавсияҳои нави СҲИР чораҷӯӣ намоянд, вале натиҷаи ҳисоботи гурӯҳи мониторингӣ нишон дод, ки ниҳодҳои дахлдори кишвар иҷрои ин банди барномаи давлатии зиддикоррупсиониро сарфи назар карда, бо бэътиноию бетарафии худ барои натиҷагирии манфӣ ва паст гардидани мавқеи кишвар дар радабандиҳои байналмилалӣ мусоидат намудаанд.

Аз таҳлилҳои гузаронидаи мутахассисон бармеояд, ки сабабҳои ноил нагардидан ба натиҷаи дилхоҳ ин мушаххас набудани механизми татбиқи

қонунгузорӣ, дастрас набудани иттилоот доир ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, инчунин бетарафии баъзе аз масъулини вазорату идораҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат маҳсуб меёбад. Зеро амалӣ гардонидани тавсияҳои Шабакаи зиддикоррупсионии СҲИР дар доираи Нақшаи амалҳои Истамбулии мубориза бо коррупсия танҳо ба салоҳияти мақомоти Агентӣ марбут набуда, он бо фарогирии фаъолияти тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар маҷмӯъ сиёсати зиддикоррупсионии Ҳукумати кишварро инъикос менамояд.

Боиси қайд аст, ки дар сурати аз ҷониби намояндагони бархе аз вазорату идораҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар бо масъулияти баланди касбӣ муаррифӣ намудани ҳолати воқеии дастовардҳои ҷойдоштаи кишвар дар самтҳои баҳодиҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонист, ки дар миёни кишварҳои тахти мониторинг қароргирифта мавқеи аз ин ҳам болотарро сазовор гардад.

Дар воқеъ агар ба ҳолати имрӯзаи ҷаҳони муосир назар афганем, вазъи геополитикии он бағоят ҳассос арзёбӣ гардида, тамоми давлатҳо кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, то ки бо дарёфти усулҳои муосир нуфузи худро дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон боз ҳам устувор намоянд.

Бешубҳа дар ҷомеаи мо арзёбии мусбии коршиносони ташкилоту созмонҳои сатҳи байналмилалӣ дар дилхоҳ масъалаҳои мубрам ва рӯзмарра, алалхусус, дар самти муқовимат ба коррупсия низ, ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи давлат ва ҷалби сармоягузорӣ манфиатовар аст.

Аз ин рӯ, ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро зарур аст, ки ҷиҳати анҷоми уҳдадориҳои худ дар ҳамбастагӣ фаъолият намуда, чораҳои зиддикоррупсионии андешидаи Ҳукумати кишварро дар сатҳи дахлдор муаррифӣ намоянд ва ба баҳогузории мусбии дилхоҳ коршиносони байналмилалӣ ноил гарданд.

Зеро натиҷаи хуби арзёбии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар оянда ба рушди фазои сармоягузорӣ, баланд бардоштани рейтинги давлат дар раддабандиҳои байналмилалӣ, ҷалби шарикони рушд, гранту қарзҳои имтиёзнок ва дигар масоили актуалӣ нақши муҳим бозад.

Ҳамчунин дар банди 68 Нақша (мухлати иҷро солҳои 2021-2025) масъалаи «Мутобиқнамоии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» пешбинӣ гардидааст.

Қобили қайд аст, ки Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия 31 октябри соли 2003 қабул гардида, ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ принсипҳои асосии мубориза бо коррупсия, номгӯйи чорабиниҳои муҳими зиддикоррупсионӣ ва чораҳои пешгирии коррупсияро барои давлатҳои аъзо муқаррар намудааст. То ба имрӯз 140 давлати дунё ба зери ин санади муҳими байналмилалӣ имзо гузошта, марҳила ба марҳила низоми ҳуқуқии дохилии худро ба он мутобиқ намуда истодаанд.

Бо дарки саривақтии оқибатҳои ногувори хатари коррупсия аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди омӯзиш ва мувофиқаи дохилидавлатӣ меъёрҳои Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия бо қайду шартҳои дахлдор маъқул дониста шуда, 10 сентябри соли 2005, №1601 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» ба тасвиб расида, он 25 сентябри соли 2006 дар шаҳри Нью-Йорки ИМА имзо гардид.

Бо мақсади таъмини иҷрои ухдадории байналмилалӣ дар самти муқовимат ба коррупсия бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия 16 апрели соли 2008, №952 тасдиқ (ратификатсия) гардида, тибқи талаботи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ эътироф карда шуд.

Конвенсия аз 8 боб ва 71 модда иборат буда, ҷанбаҳои гуногуни муқовимат ба коррупсияро дарбар мегирад ва муқаррароти он ба ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ паҳн мегардад. Бинобар ин, раванди иҷрои меъёрҳои Конвенсия на танҳо аз фаъолияти мақомоти Агентӣ, балки аз ҳамаи ниҳодҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вобастагӣ дорад.

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрокунандаи асосии банди 68 Нақша маҳсуб ёфта, дар маълумоти пешниҳоднамудаи худ роҷеъ ба иҷрои масъалаи мазкур, инчунин баҳри такмили қонунгузории миллӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои марбутаи кишвар омодагии хешро ҷиҳати мусоидат дар ҳамоҳангсозӣ ва ё пешниҳоди лоиҳаи санадҳои дахлдор ба кишварҳои хориҷӣ ва баръакс изҳор намудааст.

Баҳри татбиқи воқеии чорабинии мазкур дар банди 1 Нақшаи кории Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 гузаронидани мониторинги татбиқи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳои дахлдор андешидани чораҳои зарурӣ бо натиҷаи он пешбинӣ гардидааст. Ҳадаф аз пешбинӣ намудани мониторинги татбиқи Конвенсияи мазкур дар Нақшаи кории Шӯро, ин ҷамъоварӣ намудани маълумоти муфассал оид ба рафти иҷрои он дар кишвар маҳсуб ёфта, бо ин мақсад Агентӣ аз вазорату идораҳои дахлдор маълумоти хаттиро дастрас намудааст, ки баъди омӯзиш ва таҳлил тасмим гирифта шудааст, ки ҷиҳати қабули нақшаи миллии амалҳо дар ин самт унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф манзур мегардад.

Дар фасли 9 Нақшаи Стратегия, бо ба инобат гирифтани мониторинг ва баҳодиҳии «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи мазкур барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025)» дар 2 банд (69-70) чорабиниҳо пешбинӣ гардидааст.

Банди 69 Нақша «Бо мақсади муқаррар намудани сатҳи коррупсия дар ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ на камтар аз як маротиба баргузор намудани тадқиқоти сотсиологии умумӣ оид ба коррупсия ва тибқи таҳлилҳои асоснок ҳар сол тариқи интихобӣ гузаронидани тадқиқоти сотсиологии соҳавӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилалию ҷамъиятӣ ва истифодаи натиҷаи тадқиқот ҷиҳати муқаррар намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар бар гирифтааст.

Дар давраи таҳлилӣ кормандони Агентӣ бо мақсади иҷрои талаботи банди 69 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли

2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021 - 2025), банди 3 Нақшаи Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 9 Нақшаи чорабиниҳои Агентӣ оид ба таъмини иҷрои қарори Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 2024, №31/4-32 дар ҳамбастагӣ бо Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдор як қатор тадбирҳои заруриро амалӣ намуданд.

Боиси қайд аст, ки соли 2023 Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрокунандаи аввали банди 69 нақшаи амалисозии барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ маҳсуб меёбад, омодагии худро ҷиҳати баргузории таҳқиқоти сотсиологӣ оид ба арзёбии сатҳи коррупсия дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ иброз дошт, вале бинобар набудани имконияти молиявӣ иҷрои ин банд мавқуф гузошта шуд.

Дар ин замина, дар асоси Платформаи шарикии байни Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари барномаҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Душанбе барои солҳои 2023-2024, инчунин зимни мулоқоти дуҷонибаи роҳбарияти Агентӣ бо роҳбари Дафтари мазкур - Юкка Туоннонен, охирин омодагии хешро барои қисман маблағгузорӣ

кардани чорабинии болозикр иброз дошта, дар ин хусус тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2024, №2/15-13 (9905) изҳороти худро унвонии Агентӣ расман пешниҳод намуд.

Масоили мазкур якчанд маротиба дар Агентӣ бо иштироки коршиноси байналмилалӣ Татяна Виноградова ва намояндагони мақомоти давлатию ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ташкили чорабиниҳои ҳузурӣ ва маҷозӣ матраҳ гардида, Методологияи гузаронидани таҳқиқоти маҷмӯии сотсиологӣ оид ба дарки ҷомеа дар бораи коррупсия ва саволномаи намунавии он таҳия карда шуд.

Баъдан бо пазироӣ аз ин тасмими Дафтари барномаҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Душанбе номаи расмии Агентӣ унвонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби расмӣ аз 2 декабри соли 2024, №11-3636 ирсол гардида, миёни Дафтар ва мақомот дар хусуси тақсими хароҷот ҷиҳати мусоидат барои гузаронидани таҳқиқоти маҷмӯии сотсиологӣ оид ба дарки ҷомеа дар бораи коррупсия аз ҷониби шаҳрвандон созишнома ба имзо расид.

Маврид ба зикр аст, ки тибқи сметаи хароҷотии аз ҷониби Маркази тадқиқоти стратегӣ пешниҳодгардида, дар маҷмуъ барои гузаронидани ин чорабинӣ 411037,28 (чорсаду ёздаҳ ҳазору сиюҳафт) сомонӣ тақозо мегардад, ки аз ин ҳисоб Дафтари барномаҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Душанбе хароҷоти 62,5% (то 25000 евро)-ро аз ҳисоби хароҷоти умумии чорабинӣ ба уҳда гирифта, пардохти хароҷоти маблағҳои боқимонда дар ҳаҷми 37,5% ба зиммаи Агентӣ вогузор шудааст.

Баргузории марҳилаи якуми таҳқиқоти маҷмӯии сотсиологӣ оид ба дарки ҷомеа дар бораи коррупсия дар марҳилаи якуми соли 2025 оғоз гардида, он иродаи устувори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат ба коррупсия нишон медиҳад ва бо натиҷаи ин чорабинӣ кӯшишҳо бахри паст кардани шиддати ин падидаи номатлуб боз ҳам тақвият бахшида шуда, ин иқдом ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ заминаи мусоидро фароҳам меоварад.

Дар банди 70 Нақша «Мониторинги иҷрои Стратегия ва баррасии натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия» пешбинӣ карда шудааст.

Вобаста ба иҷрои ин банд мониторинги ҳолати иҷрои Стратегия аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 гузаронида шуд, ки натиҷаи он чунин арзёбӣ мегардад.

## Н А Т И Ҷ А И

таъмини иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар давраи соли 2024 дар шакли ҷадвал

| **Бандҳои Нақшаи Стратегия** | **Иҷрокунандагони асосӣ** | **Мӯҳлати иҷро** | **Қайд оид ба иҷро** |
|---|---|---|---|
| Банди 1 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи | Соли 2021 | иҷро |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | | |
| Банди 2 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | Соли 2021 | иҷро |
| Банди 3 | Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 4 | Вазорати молия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 5 | Агентии хизмати давлатӣ | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 6 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Бонки миллӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилоту муассисаҳои дигари давлатӣ | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 7 | Агентии хизмати давлатӣ | Солҳои 2021-2024 |ноиҷро |
| Банди 8 | Прокуратураи генералӣ | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 9 | Агентии хизмати давлатӣ | Солҳои 2021-2025 | Тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, фаъолият дар ин самт идома дорад. |
| Банди 10 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад шудааст |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Банди 11 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Солҳои 2021-2022 | ноиҷро |
| Банди 12 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Солҳои 2021-2025 | Тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, фаъолият дар ин самт идома дорад. |
| Банди 13 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Солҳои 2021-2025 | Тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, фаъолият дар ин самт идома дорад. |
| Банди 14 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Солҳои 2021-2025 | Тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, фаъолият дар ин самт идома дорад. |
| Банди 15 | Хадамоти зиддиинҳисорӣ | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 16 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Солҳои 2021-2023 | ноиҷро |
| Банди 17 | Мақомоти судӣ | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 18 | Мақомоти судӣ | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 19 | Суди Олӣ | Солҳои 2021-2023 | иҷро |
| Банди 20 | Академияи идоракунии давлатӣ | Солҳои 2021-2023 | иҷро |
| Банди 21 | Вазорати маориф ва илм | Солҳои 2022-2024 | иҷро |
| Банди 22 | Вазорати маориф ва илм | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 23 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак | Солҳои 2021-2025 | Тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, фаъолият дар ин самт идома дорад. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | | |
| Банди 24 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Солҳои 2021-2023 | иҷро |
| Банди 25 | Вазорати корҳои дохилӣ | Солҳои 2021-2025 | Қисман иҷро |
| Банди 26 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Солҳои 2021-2022 | ноиҷро |
| Банди 27 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 28 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Мунтазам | қисман иҷро |
| Банди 29 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Солҳои 2021-2025 | Тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, фаъолият дар ин самт идома дорад. |
| Банди 30 | Кумитаи андоз | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 31 | Вазорати молия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 32 | Кумитаи андоз | Солҳои 2021-2023 | қисман иҷро |
| Банди 33 | Кумитаи андоз | Солҳои 2021-2023 | иҷро |
| Банди 34 | Кумитаи андоз | Солҳои 2021-2022 | иҷро |
| Банди 35 | Хадамоти гумрук | Солҳои 2021-2025 | Тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, фаъолият дар ин самт идома дорад. |
| Банди 36 | Хадамоти гумрук | Солҳои 2021-2022 | иҷро |
| Банди 37 | Хадамоти гумрук | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 38 | Хадамотҳои гумрук | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Банди 39 | Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 40 | Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ | Мунтазам | Қисман иҷро |
| Банди 41 | Вазорати адлия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 42 | Вазорати адлия | Солҳои 2021-2023 | ноиҷро |
| Банди 43 | Вазорати адлия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 44 | Бонки миллӣ | Солҳои 2021-2023 | иҷро |
| Банди 45 | Бонки миллӣ | Солҳои 2021-2023 | иҷро |
| Банди 46 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Солҳои 2021-2023 | иҷро |
| Банди 47 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Мунтазам | Қисман иҷро |
| Банди 48 | Кумитаи телевизион ва радио | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 49 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 50 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2022 | иҷро |
| Банди 51 | Вазорати молия | То соли 2025 | Қисман иҷро |
| Банди 52 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти | Мунтазам | қисман иҷро |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар новобаста аз шакли моликият | | |
| Банди 53 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 54 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 55 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 56 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | То соли 2025 | қисман иҷро |
| Банди 57 | Бонки миллӣ | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 58 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 59 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 60 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2023 | ноиҷро |
| Банди 61 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2022 | ноиҷро |
| Банди 62 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2022 | иҷро |
| Банди 63 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | То соли 2025 | Тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, фаъолият дар ин самт идома дорад |
| Банди 64 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Банди 65 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 66 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Мунтазам | Дар давраи таҳлилӣ фаъолият қаноатбахш мебошад |
| Банди 67 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Солҳои 2021-2025 | Муҳлати татбиқи ин чорабинӣ то соли 2025 идома дошта, дар соли 2023 корҳои зиёд анҷом дода шудааст |
| Банди 68 | Вазорати корҳои хориҷӣ | Солҳои 2021-2025 | қисман иҷро |
| Банди 69 | Маркази тадқиқоти стратегӣ | Солҳои 2021-2025 | Тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, фаъолият дар ин самт идома дорад. |
| Банди 70 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Феврали соли 2025 барои соли 2024 ҷамъбасти Стратегия | иҷро |

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ аз он хотире, ки чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ маҳз дар доираи барномаву стратегияҳои давлатӣ амалӣ карда шуда, ин худ гувоҳи ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва кафолати ноил гардидан ба дастовардҳо арзёбӣ мегардад, хуб шинохта шудааст.

Айни ҳол дар Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия муҳлати иҷрои 16 банд солҳои 2021-2025 (8, 9, 12, 13, 14, 17, 23, 25, 27, 35, 58, 59, 67, 68, 69, 70) ва 3 банд (51, 56, 63) то соли 2025 пешбинӣ гардида, масъулинро зарур аст, ки дар муҳлати муқарраргардида иҷрои ин бандҳоро таъмин намоянд.

Новобаста аз идома доштани муҳлати амали ин чорабиниҳо, аз 19 банди муҳлати амалашон дар солҳои 2021-2025 пешбинигардида, бо 9 банд (9, 12, 23, 69, 70, 13, 14, 35, 63) фаъолият қаноатбахш ба роҳ монда шуда, вобаста ба татбиқи 10 банди дигар бошад, (8, 17, 25, 27, 51, 56, 58, 59, 67, 68) фаъолияти мақомоти давлатӣ беҳбудиро тақозо менамояд.

Дар баробари ин, муҳлати иҷрои 29 банди Нақша (3, 4, 5, 6, 10, 15, 18, 22, 28, 29, 30, 31, 37, 38, 39, 40, 41, 43, 47, 48, 49, 52, 53, 54, 55, 57, 64, 65, 66) тариқи мунтазам пешбинӣ карда шудааст.

Аз ин ҳисоб, доир ба иҷрои 24 банд (3, 4, 5, 6, 10, 15, 22, 29, 30, 31, 37, 38, 39, 41, 43, 48, 49, 53, 54, 55, 57, 64, 65, 66) фаъолият хуб ба роҳ монда шуда,

вобаста ба иҷрои бандҳои 18, 28, 40, 47 ва 52 бошад, иҷрокунандагонро зарур аст, ки фаъолиятро дар ин самт боз ҳам ҷоннок намоянд.

Аз натиҷаи мониторинги ҳолати иҷрои Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он дар соли 2024 бармеояд, ки муҳлати иҷрои 20 банди Нақша дар солҳои 2021-2023 ва 2 банд дар соли 2024 пешбинӣ гардида, аз ин ҳисоб талаботи 15 банд (1, 2, 19, 20, 21, 24, 32, 33, 34, 36, 44, 45, 46, 50, 62), ки 68,2% -ро ташкил медиҳад, пурра иҷро, вале 7 банди дигар (7, 11, 16, 26, 42, 60, 61), ки 31,8 %-ро ташкил медиҳад ба иҷро расонида нашудааст.

Ҳамин тариқ, натиҷаи мониторинги ҳолати иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нишон дод, ки аз 70 банди Нақшаи Стратегия, ки муҳлати иҷрои 22 банди он ба итмом расида, 48 банди дигар то солҳои 2025 муҳлат доранд, дар маҷмӯъ иҷрои 48 банд ё худ 68,6% пурра, 15 банд ё худ 21,4% қисман таъмин гардида, 7 банди дигари он ё худ 10,% амалӣ карда нашудааст.

Зикр намудан ҷоиз аст, ки солҳои охир ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ дар асоси шохисҳои ҷудогона, соҳаҳои муайяни давлатҳоро дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, аз рӯи он мавқеи ҳар як давлатро вобаста ба холҳои оид ба ин ё он шохис додашуда радабандӣ мекунанд ва новобаста аз он ки чунин ташкилотҳо ғайридавлатӣ ҳастанд, вале натиҷаи арзёбии онҳо байни ҷомеаи ҷаҳонӣ афкори ҷамъиятиро ба миён оварда, хулосаҳои манфии ин ташкилотҳо дар мавридҳои алоҳида монеаи пешрафт ва ташаккули баъзе кишварҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ мегарданд.

Ба ҳолати имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи 26 шохис арзёбӣ ва байни давлатҳо радабандӣ карда мешавад ва дар ин ҷода нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар он аст, ки ҳар як шохис оиди дилхоҳ ҷанбаҳои ҷудогонаи арзёбишаванда, вобаста ба «вазъу сатҳи коррупсия» тариқи ҳатмӣ суоли алоҳида пешбинӣ кардааст ва мусаллам аст, ки натиҷаи он аз рӯи холҳои гирифташуда баҳогузорӣ карда шуда, дар радабандии кишварҳо таъсири худро нарасонида наметавонад.

Бинобар ин, ҷиҳати татбиқи муваффақонаи ин Барномаи зиддикоррупсионӣ, ки дар арзёбии мавқеи Тоҷикистон таъсиргузор аст ва барои натиҷагирӣ аз он, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки ҳамасола дар сохтори худ нақшаҳои дохилиидоравии зиддикоррупсионии мукаммалро ба тасвиб расонида, иҷрои саривақтӣ ва пурраи чорабиниҳои тарҳрезигардидаро таъмин намоянд.

Зеро тамоми тадбирҳои дар Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия пешбинишуда бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои пешгузошта, аз қабили баланд бардоштани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ, пешгирӣ намудани коррупсия дар байни онҳо, баланд бардоштани руҳияи хизматчиёни ҷавон, пешгирии коррупсия дар соҳаҳои андоз, гумрук, замин ва ғайра, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ ва соддагардонии барасмиятдарории амалиётҳо, баррасии холисонаи арзу мурoҷиатҳо аз ҷониби ниҳодҳои мустақил, рушди рақобат миёни таҳвилгарон ва баланд гардидани самаранокии харидҳои давлатӣ, пешгирии коррупсия ҳангоми баррасии парвандаҳо дар судҳо, таъмини шаффофият дар фаъолияти судҳо, бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти андоз ва андозсупорандагон, ҷалби

бештари шаҳрвандон ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, пешгирӣ намудани ҳодисаҳои қочоқ, пешгирии коррупсия дар зинаҳои поёнии маъмурӣ ва аз байн бурдани бархӯрди манфиатҳо ҳангоми татбиқи қонунгузории ҷиноятию маъмурӣ ва даҳҳо дигар натиҷаҳои мусбӣ равона карда шудаанд.

Маҷмӯи чораҳои назоратӣ, санҷишӣ, таҳлилӣ, ахборотӣ ва арзёбии тадбирҳо, ки давра ба давра дар ҷараёни амалигардонии Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия гузаронида мешаванд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин санади барномавӣ ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсии зиддикоррупсионии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои коҳиш додани сатҳи коррупсия дар кишвар ва бартараф намудани он равона карда шудааст, бевосита мусоидат намуда, боварӣ дорем, ки дар сурати амалисозии воқеии чорабиниҳои дар он пешбинишуда дар маҷмӯъ ба натиҷаҳои чашмдошт муваффақ хоҳем гашт.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои дар Стратегия пешбинишуда, тамоми вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилоту муассисаҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолияти самаранок анҷом диҳанд.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза
бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон